Афзоиши тамоюлҳои назарфиребӣ, дурӯғпароканӣ, тафриқаандозӣ, вусъатёбии ҷангҳои иттилоотӣ ва фаъолияти муғризонаи гурӯҳҳои ифротӣ дар фазои иттилоотӣ масъалаҳои баланд бардоштани саводи иттилоотӣ ва нақши таълимро дар ташаккули тафаккури бошуурона, қобилияти арзёбии

рӯйдодҳову интихоби манбаҳои муътамади иттилоот, ба шаклгирии афкори солими иҷтимоӣ аҳаммияти хосса мебахшад.

Бо ин дарназардошт, масъалаи омода намудани омӯзгорони типи нав яке аз воситаҳои муҳимтарини муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ тариқи низоми таълиму тарбия дар шароити муосир ба миён меояд. «Бояд на танҳо худи омӯзгорон тафаккури танқидӣ дошта бошанд ва доираи васеи иттилоотро таҳлил карда тавонанд, балки онҳо қодир бошанд, ки ба донишҷӯён фарҳанги иттилоотиро омӯзонанд» [18, 234].

Аз ин ҷиҳат нақши маориф, ҳамчун унсури идоракунии афкори ҷамъиятӣ, на танҳо мубрам, балки мазмуну моҳияти навро ба худ касб менамояд. Маориф барои навсозииии динамикии ҷомеа омили муҳимтарин мебошад. Неруи зеҳнӣ яке аз воситаҳои асосии ташаккули ҳувияти миллӣ иҷтимоикунонии сиёсӣ мебошад, ки меҳвари марказии онро низоми маориф ташаккул медиҳад. Маҳз маориф самтҳои асосии арзишҳои шахсро муайян ва афзалиятҳои сиёсию идеологиро ташаккул медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, «монеъ шудан ба пастравии неруҳои зеҳнии мамлакат» [11] аз ҷумлаи тадбирҳо барои таъмини амнияти давлатӣ равонашуда ва «мукаммал гардонидани зеҳн бо роҳи фароҳам овардани шароит барои инкишофи шахс» [10], ҳамчун вазифа дар соҳаи маориф, муайян гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки соли 2023 дар кишвар 3995 адад муассисаҳои миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 60 адад муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 84 адад муассисаҳои миёнаи касбӣ ва 46 адад муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар низоми маорифи кишвар фаъол буданд [4, 46, 51, 53, 61]. Фаъолияти босамари ниҳодҳои мазкур, хусусан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷиҳати иҷтимоикунонии қишри осебпазири аҳолӣ – наврасону ҷавонон аҳаммияти калон дошта, норасоии 2670 омӯзгор пас аз анҷоми соли хониши 2023–2024 дар зинаи таҳсилотии мазкур [17] яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба шумор меравад.

Ба андешаи мо, дигар нуқтаи муҳим рушди илмият ва ҷоннок намудани истифодаи он дар амалияи педагогӣ мебошад. Дар робита ба ин, «омӯзгор ба ҳайси муҳаққиқ барои дар амалияи таълимӣ татбиқ гардидани коркардҳои назариявӣ ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи худ имкони бештар дорад. Яъне ӯ метавонад дар радифи донишҳои назариявӣ таваҷҷуҳи шогирдони худро ба дониши амалӣ ҷалб намояд» [20].

Ҳамгироӣ бо ҳадафҳои стратегӣ, дарки аҳаммияти онҳо ва ташаккули дидгоҳи равшан ба ояндаи дурахшон аз шартҳои муҳим барои пешгирии иғвоангезӣ, ҳаракатҳои харобиовари оммавӣ ва таъмини суботи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тавзеҳу тафсири масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар маҳз ба аҳли илму маориф тааллуқ дорад, зеро нақши онҳо дар таҳияи санадҳои муҳимми банақшагирии стратегӣ бориз мебошад.

Дар шароити ҳуҷумҳои иттилоотӣ олимону донишмандонро ҷиҳати

таҳияи барномаҳои фарогири дастовардҳои муосири илму педагогика, ки ба ташаккули шуур ҷиҳати арзёбии шоистаи истиқлоли давлатӣ, анъанаҳои миллӣ, таҳаммулпазирӣ, муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист равона шудааст, зарур мебошад. Тарҳу роҳандозӣ кардани фанҳои махсус роҷеъ ба мавзуъҳои зикршуда зарур набуда, пешниҳоди намунаҳои амалӣ дар ҷараёни барномаҳои мазкур бо мақсади таҳкими шуури ҷамъиятӣ ва муқовимат ба таъсири манфии баъзе иғвоҳои иттилоотӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ҷараёни дарсҳо барои донишҷӯён ва таълимгирандагони мактабҳои миёна ва олӣ на танҳо дониш дар бораи асосҳои фан, балки ҳамзамон масъалаи инкишоф додани шуурнокӣ ва тафаккури мантиқии онҳо бояд ҳамчун ҳадафи асосӣ дар ҷараёни таълим бошад. Ба роҳ мондани усули ҳавасмандгардонӣ низ ба раванди омӯзиш таъсири мусбат дорад.

Сарфи назар аз гуфтаҳои болозикр, таҳлили коршиносон зарфияти илмию зеҳниро нигаронкунанда арзёбӣ намуда, ба талаботи зарурӣ ҷавобгӯй набудани сатҳу сифати мутахассисони илмии соҳибунвонро дар аксари муассисаҳои таълимӣ қайд менамоянд [12, 287], ки масъалаи бозбинӣ намудани низоми омода кардани кадрҳои илмиро ва такмили механизмҳои самараноки рушди касбии онҳоро ба миён меорад.

Ҳамин тариқ, маориф ҳамчун унсури муҳим ва созанда дар марҳалаҳои гуногуну мураккаб чун омили иҷтимоикунонии шуури сиёсӣ иқтидори заминавиро ташаккул дода, ҷиҳати таъмини побарҷойии шуурнокӣ унсури муҳимми низоми идоракунии афкори ҷамъиятӣ мебошад.

IV. Омили фарҳангӣ унсури ниҳоии баррасишаванда мебошад. Дар умум, мафҳуми фарҳанг универсалӣ буда, аксар аз илмҳо доир ба инсон ва ҷомеа тафсири хосаи истилоҳи мазкурро доро аст. Фарҳанг маҷмуи арзишҳои моддию маънавӣ, ки ба рушди маънавӣ, қонеъ гардондани завқу ҳиссиёти зебоипарастии шахс ва ташаккули шахсият равона гардидаанд, фаҳмида мешавад.

Дар шароити муосир ҷаҳонишавии фарҳанг барои халқи тоҷик меҳвари ҳувияти миллиро дар марҳалаи нави давлатдорӣ ташкил намуда, нақши он дар таносуб ба унсурҳои дигар васеъ ва амиқтар мебошад. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла, ҷаҳонӣ гардидани Наврӯз, таҷлили ҷашнҳои Сада, Меҳргон, Тиргон, бузургдошти “Соли тамаддуни ориёӣ” (соли 2006) ва 1100-солагии давлати Сомониён, 2500-солагии Истаравшани бостонӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, Соли бузургдошти Имоми Аъзам (соли 2009) ҷашн гирифта шуд, ки ҷиҳати эҳёи ҳисси баланди тамаддун ва ҳувияти миллӣ самараи мусбат гузошт.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ баъзан омилҳои номатлуби он, бахусус, падидаи омехта шудани фарҳангҳо (мултикултурализм) мавриди назар қарор мегирад. Ба мисол, аз чунин чолишҳо давлатҳои абарқудрат низ эмин набуда, бинобар афзоиши ҷараёни муҳоҷират таҳрифи низоми фарҳангӣ ва

куллан тағйир ёфтани ҳувияти халқ, яъне бегонашавии фарҳангӣ эҳтимол дорад [14, 201].

Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки аксар аз давлатҳои пешрафтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз ба василаи паҳнсозии фарҳанги худ ва моил сохтани гурӯҳои калаванда ба мансубияту ҳамгирой бо арзишҳои фарҳангии миллаташон нуфузи худро дар саросари ҷаҳон афзун намудаанд.

Мусаллам аст, ки шуур ва фарҳанг ба ҳам алоқамандии жарф дошта, ташаккули шуур бе фарҳанг ва тағйир ёфтани фарҳанг бе таъсир ба шуур ғайриимкон мебошад. Ҳуҷумҳои фарҳангӣ батадириҷ боиси ғасби шуури ҷомеа ва аз даст додани механизмҳои анъанавии таъсир ба афкори ҷамъиятӣ мубаддал гашта метавонад, ки дар навбати худ ба тавсеаи таъсири беруна табдил мегардад.

Маҳз бо ин назардошт аксар олимон ба мубрамнок будани таҳқиқоти муҳаққиқ Ҷ.Най тазаккур дода, нақши падидаи “неруи нарм”-ро чун механизми муосир ва ҳамзамон, муассири таҳоҷумҳои батадриҷи сиёсӣ, ки бо василаи моил сохтани маҳз аҳолии дигар кишварҳо ба манфиатҳои худ амалӣ карда мешавад, қайд мекунанд.

Худи муҳаққиқ падидаи мазкурро чун қобилияте, ки тавассути ҷалби арзишҳо, фарҳанг ва сиёсати ҷолиб ба рафтори дигарон таъсир мерасонад, на тавассути маҷбуркунӣ ё подош, тавзеҳ менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили матолиби пажуҳишгар Ҷ. Най, “неруи нарм”-ро ҳамчун шакли идоракунии афкори ҷамъиятӣ қайд кард, ки он ба воситаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1. Густариши фарҳангӣ (экспансияи фарҳангӣ) дар маводҳои таҳлилшуда густариши ҷаҳонии филмҳо, мусиқӣ, донишгоҳҳо ва брендҳои маъруф ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба тасаввуроти дигарон дар бораи ҳамаи кишварҳо нақш доранд. Имрӯзҳо дар ин самт нақши филмҳо беназир мебошад.

2. Эҷоди тасаввуроти ҷолиби кишвар–бо истифода аз тамоми омилҳои мавҷуда сохтани филмҳо ва дигар наворҳои ҷолибу кӯтоҳ ба кишварҳо имкони муаррифии бештарро фароҳам месозад.

3. Бартарии иттилоотӣ тавассути воситаҳои иттилоотӣ паҳн ва саривақт расонидани иттилоот метавонад раванди идораи афкори ҷамъиятиро осон намуда, онро аз иттилооти таҳрифшуда ҳифз намояд.

Дар маҷмуъ, ин як воситаи ташаккули тасаввуроти дилхоҳ дар зеҳни ҷомеаи байналмилалӣ мебошад, яъне шакли нозуки идоракунии афкори омма дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Ҷиҳати эҳёи арзишҳо ва сарватҳои миллӣ ташаббусҳои созанда роҳандозӣ гардида, заминаи муфид ва мусоид барои истифодаи неруи нарм чун механизми таҳкими ин арзишҳои фарҳангии миллӣ дар дохили мамлакат ва густаришу муаррифии он дар хориҷи кишвар заминаи муфид фароҳам меорад.

Маҳз тавассути баргузории чорабиниҳои пурмуҳтавои фарҳангӣ, ки ба таҳкими завқ ва ҳавасмандӣ дар заминаи анъанаҳо, арзишҳо ва маънавиёти миллӣ равона шудаанд, заминаи мусоидро барои ташаккули самтгирии муассири афкори ҷамъиятӣ ба самтҳои авлавиятноки рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фароҳам овардан имкон дорад.

Бо дарназардошти нақши таҳрикдиҳандаи фарҳанг дар рушди маънавиёти ҷомеа сиёсати давлатии имрӯза мувофиқи "Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" инкишофи иҷтимоию фарҳангии минтақаҳоро тариқи «татбиқи амалии барнома ва лоиҳаҳои пурмуҳтаво ва таъсирбахш» [9], ҳамчун афзалиятҳои соҳа, муайян намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки пас аз қабули Консепсияи болозикр, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2005, №501 тасдиқ гардидааст, тайи солҳои 2006–2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бист "Барномаи давлатии рушди соҳаи фарҳанг"-ро ба маблағи умумии 204 млн 979 ҳазор сомонӣ қабул намуда, айни ҳол «Барномаи давлатии рушд" амалӣ гардида истодааст, ки яке аз барномаҳои меҳварии соҳа мебошад.

Дар доираи Барномаи мазкур 16 вазифаи мушаххас матраҳ гардидаанд, ки доир ба масъалаи идоракунии афкори ҷамъиятӣ нақши муассир доранд:

–баланд бардоштани сатҳу сифати чорабиниҳои фарҳангӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои фарҳангии мамлакат;

–андешидани тадбирҳои муассир бо мақсади эҳё, ҳифз, рушд ва тарғиби мероси ғановатманди фарҳанги миллӣ дар дохил ва хориҷи кишвар.

Дар иртибот ба таъсирбахшӣ мушкилоти соҳа, яъне масоили мукаммалгардонии самтҳо, мундариҷа ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар соҳаи фарҳанг мебошад. Такмили сатҳу сифати хизматрасонии фарҳангӣ бо рушди бозори хизматрасониҳои он алоқамандии бевосита дорад. «Бозори хизматрасонии фарҳангӣ маҷмуи истеъмолкунандагони мавҷуда ва эҳтимолӣ мебошад, ки манфиатҳо ва эҳтиёҷоти мувофиқ доранд ва дар вақти фароғати худ бо мақсади ошноӣ бо арзишҳои фарҳангӣ ва ба даст овардани лаззати эстетикӣ аз ин хидмат истифода мебаранд» [8, 66].

Услубу василаҳои муассир сохтани нуфузи фарҳанг дар марҳалаи нави рушди давлатдории миллӣ яке аз масъалаҳои мубрам мебошад. Мушкилоти таъмиру азнавсозии иншооти фарҳангӣ низ бо дарназардошти ба талаботи зарурӣ ҷавобгӯй набудани муҳтавои хизматрасониҳо барои истеъмолкунандагон алоқаманд мебошад. Албатта, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ имкони васеътари дастрасӣ ба арзишҳои муосири умумибашарӣ сатҳу сифати чунин эҷодиётҳои фарҳангию фароғатӣ омили коҳиши ҷолибнокии бозори дохилии хизматрасониҳои фарҳангӣ маҳсуб мегардад.

Истифодаи филму наворҳо, мусиқӣ, асару эҷодиёти дигар, албатта, барои шиносоиву баҳрамандӣ аз арзишҳои умумибашарӣ ва ҳамгироӣ бо фарҳангҳои дигар муносиб мебошад, вале бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба матолибу

эҷодиёти фарҳангии ватанӣ боиси афзоиши хурофоту таассубҳои гуногун ва дар умум, афзоиши бегонапарасии тамаддун гардида, чунин ҳолат бахусус дар қишрҳои осебпазири иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷавонон мушоҳида мегардад.

Ҳамзамон, зимни суханронии Роҳбари давлат бобати вусъат ёфтани чунин омилҳои номатлубу ба фарҳанги миллӣ бегона, ба мисли хурофоту намоишкорӣ таъкид мегардад, ки ин падидаҳо ҳамчун яе аз омилҳои коҳиши ҷомеаҳои пуриқтидори даврони қадим низ ба шумор меравад.

Коҳиши ахлоқӣ дар заминаи афзудани арзишҳои замонавии намоишкорӣ, баробар кардани ҳуқуқи ақаллият ба аксарият, норавшан кардани арзишҳо ва мафҳумҳои анъанавӣ дар бораи қарзи шаҳрвандӣ, гарави худкушии ҷомеа мебошад [19,120] ва вазифаи асосии фарҳанг, ҳамчун яке аз унсурҳои идоракунии афкори ҷамъиятӣ, пешгирӣ намудан аз ҳолатҳои мазкур тариқи муассир сохтани низоми чорабиниҳо, эҷодиёт ва дар маҷмуъ, бозори хизматрасониҳои фарҳангӣ мебошад.

Ҳамин тавр, шароити кунунӣ талаботро ба идораи афкори ҷамъиятӣ афзуда, дар баробар ин, аз тамоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ талоши ҳар чи бештарро дар ин роҳ тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Central Asia Embarks on 5G While 4G is Still Lacking // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.ookla.com/articles/central-asia-5g-4g-performance-q1-2023 (Санаи муроҷиат: 08.07.2024).
2. Digital 2024: Tajikistan // DataReportal – Global Digital Insight [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://datareportal.com /reports/digital-2024-tajikistan
3. Абдуджалилов А. Общее учение об интернете. // А. Абдуджалилов. [матн] Монография. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 232 с.
4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 (нашри расмӣ). –С. 428.
5. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://president.tj /event/news/10369. (Санаи муроҷиат: 25.04.2025).
6. “Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон–«Адлия» [Захираи электронӣ].–Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj (Санаи муроҷиат: 15.08.2024).
7. Забнева, Э. Образование как детерминант политической социализации / Э. Забнева // Актуальная культура. – 2023. –№ 1.
8. Каримзода Р. Танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Саидзода Иззатулло Ҳабибулло, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – 200 с.

9. “Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 декабри соли 2005, –№ 501 // Махзани мутамаркази иттилоотию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон–«Адлия» [Захираи электронӣ].–Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj (Санаи муроҷиат: 15.08.2024).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004//[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj (Санаи муроҷиат: 16.08.2024).

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721// [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj (Санаи муроҷиат: 15.08.2024).

12. Қурбонов А. Баъзе хусусиятҳои рушди маориф дар замони муосир / А. Қурбонов, Ф. Амиров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – N2 (78). – P. 282–290.

13. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023. –Душанбе. –С. 395 [88].

14. Ниг: Сургуладзе В. Кризис идеологии мультикультурализма и уроки межнациональных отношений в США в первой четверти XXI в / В. Сургуладзе // Проблемы национальной стратегии. – 2017. –№ 3(42). –С. 200–204.

15. Нишасти матбуотии Кумита// [Захираи иттилоотӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tvsayohi.tj/archives/9103 (Санаи муроҷиат: 22.07.2024).

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj /event/missives/27245 (Санаи муроҷиат: 09.07.2024).

17. Раҳим Саидзода: Дар Тоҷикистон 2 ҳазору 670 омӯзгор намерасад // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://asiaplustj.info /news/tajikistan/20240726/raim-saidzoda-dar-toikiston-2azoru-670-omzgor-namerasad (Санаи муроҷиат:26.07.2024).

18. Сафарализода Х. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. –420 с.

19. Сургуладзе В. Мировая политик в зеркале современного политологического анализа: политические процессы, политика идентичности, стратегия и технологии. Монография / Вахтанг Сургуладзе. – М.: Аналитическая группа «СТК», 2019.–652 с. –(Мир в сетях идеологии). [–452 с].

20. Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj /event/speeches/37699 (санаи муроҷиат: 27.07.2024).

21. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. Кохи Ваҳдат, 9 марти соли 2024. –Душанбе: «Шарқи

озод», 2024. – 64 с.

22. Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо. Маводи Симпозиуми байналмилалии илмӣ, 5-6-уми сентябри соли 2021. – Душанабе: Дониш, 2021. – 728 с. [–262 с].

## ИНСТИТУТЫ УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВЕННЫМ МНЕНИЕМ И ИХ АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ

**ШАРИФХОНЗОДА МОХИРА ШАРИФХОН,**
соискатель кафедры международных отношений Национального университета Таджикистана, ведущий специалист Управления анализа внутренней политики и прогнозирования Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шохтемур 27;
тел: (+992) 918-36-21-22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

*В данной статье рассматривается проблема общественного мнения, в частности институтов, управляющих им. Изучение теоретических аспектов общественного мнения и институтов, управляющих им, приобретает особую актуальность в современных условиях, учитывая рост глобальных угроз.*

*Таким образом, общественное мнение играет решающую роль в политических процессах всех стран мира, и его всестороннее изучение приносит огромную пользу во все времена.*

*Наряду с изучением, общественное мнение требует эффективного управления. Его изучение и управление имеют ключевое значение для политической стабильности, социальной интеграции и адаптации к меняющимся общественным условиям. В современных условиях существуют различные механизмы управления общественным мнением, и эту функцию берут на себя различные институты.*

*Обширный анализ научных источников показывает, что управление общественным мнением зависит от следующих институтов и их основных факторов и элементов: средств массовой информации, Интернета и социальных сетей, системы образования, а также культурных факторов.*

***Ключевые слова:*** *обучение, управление, политическая стабильность, общественное мнение, институты, политические процессы, средства массовой информации, интернет, социальные сети, образование, культурные факторы*

# INSTITUTIONS FOR THE MANAGEMENT OF PUBLIC OPINION AND ITS CURRENT ISSUES

**SHARIFKHONZODA MOHIRA SHARIFKHON,**
Applicant of the Department of International Relations of the National University of Tajikistan, leading specialist of the Department of analysis and forecasting of domestic policy of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 918-36-21-22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

*This article examines the problem of public opinion, particularly the institutions that management it. The study of theoretical aspects of public opinion and the institutions that management it is particularly relevant in today's context, given the rise of global threats. Thus, public opinion plays a decisive role in the political processes of all countries of the world, and its comprehensive study brings enormous benefits at all times. Along with research, public opinion requires effective management.*

*Its study and management are key to political stability, social integration, and adaptation to changing social conditions. In modern conditions, various mechanisms for managing public opinion exist, and this function is assumed by various institutions. A comprehensive analysis of scientific sources shows that public opinion management depends on the following institutions and their main functions: factors and elements: mass media, the Internet and social networks, the education system, as well as cultural factors.*

***Keywords:*** *education, management, political stability, public opinion, institutions, political processes, mass media, Internet, social networks, education, cultural factors.*

**УДК: 342.511(575.3)**

# ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ГАДОЕВ АБДУРАСУЛ ЭСАНБОЕВИЧ,**
докторанти курси дуюми Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, гузаргоҳи 1;
тел.: (+992) 201-54-00-08; e-mail: tablig22@mail.ru.

*Ҷомеаи инсонӣ роҳи дурударози инкишофро тай намудааст. Вобаста ба давру замон ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар шаклҳои гуногун ба вуҷуд омада, низом ва системаи сиёсии ҷомеаро ташаккул ва тағйир додаанд. Дар шароити кунунӣ ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқие, ки ба ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёд равона карда шудааст, фаъолияти мунтазами рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва алоқамандии онҳо бо сохторҳои ҷомеаи муосири мутамаддин аҳаммияти вижа касб менамояд. Дар мақола заминаҳои рушди таърихию сиёсии ниҳоди президентӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар раванди таҳлил ва пажуҳиш бештар ба асарҳои муҳаққиқони ватанӣ такя намуда, хулосаҳои амиқеро рӯйи кор овардааст.*

***Калидвожаҳо***: *Президент, Ҳукумат, истиқлол, конститутсия, давлат, демократия, ниҳод, система, сарвар, ҳуқуқбунёд, сиёсӣ, иҷтимоӣ, бозсозӣ.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди Президент баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ таъсис ёфт. Қадами аввали расмӣ дар роҳи таъсиси мансаби Президент баъди эълони сиёсати ба ном «бозсозӣ» гузошта шуд. Санаи 14 марти соли 1990 Анҷумани сеюми депутатҳои халқи ИҶШС Қонун «Дар бораи таъсиси мансаби Президенти ИҶШС ва ба Конститутсияи Қонуни асосии ИҶШС дохил кардани тайироту иловаҳо»-ро қабул намуд. Тибқи қонуни мазкур таъсиси мансаби Президенти ИҶШС бо мақсади таъмини дигаргунсозиҳои қатъии сиёсию иқтисодии мамлакат, мустаҳкам намудани сохт, ҳуқуқ, озодӣ ва амнияти конститутсионии шаҳрвандон, беҳтар кардани ҳамкории мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва идораи ИҶШС муайян мегашт. Вобаста ба андешаронии илмию назариявӣ ба мо зарур аст, ки бо таҳлилҳои амиқ ва хулосабарориҳои илмӣ дар мавриди салоҳиятҳои роҳбарони чанде аз кишварҳои собиқ Шуравӣ ва дигар давлатҳо назар афканем. Салоҳияти Президент дар кишварҳои ИДМ ба воситаи конститутсияҳои давлатҳои мазкур, масалан, моддаи 122 Конститутсияи Арманистон; моддаи 84-уми Конститутсияи Беларус; Поддаи 46-уми Конститутсияи Қирғизистон; моддаи 69-уми Конститутсияи Тоҷикистон, қонунҳои махсус муайян карда шудаанд [1; 83].

Агар ба адабиёти таълифнамудаи олимони рус таваҷҷуҳ намоем, дар ин масъала пажуҳишгар Н.Михалев, ки бевосита ба таҳлили салоҳияти Президент дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) пардохтааст, чунин менависад, ки муносибати Президент бо Парлумон дар асоси низоми баробарӣ сохта шудааст [2; 31].

Ҳамзамон, Президент як қатор вазифаҳоеро амалӣ менамояд, ки бо ташкили фаъолияти Парлумон алоқаманд мебошад. Масалан, Президент интихоботҳои навбатӣ ва ғайринавбатиро дар Парлумони ҷумҳуриявӣ таъйин менамояд, Комиссияи Марказии интихоботиро ташкил медиҳад, дар таҷрибаи кишвари Беларус Президент шаш узви Комиссияи Марказии интихоботиро доир ба интихобот ва гузаронидани раъйпурсии ҷумҳуриявӣ тайъин менамояд. Дар як қатор давлатҳои ИДМ Президент дар ташкили палатаи болоии Парлумон ширкат меварзад. Ҳамчуноне ки дар Беларус аз се як ҳиссаи сенаторҳо ва дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҳафт нафар вакили Сенатро тайъин менамояд. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Гурҷистон баъди ташкили Парлумони дупалатагӣ, Президент панҷ узви Сенатро тайъин мекунад.

Таҳлили Конститутсияҳои давлатҳои гуногуни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон дод, ки Президент ваколат дорад ҳама вақт дар фаъолияти Парлумон иштирок намояд, дар маҷлисҳои кушода ва пӯшидаи он ҳузур дошта бошад ва дар мубоҳисаҳо бе навбат суханронӣ намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 99-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

–дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати шаш моҳ шакли президентии идоракунӣ ҷорӣ намуда, дар ин давра иҷрои ваколатҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бандҳои 9,10, 13,17, 19, 20, 21, 24, 25, 27 ва 31 моддаи 99-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд ва ваколатҳои президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бандҳои 9, 11, ва 12 моддаи 108-уми Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шаванд. (Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев, 30 апрели соли 1992, шаҳри Душанбе).

Ҳанӯз санаи 29 ноябри соли 1990 Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ чун ҷумҳурии иттифоқӣ қарор дошт. Дар ҳамон лаҳзаҳо Қонун «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти РСС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ»-ро қабул намуд. Дар қонуни номбурда таъкид мегашт, ки вазифаи Президенти РСС Тоҷикистон ба мақсади таъмини вусъати минбаъдаи дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, таҳкими сохти конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва амнияти шаҳрвандони ҷумҳурӣ таъсис дода мешавад. Қонуни мазкур аз 1-уми декабри соли 1990 мақомоти қонунгузории ҷумҳурӣ ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) РСС Тоҷикистон соли 1978 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тибқи он ҳокимияти президентӣ ва иҷроияро

дар ҷумҳурӣ якҷоя гардонид.

Санадҳои қонунгузории дар боло номбурда ҳарчанд зери таъсири омилҳои ҷомеаи собиқ шуравӣ қабул шуда бошанд ҳам, дар системаи давлатдории тоҷикон падидаи нав ва назаррас маҳсуб меёфтанд. Зиёда аз он, ба ин дигаргунӣ ҳамчун қадами навбатӣ дар роҳи эҳёи арзишҳои миллӣ низ баҳо додан мумкин аст. Аслан, фазои тоҷикони замони шуравӣ ҳаргиз кунду карахт набуд. Дар он равандҳои мураккаб нисбати ғояҳои сотсиалистӣ, маърифати арзишҳои нави ҷаҳонӣ ва посу дифои суннатҳои миллӣ зуҳур дошт.

Ташаккул ва рушди ниҳоди президентӣ дар системаи сиёсии кишвари мо баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба таври васеъ ба назар мерасад. Ҳанӯз 29 ноябри соли 1990 Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ чун ҷумҳурии иттифоқӣ қарор дошт. Дар ҳамон давра Қонун «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти РСС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ»-ро қабул намуд. Дар Қонуни номбурда таъкид мегашт, ки вазифаи Президенти РСС Тоҷикистон ба мақсади таъмини вусъати минбаъдаи дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, таҳкими сохти конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва амнияти шаҳрвандони ҷумҳурӣ таъсис дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳеч як ниҳоди давлатӣ бидуни асосҳои конститутсионӣ фаъолият бурда наметавонад. Ниҳоди президентӣ дар Конститутсияи мамлакат ба таври мушаххас омадааст.

Ниҳоди президентӣ ва салоҳиятҳои ба он дахлдор дар қонунҳои асосии кишварҳое, ки шакли идоракунии президентиро интихоб намудаанд, ба таври мукаммал нишон дода шудааст.

Аз нигоҳи ҳуқуқӣ дар роҳи худшиносии миллӣ ва рушди унсурҳои давлатӣ ҳанӯз то эълони Истиқлоли давлатии кишвар се қадами устувору умедбахш гузошта шуд [3; 236].

Бояд қайд кард, ки шакли идоракунии президентӣ паҳлуҳои гуногуни худро дар таҳқиқоти пажуҳишгарони ғарбӣ пайдо кардааст. Агарчи дар доираи тамаддуни худашон бошад ҳам, лекин онҳо паҳлуҳои гуногуни ниҳоди мазкурро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додаанд. Инчунин, гуфтан бамаврид аст, ки муҳаққиқони соҳаи сиёсии ватанӣ низ аз омӯзиши ин раванд дар канор намондаанд.

Бо таъсис ва ҷорӣ намудани ниҳоди президентӣ дар кишвари навбунёд дигаргуниҳои назаррас ба вуҷуд омад. Якум, он қадами устувор дар роҳи тасдиқи арзишҳои нави “Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” гардид, ки дар он усули таҷзияи ҳокимият эътироф мегашт. Дуюм, ба шарофати он афкори ҳуқуқии кишвар бо истилоҳи «сарвари ҷумҳурӣ» шиносоӣ пайдо кард.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ташаккул ва рушди ниҳоди Президентӣ таърихи тулонӣ дошта, то ба имрӯз тарҳҳои гуногуни он маълум гаштааст. Дар ҳар давру замон, вобаста ба шакли идоракунӣ ва системаи сиёсии

кишварҳо, ниҳоди мазкур тобиши гуногун гирифтааст. Воқеан, ниҳоди президентӣ ниҳоде ба шумор меравад, ки дар муддати кӯтоҳ самаранокии худро нишон дод. Самаранокии ниҳоди мазкур дар ҷомеаҳои демократӣ бештар ва қавитар ва бештар эҳсос мегардад.

Дар ҷомеа шакли идоракунии президентӣ тарафдорони худро рӯз аз рӯз бештар мегардонид. Илова бар ин, масъалаи мазкур аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ё иттиҳодияи ҷамъиятию сиёсӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифт. Бояд тазаккур дод, ки дар як вақт бо ҷорӣ кардани мансаби Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъсиси ниҳоди сарвари сиёсӣ пайдо шуд” [5;12]. Вале на дар марҳалаи мазкур ва на дар дигар сессияҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала махсус баррасӣ карда нашуд ва ба таври юридикӣ қарорҳо қабул нашуданд. Чуноне маълум аст, масъалаи ташкили ниҳоди Президентӣ дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ карда шуд.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қадами муҳимро дар муайянкунии авлавиятҳои халқи тоҷик далолат мекунад. Яке аз мазмунҳои умдае, ки дар матни Конститутсия инъикос ёфт, тасдиқи ниҳоди Президентӣ буд. Тавсифи конститутсионии ниҳоди мазкур муайянкунии мақом ва нақши онро дар системаи давлатдорӣ ва ҳолати воқеӣ, ки рамзи ягонагии миллии мебошад, дар назар дорад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун сарвари сиёсӣ аз соли 1992 сардори давлат буда, фаъолияти сиёсии худро дар шароити душвортарини Тоҷикистон оғоз намуд. Рушди минбаъдаи мамлакат, роҳи дигаргуниҳои демократӣ дар ҷомеа, сулҳу субот ва рушди ояндаи дурахшони мамлакат бевосита бо номи ӯ алоқаманд аст. Сиёсатшиноси тоҷик С. Шарипов қайд намудааст, ки “барои халқи мо сарвари пурқувват пайдо шуд, ки аз масъулиятро ба дӯши худ гирифтан дар лаҳзаҳои мураккаби таърихӣ дар солҳои навадум наметарсид”. Воқеан, дар лаҳзаҳои ҳассоси давлатдории навини халқи тоҷик барои раҳоӣ аз мушкилоти сиёсию иқтисодӣ сарвари воқеӣ лозим буд, ки тамоми масъулиятро ба зимма гирад.

Чуноне ки маълум аст, навъ ва мундариҷаи ниҳодҳои сиёсӣ (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии сиёсигардида), муассисаҳои ташкилкунанда, хизматрасони раванди амалӣ сохтани ҳокимияти сиёсӣ, ҳамчунин, расонидани иттилооти сиёсӣ ва мубодилаи фаъолият байни ҳокимият ва дигар соҳаҳои ҳаёти сиёсиро ифода мекунанд.

Дар замони муосир ниҳоди Президентӣ тарҳи нави барпо кардани ҳокимиятро, ки асоси онро якҷоя кардани табақаҳои мухталиф ташкил менамояд, ифода ёфтааст. Он бояд воситаи муҳимми ворид намудани қисми зиёди аҳолӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ мусоидат намояд. Чун механизми якҷояшавии ҷомеа сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, бояд ба дастгирии аксарият, ягонагии халқ ва давлат такя кунад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар ҷаҳони муосир дар рушди

ниҳоди сарварӣ аз ҳама равшантар се тамоюли асосӣ зоҳир мешавад: касбият, ниҳодикунонӣ (институтсионализатсия) ва баландшавии вобастагии захиравии сарварӣ.

Таҳқиқи раванди ташаккулёбӣ, мақом ва накши ниҳоди сарвари сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад хусусиятҳои зерини онро нишон диҳем:

а) аввалан, пайдоиш ва ташаккулёбии ниҳоди сарвари сиёсӣ аз он лаҳза оғоз шуд, ки дар Тоҷикистон вакуум (фазои холӣ) ва замони бесомонии сиёсии бавуҷудомада барои ба саҳнаи сиёсӣ омадани неруҳои гуногуни сиёсӣ мусоидат карданд, ки кушоду равшан мақсади ба даст гирифтани ҳокимиятро гузошта буданд; б) дуюм, мазмуну мундариҷаи асосии ҳаракатҳои ҷамъияти сиёсӣ, дар назари аввал, муқобилат кардан ба номенклатураи пасокоммунистӣ буд. Вале дар асл мубориэаи бераҳмона на дар соҳаи идеология, балки бар зидди шахсони мушаххаси мансабдор сурат гирифт. Ин мубориза аз ибтидо хусусияти маҳалгароиро касб намуд, ки ба рушди системаи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ шуд в) сеюм, дар ҷараёни пайдоиш ва ташаккулёбии ниҳоди сарвари сиёсӣ дар Тоҷикистон радикализми сиёсӣ иллати асосии душмании ҳизбу ҳаракатҳое гардид, ки худро демократӣ меномиданд ва ба гумон аст онро бо далели табиӣ набудани таҷрибаи бурдани мубориза дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда ҳақ донистан дуруст бошад. Ҳолати мавҷуда раванди ташаккулёбии ниҳоди Президентиро чун ниҳоди сарвари сиёсӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле душвор намуд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки вазъи иҷтимоию сиёсӣ, хусусияти пайдоиш ва ташаккули ниҳоди сарварии сиёсӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем: вазъи кунунии ҷомеа тақозо мекард, ки ба манфиатҳои маҳдуди худ қаноат накарда, дар навбати аввал, ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим, ноил шудан барои ягонагии миллӣ ва ризоят, тақсимнопазирӣ ва тамомияти арзи Тоҷикистони соҳибистиқлол диққат диҳанд.

Ҳамин тавр, ба расмият даромадани ин тамоюл аз он маншаъ мегирад, ки яке аз дастовардҳои пурарзиши давлати мо баъд аз касби Истиқлоли давлатӣ таҳти сарварии Президент таҳия ва ба мардум пешниҳод намудани як мафкура, идеологияи кулли мардуми Тоҷикистонро ба созандагию таъмини инкишофи кишвар сафарбаркунанда мебошад, ки таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ» ном бурда мешавад. Пайравӣ ба ин мафкура ба мардуми тоҷик имкон дод, ки дар даврони аз ҳама душвортарини таърихи истиқлолаш алангаи домангири низои дохилиро дар як муддати кӯтоҳ бо роҳи мусолиҳатомез хомӯш кунад ва дар замири мардум умед ба фардои дурахшонро аз нав зинда намояд. Аз ин хотир, мардуми мо ҳамасола таҷлили ду ҷашни бузург, яъне Рӯзи Истиқлоли давлатии кишварамон ва Рӯзи Ваҳдати миллиро бо як самимияти хос таҷлил менамоянд ва онҳоро воқеан,

санаҳои сарнавиштсози таърихи навини худ меҳисобанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи роҳбаронест, ки шахсияти сиёсии ӯ лаҳза ба лаҳза ва қадам ба қадам дар пеши назари мардум, ҳамнафас бо ғаму шодии миллат ташаккул ёфта, ҷойгоҳи мардумии худро ба таври табиӣ дарёфтааст. Ҳамон гуна, ки аҳли як хонадон фарзанди худро, ки дар пеши чашмашон аз як навҷавони навқад ба як марди рашид табдил шудааст, дуруст мешиносанд ва бо тамоми сифоту сиришти ӯ ошноӣ доранд, Эмомалӣ Раҳмон низ дар оғӯши ватану миллат ва дар сояи дуову дастгирии мардум сабзида, ба таври комилан табиӣ, шахсияти ӯ шахсияти воқеӣ ва хидматҳои ӯ хидматҳои бунёдӣ мебошанд.

Аммо барои расидан ба ин мақоми милливу таърихӣ, Роҳбари давлат роҳеро тай намуд, ки пур аз мушкилот, пурпечутоб, пур аз камину хатар ва дар баробари ин, пур аз ифтихор, пур аз муҳаббат ва пур аз комёбӣ буд. Ин аст, ки агар касе бихоҳад, то симо, шахсият ва ҷойгоҳи ӯро назди мардуми тоҷик дарк намояд, бояд пеш аз ҳама, роҳи паймудаи ӯ ва хидматҳои таърихии ӯро барои мардум дарк кунад. Муҳтавои ҳамин роҳи пурмашақат ва дарки оқилонаи ҳамин дастовардҳо худ ба худ нишон медиҳад, ки Эмомалӣ Раҳмон кист ва барои мардум ва давлати Тоҷикистон чӣ ҷойгоҳ ва чӣ арзише дорад? Зеро имрӯз вақте дар бораи масири тайшуда ва дастовардҳои бунёдии Тоҷикистон дар марҳалаи пурпечутоби Истиқлоли давлатӣ сухан меравад, бешак, симои ин шахсияти барҷаста ба назар меояд. Маҳз ҳамин нигоҳи мардум ва таҳлили объективии масъала нишон медиҳад, ки чаро Эмомалӣ Раҳмон Пешвои миллат аст ва чаро ин мақоми ӯ ҳолати табиӣ ва бисёр устувор дорад.

Маҳз бо ташаккули ниҳоди сарварӣ дар кишварамон сохтори системаи сиёсӣ пурра ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона карда шуд. Ин арзишҳое мебошанд, ки на танҳо дар робита бо ҳодисаҳои аввали касби истиқлол, балки дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҳаёти ҷомеа низ асоси мавҷудияти онро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, ниҳоди Президентӣ дар нигоҳ доштани тамомияти арзӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ нақши муҳими худро бозидааст. Дар тасаввури аҳли ҷомеа сарчашма ва замонати устувории ин равандҳо ба фаъолияти созандаи ҷомеасозии сарвари мамлакат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рабт дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон “Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ” аз 29 ноябри соли 1990 ниҳоди Президентӣ таъсис ёфт [5, 189]. Баъдан, дар натиҷаи мувоҷеҳ гаштан ба буҳрони нави мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи соли 1978 аз 27 ноябри соли 1992 дар Тоҷикистон, ҳокимияти президентӣ дар кишвар дубора бекор карда шуд ва ба ҷойи он Шурои Вазирон созмон

ёфт [5, 326].

Низоми идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президентӣ мебошад. Дар таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ ниҳоди президентӣ ҳамчун яке аз навъҳои сардори давлат маъмул буда, таърихи зиёда аз дусадсола дорад ва маҳз ҳамин таҷрибаи ғанӣ ба он сабаб шуд, ки дар аксари кишварҳо ниҳоди мазкур ба таври расмӣ таъсис ёбад [4, 244].

Раванди инкишофи таҷзияи ҳокимият дар аввали солҳои 90-ум ба тамоюли бавуҷудоии ниҳоди конститутсиониву ҳуқуқии «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» замина гузошт.

Яке аз қадамҳои устувори умедбахш дар роҳи давлатдории миллӣ ва дар қолаби давлатдории миллӣ роҳандозӣ кардани ниҳоди Президентӣ маҳсуб меёбад, ки ифодаи куҳанмиллат ва куҳандавлат будани мо, тоҷиконро шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, маврид ба зикр аст, ки ҳамаи ин зуҳуроти ҳуқуқӣ маҳз аз “Эъломияи Истиқлолияти давлатиии Ҷумҳурии Тоҷикистон” маншаъ мегиранд, ки 24-августи соли 1990 қабул гардид ва дар худ арзишҳои сиёсиву ҳуқуқии навинро таҷассум намуд, ба вуҷуд омад.

Таъсиси ниҳоди Президентӣ дар Тоҷикистон марҳалаи рушди давлатдории миллӣ ва далели шинохти ниҳодҳои давлатию сиёсии кишварҳои демократӣ мебошад. Баъзе аз муҳаққиқон чунин андеша доранд, ки зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули фаврии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими низоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумлаи омилҳое ба шумор мераванд, ки ба ташкили қолаби нави идора бо роҳбарии Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузоштаанд. [3;17].

Маҳз ҷорӣ кардани ниҳоди Президентӣ боис ба рушди устувор ва пешрафти бемайлон ва бесобиқаи идораи давлатӣ (идораи иқтисод, сиёсат ва дигар соҳаҳо) ва идоракунии ҷумҳурӣ гардид. Аз ҷумла, бо пешниҳоди намояндагони мардумӣ сазовор донистани Президенти кишварамон ба мақоми Пешвои миллат аз зумраи падидаҳои муҳим ба шумор меравад, ки то имрӯз барои шарҳу тавзеҳи он андешаҳои гуногун зимни мақолаю суханрониҳо баён шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки вазъи иҷтимоию сиёсӣ, хусусияти пайдоиш ва ташаккули ниҳоди сарварии сиёсӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намуд: вазъи кунунии ҷомеа тақозо мекунад, ки ба манфиатҳои маҳдуди худ қаноат накарда, дар навбати аввал, ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим–ноил шудан барои ягонагии миллӣ ва ризоят, тақсимнопазирӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол диққат дода шавад [10, 65].

Ба ақидаи бештари олимону ҷомеашиносон шахсиятҳои таърихӣ дар марҳалаҳои муҳимми тарихии миллату халқият ва давлатҳо ба саҳнаи фаъолиятҳои сиёсию давлатӣ ворид гардида, ҷомеаро гоҳе аз буҳронҳои шадид ва гоҳе аз хатари маҳвшавӣ наҷот мебахшанд.

Ҳарчанд назарияи волюнтаристӣ мухолифони зиёде дорад, таърих собит намудааст, ки шахсиятхо дар раванди таърихи инсоният, дарвоқеъ, мақому нақши хоссаи худро доранд. Онҳо муваффақ шудаанд, ки гардиши замонро дигар намуда, баҳри ба саодат расидани инсоният корҳои шоиста ба анҷом расонанд. Маҳз аз ҳамин сабаб масъалаи нақши шахсият дар таърих ва ҷомеа ҳаргиз аҳаммияти худро гум намекунад, зеро шахсият аз хама назар фарди комилест, ки ҳастӣ ва фаболияти ӯ на дар алоҳидагӣ, балки дар робита бо муҳити ичтимоие, ки вай зиндагӣ мекунад, арзёбӣ карда мешавад.

Эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиклол, пеш аз хама, натиҷаи истеъдоди давлатдорӣ, заҳмат ва талошҳои Сарвари давлат буд, ки тавонист онро ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намояд.

Ҷанбаи дигаре, ки лозим ба тазаккур аст, густариши эҳсоси ҳувияти миллӣ ва иттиҳод атрофи шахсияти таърихиест, ки ҷомеа тамоми бурду бохти худро бо вай алоқаманд медонад. Эътирофи ҷомеа аз қудрати Сарварию роҳбарии Президенти мамлакат ҳамчун шахсияти фавқулода муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар зинаи ичтимоӣ боз як дараҷаи дигар боло бурд. Яъне аз сатҳи Президент ва Сарвари як давлати соҳибистиқлол то ба дараҷаи Пешвои миллат сазовор гаштанд.

Дар моддаи 2-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ–Пешвои миллат” муқаррар шудааст, ки «1. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шахрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги такдирсоз намудааст.

2. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

3. Ба сифати Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ–Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, этироф карда мешавад» (6, №11) ҷанбаи ҳуқуқи ташаккули ниҳоди Пешвои миллатро хусусияти расмию давлатӣ мебахшад.

**АДАБИЁТ**

1. Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ.– Душанбе:Эр-граф, 2010. –504 с.

2. Зокиров Г. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. – Душанбе: Ирфон, 2011.– 347 с.

3. Зокиров Г., Абдулҳақов М. Манфиатҳои миллӣ–омили рушди давлатдорӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2008, – 302 с.

4. Хизматрасонии давлатӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо. [Матн] – Душанбе: Ирфон, 2013. –278 с.

4. Муҳаммади Заранг. Саргузашти Қонуни Асосӣ дар се кишвар: Эрон, Фаронса ва Амрико. –Душанбе, 2009, 170–173 с.

5. Ҳамидов Х. Қонуни Асосии Тоҷикистони муосир. –Душанбе, 2005, 96–108 с.

6. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ–Пешвои миллат»//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. –№11, мод. 872.

## ПРЕДПОСЫЛКИ ИСТОРИКО-ПОЛИТИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ИНСТИТУЦИИ ПРЕЗИДЕНТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ГАДОЕВ АБДУРАСУЛ ЭСАНБОЕВИЧ,**
докторант 2 курса кафедры политологии Института философии, политологии и права им. Баховаддинова АМИТ
734025, Таджикистан, город Душанбе, район Сино, проезд 1;
тел.: (+992) 201-54-00-08; e-mail: tablig22@mail.ru.

*Человеческое общество прошло большой путь своего развития. В зависимости от эпохи, общественные институты возникали в разных формах, формировали и меняли систему и политическую систему общества. В современных условиях особое значение приобретают политико-правовые реформы, направленные на формирование и развитие правового государства, регулярную деятельность столпов государственной власти и их связь со структурами современного цивилизованного общества.*

***Ключевые слова:*** *Президент, Правительство, институт, независимость, государство, демократия, система, конституция, глава, правовая, политическая, социальная, реконструкция.*

## HISTORICAL AND POLITICAL FOUNDATIONS OF THE PRESIDENTIAL INSTITUTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GADOEV ABDURASUL ESANBOEVICH**,
2nd year doctoral student of the Department of Political Science at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bahovaddinov, National Academy of Science of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Sino district, p.1;
tel.: (+992) 201 54 00 08; e-mail: tablig22@mail.ru.

*Human society has traversed a long and arduous path of development. Over time, social institutions have emerged in various forms, shaping and transforming the political structure and system of society. In the current circumstances, the political and legal reforms aimed at the formation and development of a rule-of-law state, the regular functioning of the branches of state power and their interrelationship with the structures of a modern civilised society assume particular importance. In the article, the historical and political development of the presidential institution is analysed. The author, in the course of analysis and research, relies primarily on the works of domestic scholars and has drawn profound conclusions.*

***Keyword**: President, Government, independence, constitution, state, democracy, institution, system, leader, rule of law, political, social, reform.*

УДК: 321.01:342.511(575.3)

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**САДИРОВ ФАХРИДДИН,**
магистранти Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон, ихтисоси сиёсати беруна ва дипломатияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел.: (+992) 900-009-161; e-mail: sadirov95tj@mail.ru

*Муаллиф дар мақола нақш ва мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ташаккули сиёсати дохилии кишвар мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ кӯшиш намудааст, ки дар мақолаи худ баъзе ҷанбаҳои асосии сиёсати дохилии Ҷумуҳрии Тоҷикистонро зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ намояд.*

*Дар мақола масъалаҳои зерини сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили тақвияти сулҳу субот ва амният, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати гендерӣ, инчунин, сиёсати фарҳангӣ ва барномаи эҳёи миллиро дар низоми давлатдории миллии муосир мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудаанд.*

*Дар охир муаллиф фикру андешаҳои худро вобаста ба нақш ва мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати дохилии кишвар ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадааст, ки тамоми дастовардҳои замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон маҳз ба сиёсати оқилона, санҷидашуда, таҳрезишуда ва хирдамандонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ва пайваст мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президент, Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати дохилӣ, ташаккулёбии сиёсати дохилӣ, ваҳдати миллӣ, тақвияти сулҳу суббот ва амният, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати фарҳангӣ, барномаи эҳёи миллӣ, сиёсати гендерӣ, сиёсати кадрӣ ва идоракуни давлатӣ, дастовардҳои сиёсати дохилӣ.*

Накш ва мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати дохилии кишвар хеле муҳим аст. Дар тули солҳои ҳукмронии худ, ӯ ба як шахсияти марказӣ дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон табдил ёфтанд. Тамоми дастовадҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон дар замони соҳибистиқлолӣ маҳз ба сиёсати пешгирифтаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаставу пайваст мебошад.

Дарвоқеъ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,

Президнти Ҷумҳурии Тоҷикисто муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ташаккулёбии сиёсати дохилии мамлакат нақши меҳварӣ доранд. Маҳз иштироки фаъоли Пешвои миллат дар раванди ташакуллёбии сиёсати дохилии кишвар боис гардид, ки Эмомалӣ Раҳмонро бо ному мартабаҳои мухталиф, ба монанди Асосгузори сулҳу вадати миллӣ, Пешвои миллат, Пешоҳанг, тарроҳи сиёсати дохиливу хориҷии кишвар ва ғайра эҳтирому эътироф намоянд. Илова бар ин, маҳз ҳузури фаъолу доимӣ ва иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ташаккулёбии сиёсати дохилӣ омили асосии сиёсати комёб, оқилона, санҷидашуда, таҳрезишуда ва хирадамандона гардид, ки Тоҷикистон дар ин самт ба дастовардҳои беназир муваффақ шавад.

Бояд қайд кард, ки раванди ташаккулёбии сиёсати дохилии дилхоҳ кишвар марҳалаҳои гуногунро паси сар намуда, эҳтимол дар ин роҳ ба душвориҳо низ дучор мегардад. Раванди ташаккуллёби сиёсати дохилии Тоҷикистон низ давраҳои гуногунро аз сар гузаронида, ҳар як давраи раванди мазкур таҳти роҳбариву роҳнамоӣ ва назорати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Дар раванди ташаккулёбӣ дилхоҳ иқдом ё мушкилие, ки дар самти сиёсати дохилии мамалакат пеш меомад, маҳз бо роҳнамоӣ ва дастури муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ ва ҳалли мусбати худро меёфт. Зеро дар раванди амалӣ гардидани ҳар як амали сиёсати дохилии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурустӣ, дурандешӣ, тарҳрезишуда, ҳамоҳангшуда, санҷидашуда, баробарӣ ва дигар омилҳоро ба назар гирифта, амал менамуданд.

Дар ин ҷо баъзе аз соҳаҳои калидии раванди ташаккулёбии сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳем:

1. Ваҳдати миллӣ ва тақвияти сулҳу амният.

Яке аз ҳадафҳои асосии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Президент интихоб шуданашон, тақвияти сулҳу субот ва амният ва эҷоди низоми устувори сиёсӣ буд. Дар солҳои пас аз ҷанги шаҳрвандӣ (1992–1997), ки боиси харобӣ ва талафоти назаррас гардид, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташаккули низоми сиёсие шуруъ карданд ва сулҳу суботро дар кишвар таъмин намуданд. Бояд гуфт, ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун поягузори сулҳ ва меъмори ваҳдат дар таърихи навини давлатдории тоҷикон хизматҳоеро ба анҷом расонида тавонистааст, ки ормонҳои ҳазорсолаи тоҷикистониён ва тоҷикони дунё буданд. Ба даст овардани сулҳу ваҳдат, махсусан, ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон” 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва барои ваҳдати миллӣ заминаи босазое гузошт, ки ин ҳама аз ҳидояту ҷасорати ин

фарзанди фарзонаи миллат буд. Аз ин рӯ, хизматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани Ваҳдати миллӣ ва амалӣ гардонидани Созишномаи сулҳи тоҷикон дар саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик барои ҳамешагӣ бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳанд шуд.

Боиси ифтихор аст, ки Пешвои миллат на танҳо поягузори сулҳу ваҳдат, балки меъмори фарҳанги навини замони соҳибистиқлолӣ мебошанд, ки ҳамкории мардумро барои пайдо намудани ҳадафҳои миллӣ ҳамеша шоистаи кор медонад. Маълум аст, ки Ваҳдати миллӣ мусоидаткунандаи мавҷудияти фарҳанги ғаниву таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон аст. Ба андешаи мо, чун тарафҳои даргир хатари аз байн рафтани миллату давлатро хуб дарк карданд, чунин як моҷарои таҳмилиро бар сари миллати худ ор донистанд. Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи тараққиёти кишвари азизамонро хеле коҳиш дод, аммо руҳи шикастнопазири миллати тоҷикро халалдор карда натавонист. Мо дар як муддати кӯтоҳ бо сарварии Пешвои миллат аз уҳдаи ҳадафҳои стратегии дар пеш ниҳодаамон баромада тавонистем.

Мардуми Тоҷикистон оқибатҳои ҷанги харобиоварро саривақт дарк намуда, бо эътимоди қавӣ барои нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлол, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ ва мустаҳкам шудани рукнҳои давлатдорӣ роҳи сулҳ ва сулҳофариро пазируфтанд. Ин аст, ки халқи Тоҷикистон ин санаи барқароршавии сулҳу ваҳдати сарнавиштсозро ҳамчун асоси рушду пешрафт ва сарчашмаи якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстию рафоқат пазируфа, то имрӯз онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт менамояд.

Дар марҳалаи барқарорсозии сулҳу субот ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нақши Ваҳдати миллӣ хеле назаррас мебошад. Чунки маҳз бо шарофати барқарор шудани суботи миллӣ дар кишвар марҳалаи барқарорсозии иқтисодиву иҷтимоӣ ва ислоҳоти сохторӣ дар давлати тозаистиқлол роҳандозӣ шуд [4].

*Тоҷикистон, ки дорои зарфияти бузурги гидроэнергетикӣ ва дигар экосистемаҳо мебошад, аз ин рӯ, дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ташаккулёбии 60 дарсади захираҳои обӣ афзалияти бештар дорад.*

*Мақолаи мазкур самтҳои асосӣ, дастовардҳо ва чолишҳои марбут ба раванди трансформатсияи экологӣ ва гузариш ба иқтисоди "сабз" дар шароити Тоҷикистонро дар бар гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди "сабз", рушди устувор, тағйирёбии иқлим,*

*биогаз, бахши энергетикӣ ё соҳаи энергетика, хатарҳои иқлимӣ, авлавияти минтақавӣ, зарфияти гидроэнергетикӣ.*

# DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF THE "GREEN" ECONOMY IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: REGIONAL PRIORITY AND ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT

**KARIMOVA MEHRANGEZ MIRALIEVNA,**
PhD 2nd year of International Law of the Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, S. Nosir str. 33;
tel.: (+992) 988-30-36-98; e-mail: mehrangez.karimova@mail.ru

*In the context of global environmental challenges and climate change, the transition to a "green" economy is becoming an integral part of sustainable development. Since environmental problems on the planet are only increasing, which is connected with the irrational use of the possibilities of scientific and technological progress. The significance of Tajikistan's transition to a "green" economy is determined especially by the fact that the consequences of climate change and natural disasters—droughts, floods, and avalanches—cause damage to Tajikistan's economy. Possessing significant hydropower potential and an environmentally oriented state policy, Tajikistan occupies one of the leading places in Central Asia in promoting the green economy. This article analyzes the key directions, successes, and challenges in the process of the ecological transformation of the country's economy.*

***Keywords**: "green" economy, sustainable development, climate change, biogas, energy sector, climate risks, regional priority, hydropower potential.*

УДК: 330.34:004

# ДАСТОВАРДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ РАҚАМИКУНОНИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел.: (+992 37) 221-41-63; e-mail:oraz-2009@mail.ru

**ИДИЕВ МАНУЧЕҲР ХАЙРИДИНОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33;
тел.: (+992) 909-10–11–22; e-mail: kolliji-omuzgori@mail.ru

*Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва тағйирёбии доимии муҳити рақобат, рақамикунонӣ танҳо як раванд ё амалияи техникӣ набуда, балки омили калидии таҳкимбахшандаи рақобатпазирӣ, шаффофият, самаранокии идоракунӣ ва устувории иқтисодӣ дар давраи ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир Тоҷикистон дар ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, низомҳои пардохти электронӣ, хизматрасониҳои рақамӣ ва татбиқи моделҳои идоракунии рақамӣ, махсусан, дар бахшҳои давлатӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ, ба пешрафтҳои назаррас ноил гардидааст.*

*Иштироки фаъолонаи корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ дар татбиқи трансформатсияи рақамӣ имкон дод, ки равандҳои ҷамъоварӣ, интиқол, коркард ва мубодилаи иттилоот босуръат ва дақиқтар амалӣ гарданд, ҳамзамон, тавоноии қабули қарорҳои идоракунӣ афзоиш ёбад.*

*Махсусан солҳои охир, дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди иқтисоди рақамӣ ва такмили сармояи инсонӣ ҳамчун шарти асосии пешрафти технологӣ ва инноватсионӣ таъкид мешавад. Бо дарназардошти ин, имрӯз сармояи инсонӣ, хусусан ҷавонони соҳибмаълумот, ба унсури калидии пешбурди иқтисодиёти рақамӣ ва рушди устувори кишвар табдил ёфтааст. Илова бар ин, рақамикунонии иқтисодиёт, бахусус низоми бонкӣ ва молиявӣ рушди босуръат дошта, истифодаи ҳамёнҳои электронӣ, платформаҳои онлайн, амалиёти бидуни нақд, экосистемаҳои рақамӣ ва низомҳои мониторингӣ ба тавсеаи бозори молиявӣ, афзоиши эътимоди шаҳрвандон ва рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат менамоянд. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон дар марҳалаи рақамикунонӣ қарор дошта, дар он технологияҳо, иттилоот ва*

*инноватсияҳо ҳамчун муҳаррикҳои асосии рушди устувор амал мекунанд. Дар ин замина, зарурати таҳқиқи амиқи рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таъсири онҳо ба рушди миллӣ ва нақши инфрасохтори молиявии рақамӣ ба миён меояд.*

***Калидвожаҳо:*** *рақамикунонӣ, сармояи инсонӣ, хизматрасониҳои электронӣ, рушди устувор, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ, экосистемаҳои рақамӣ, ҷаҳонишавии иқтисодӣ, инноватсия, ҳамёнҳои электронӣ, шаффофият, трансформатсияи рақамӣ.*

Айни ҳол рақамикунонии равандҳои идоракунии корхонаҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон на ҳамчун самти иловагӣ, балки ҳамчун самти стратегии афзалиятнок арзёбӣ мегардад. Он ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, беҳтарсозии самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ҳамчунин, тақвияти устувории иқтисодӣ дар шароити муҳити глобалии ноустувор ва тағйирёбанда мусоидат мекунад. Пажуҳишҳои муосир собит месозанд, ки рақамикунонӣ ва гузариш ба моделҳои трансформатсияи рақамӣ дар корхонаҳо ба беҳтаршавӣ ва автоматизатсияи равандҳо, афзоиши даққиқӣ ва суръати қабули қарорҳои стратегии идоракунӣ, ҳамчунин, болоравии қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти босуръати бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъсири назаррас мерасонад.

Рақамикунонии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ба яке аз асосҳои рушди саноатикунонии босуръат табдил меёбад. Пайвастани имкониятҳои рақамӣ ба бахшҳои саноат, андозбандӣ, соҳибкорӣ ва бозори меҳнат имкон медиҳад, ки на танҳо истеҳсолот афзоиш ёбад, балки сатҳи шаффофият, самаранокӣ ва рақобатпазирии иқтисоди кишвар низ баланд гардад. Дастовардҳои солҳои охир гувоҳи онанд, ки Тоҷикистон дар самти рақамикунонӣ ва саноатикунонии инноватсионӣ қадамҳои устувор гузошта, барои рушди иқтисодиёти миллӣ заминаҳои боэътимоди нав эҷод мекунад.

Яке аз омилҳои калидии расидан ба ҳадафи стратегии кишвар– саноатикунонии босуръати Тоҷикистон, ки ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ муайян шудааст [3], ин рушди корхонаҳои хурду миёна ба ҳисоб меравад. Ин бахш, ки сутуни асосии иқтисодиёти устуворро ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза беш аз ҳар вақт ба технологияҳои рақамӣ ва ба роҳ мондани менеҷменти инноватсионӣ ниёз дорад. Рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ метавонад самаранокии истифодаи захираҳои маҳаллиро афзоиш дода, ба таври назаррас ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат мусоидат намояд.

Зиёд гардидани шумораи корхонаҳо ва афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсолот нишон медиҳад, ки дар доираи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни саноатикунонии босуръати кишвар самаранок

роҳандозӣ гардидааст. Ин дастовардҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар самти рушди истеҳсолот, ҷалби сармоя ва такмили инфрасохтори саноатӣ ба натиҷаҳои мушаххас ноил шудааст. Илова бар ин, дар чанд соли охир омилҳои асосии пешрафт, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, рушди инфрасохтори зарурӣ, махсусан, дар соҳаҳои логистика, энергетика ва шабакаҳои иттилоотӣ нақши калидӣ бозида истодаанд. Ин раванд дар заминаи рақамикунонии иқтисод, ки ҳадафи он баланд бардоштани шаффофият, самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаҳои саноатӣ мебошад, суръати бештар касб намудааст.

Бешубҳа, истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла системаҳои идоракунии рақамӣ, рақамикунонии раванди истеҳсолот ва тавсеаи хизматрасониҳои электронӣ барои соҳибкорон имкон фароҳам овард, ки равандҳои истеҳсолӣ даққиқтар, сарфакортар ва бо сатҳи баланди идоракунии иттилоотӣ роҳандозӣ карда шавад. Ин омилҳо ба коҳиши хароҷот, баланд шудани сифати маҳсулот ва густариши иқтидорҳои содиротӣ мусоидат менамоянд. Дарвоқеъ, истифодаи системаҳои автоматии иттилоотӣ имкон медиҳад, ки камбудиҳо бартараф карда шаванд [4, 234].

Дастовардҳои саноатии солҳои охир низ равшан нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар баробари саноатикунонии воқеӣ, қадамҳои муҳимро ба сӯйи иқтисодиёти рақамӣ гузошта истодааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ теъдоди корхонаҳои саноатӣ мунтазам афзоиш ёфта, соли 2023 ба 3453 адад расидааст. Тибқи маълумоти соли 2024 бошад, шумораи умумии коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ба 3774 адад баробар шуд, ки аз он ҷумла 3249 корхона ба бахши коркард, 351 корхона ба истихроҷ ва боқимонда ба таъминоти неру, об ва коркарди партовҳо рост меояд. Ин афзоиш нишон медиҳад, ки дар соҳа на танҳо иқтидорҳои истеҳсолӣ, балки платформаҳои рақамии идоракунӣ ва мониторинги саноатӣ низ рушд карда истодаанд (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Тавсифи нишондиҳандаҳои асосие, ки сатҳи рушди соҳаи саноатро аз рӯйи онҳо муайян мекунанд.**

(млн. сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо: | Солҳо: | | | | | | | | | | 2024/ 2015 +,- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, (воҳид) | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 3774 | 1464 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои соли 2022) | 16770 | 19453 | 23815 | 26339 | 29816 | 32440 | 39187 | 42988 | 46857 | 53819,0 | 37049 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти | 1961,1 | 2274,8 | 2666,5 | 2885,9 | 3201,2 | 3338,5 | 3963,5 | 4265,3 | 4554,4 | 5156,9 | 3195,8 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| саноатӣ ба сари аҳолӣ | | | | | | | | | | | |
| Шумораи миёнасолонаи кормандони корхонаҳои саноатӣ, (ҳазор нафар) | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 94,5 | 13,3 |
| Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ (бо фоиз нисбат ба соли гузашта) | 111,3 | 116,0 | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | 112,0 | 120,0 | +8,7 |

**Сарчашма:** Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2024. –С. 5. [9]

Таҳлили динамикаи солҳои 2015–2024 нишон медиҳад, ки шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ аз 2310 то 3774 адад зиёд гардида, афзоиш 1464 корхонаро ташкил медиҳад. Дар ҳамин давра ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 37049 млн. сомонӣ зиёд шуд. Ин пешрафт нишон медиҳад, ки технологизатсия ва рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ба коҳиши хароҷот, баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти идоракунӣ мусоидат мекунанд. Бо таъсиси 6300 ҷойҳои нави корӣ, равандҳои рақамӣ инчунин ба беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва паст гардидани сатҳи бекорӣ таъсири мусбат доранд.

Барои баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва гирифтани иттилоот, васеътар истифода бурдани он имкониятҳое, ки технологияҳои муосири иттилоотӣ таъмин мекунанд, зарур дониста мешавад [6]. Рақамикунонии идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои Тоҷикистон ба омили муҳимми рушди устувор ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо табдил ёфтааст. Дарвоқеъ, Тоҷикистон дар ҷорӣ намудани системаҳои электронӣ дар тамоми самтҳо пешравиҳои назаррас дорад. Ин тадбирҳо самаранокии идоракунӣ ва шаффофияти корро беҳтар намуда, порталҳои иттилоотӣ барои аҳолӣ имкон медиҳанд, ки шаҳрвандон маълумот ва хизматрасониҳои давлатӣ, аз қабили сабти ном, додани иҷозатномаҳо ва суғуртаи иҷтимоӣ, ба осонӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Бинобар ин, иқтисоди рақамӣ яке аз марҳалаҳои муосире мебошад, ки доир ба он ҳанӯз зимни ироаи Паёми навбатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз намуданд: “Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд” [1]. Ба андешаи мо, имрӯз сармояи инсонӣ яке аз муҳаррикҳои пуриқтидори рушди

иқтисодӣ, инноватсионӣ ва технологӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки кишварҳое ба пешрафти устувор ноил мегарданд, ки ба зиёд намудани савияи дониш, малака ва қобилиятҳои эҷодии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунанд. Бо дарназардошти ин, барои Тоҷикистон низ такмили сармояи инсонӣ, бахусус дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, аҳаммияти хосса дорад.

Дар ин замина, имрӯз ҷомеаи мо ба мутахассисони дорои салоҳиятҳои рақамӣ, қобилияти таҳлил ва фикрронию навоварӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, ҷавононро зарур аст, ки дар баробари азхуд намудани илми муосир мунтазам савияи дониши худро такмил дода, ба таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодӣ машғул шаванд. Зеро дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ, рушди таҳқиқоти илмӣ ва истифодаи васеи технологияҳои муосир, имрӯз ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҷомеа табдил ёфтааст. Ба андешаи муҳаққиқ Т.Усманова: “Истифодаи технологияҳои рақамӣ ба қонеъ гардонидани талаботи рушди зеҳнӣ, кам кардани нобаробарии иҷтимоӣ ва ғайра мусоидат мекунад” [13,263]. Дар ин радиф, агар мо тавонем муҳити мусоиди илмию инноватсионӣ фароҳам оварем, ҷавононро ба таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ ҷалб намоем ва имкониятҳои илмомӯзиро густариш диҳем, он гоҳ Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушд ворид шуда, ба ҷомеаи донишбунёд ва рақобатпазир табдил хоҳад ёфт. Сармояи инсонӣ омили асосии ин муваффақият аст ва такмили он ба пешрафти босуботи давлат мусоидат хоҳад кард.

Илова бар ин, ҳанӯз дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 қайд гардида буд, ки «...бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд» [2].

Аз ҳамин ҷост, ки Тоҷикистон дар самти рушди иқтисоди рақамӣ ва густариши дастрасии соҳибкорон ба технологияҳои муосир қадамҳои назаррас гузошта истодааст. Татбиқи платформаҳои онлайн, маркетплейсҳо ва хизматрасониҳои мобилӣ ба рушди тиҷорати хурду миёна такони ҷиддӣ бахшида, барои соҳибкорон имкониятҳои нави фурӯш, таблиғ ва идоракунии фаъолиятҳои тиҷоратиро фароҳам овардааст. Ин раванд, аз як тараф, монеаҳои маъмуриву молиявиро барои ворид шудан ба бозор коҳиш медиҳад, зеро соҳибкорон метавонанд бе масрафи зиёдатӣ дар фазои рақамӣ фаъолият кунанд. Аз ҷониби дигар, рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш меёбад, ки

ин ба баланд шудани сифати маҳсулот ва зиёд шудани содироти рақамӣ мусоидат мекунад. Маҳз дар Тоҷикистон рушди инфрасохтори рақамӣ ба тавсеаи имкониятҳои соҳибкорон, рушди тиҷорати хурду миёна ва раванди ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба бозори ҷаҳонии рақамӣ заминаи устувор мегузорад.

Тайи солҳои охир ҷорӣ ва такмил додани системаҳои пардохти электронӣ, хизматрасониҳои бонкинги мобилӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва инфрасохтори муосири қарзӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди соҳа мебошад. Масалан, имрӯз қисми зиёди амалиётҳои молиявӣ дар кишвар, аз пардохти андозу боҷ ва хизматрасониҳои коммуналӣ то интиқолҳои дохиливу байналмилалӣ тариқи электронӣ ва рақамӣ анҷом дода мешаванд. Ин раванд барои шаҳрвандон ва соҳибкорон дастрасии осон, сарфаи вақт ва коҳиши хароҷоти муомилоти молиявиро таъмин менамояд. Дар ин радиф, сатҳи бехатарӣ ва муҳофизати маълумоти молиявӣ беҳтар гардида, эътимоди корбарон ба низоми бонкӣ ва молиявӣ низ беш аз пеш боло рафта истодааст.

Мусаллам аст, ки истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар низоми молиявӣ ба коҳиши гардиши нақдӣ, рушди амалиёти бидуни нақд, инчунин, ошкору шаффоф гардидани рақамҳои молиявӣ мусоидат намуда, ин тағйирот ба рушди соҳибкории хурду миёна, таҳкими фарҳанги молиявии аҳолӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Ба ин васила, муассисаҳои молиявӣ имрӯз на танҳо хизматрасониҳои бонкӣ, балки маҷмуи ҳалли рақамӣ, аз қабили қарзҳои онлайн, идоракунии ҳисоби шахсӣ дар барномаҳои мобилӣ, пардохтҳои автоматӣ ва дигар амалиётҳои муосири электрониро пешниҳод мекунанд.

Дар ин хусус олими ватанӣ Ш.Раҳимзода иброз медорад, ки "... дар шароити ҷаҳонишавӣ ва воридшавии кишварҳо ба ин раванд, сохтори идоракунӣ ва вазъи иқтисодиёт, аз ҷумла бонкдории дилхоҳ мамлакат, на танҳо аз самаранокии сиёсати иқтисодии он, инчунин, аз вазъи иқтисодиёти кишварҳои шарики иқтисодию тиҷоратиаш вобаста аст. Бояд дар назар дошт, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт яке аз қонуниятҳои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошаду ягон кишвар аз доираи он берун буда наметавонад" [8]. Тавре маълум аст, имрӯз ҷаҳони муосир бо суръати баланд ба ҳамгироӣ ва вобастагии иқтисодӣ мувоҷеҳ аст. Ягон кишвар, новобаста аз сатҳи рушди иқтисодиёташ, наметавонад аз равандҳои ҷаҳонишавӣ канор монад. Албатта, Тоҷикистон низ ҳамчун кишвари фаъоли минтақа ба ин раванд фаъолона ворид шудааст.

Дар чунин шароит, сохтори идоракунӣ ва вазъи иқтисодиёти ҳар як кишвар, бахусус низоми бонкии он, на танҳо аз сиёсати дохилии иқтисодӣ, балки аз вазъи иқтисодии кишварҳои шарики тиҷоратӣ вобастагии ҷиддӣ пайдо мекунад. Барои Тоҷикистон ин масъала боз ҳам муҳимтар аст, зеро иқтисоди миллии мо то андозае ба омилҳои беруна вобаста мебошад. Имрӯз

Тоҷикистон торафт ҳамкории худро бо кишварҳои шарики асосии иқтисодӣ густариш медиҳад, ки тағйирёбии вазъи иқтисодии ин давлатҳо метавонад ба ҳаҷми содироту воридот, ба интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, ба қурби асъор ва ба фаъолияти бонкҳои ватанӣ таъсиргузор бошад. Бо дарназардошти ин, рушди инфрасохтори молиявии рақамӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар самти дурустро интихоб кардааст. Ин ислоҳот на танҳо сатҳи фарогирии молиявиро афзоиш медиҳад, балки иқтисодиётро ба модели рақамӣ наздик намуда, барои шаҳрвандон, соҳибкорон ва сармоягузорон фазои босуботу муносиб фароҳам оварда мешавад. Дарвоқеъ, имрӯз рушди технологияҳои молиявӣ ба яке аз муҳаррикҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст.

Лозим ба таъкид аст, ки бонкҳо дар рақамисозии иқтисодиёт на танҳо ҳамчун таъминкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, балки ҳамчун драйверҳои инноватсионӣ ва амниятгарони молиявӣ фаъолият мекунанд. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар системаи бонкӣ ба баландшавии самаранокӣ, дастрасӣ ва эътимоди иқтисодиёт мусоидат намуда, рушди устувори иқтисодиётро таъмин мекунад. Бо дарназардошти ин, маблағҳои электронӣ–ин пул ё маблағест, ки дар шакли рақамӣ бе истифодаи нақд нигоҳ дошта ва интиқол дода мешавад. Бо рушди технология ва интернет, истифодаи маблағҳои электронӣ дар иқтисоди муосир бештар афзудааст ва онҳо нақши муҳим дар содагардонӣ ва тез кардани амалиёти молиявӣ мебозанд. Ҳамин тавр, то санаи 30 сентябри соли 2025 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии 27 ташкилоти қарзии молиявӣ 16,7 млн ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2024-ум 5,4 млн адад (48,5 дарсад) зиёд мебошад (ниг. ба расми 1).

Тавре мушоҳида мегардад, иқтисоди ҷаҳонӣ босуръат рақамӣ шуда истодааст ва дар ин раванд ҳамёнҳои электронӣ ба яке аз афзорҳои муҳимми муомилоти молиявӣ табдил ёфтаанд. Қабл аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки афзоиши амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ ба кам шудани муомилоти пули нақд мусоидат мекунад. Ин раванд на танҳо хароҷоти коркарди пули нақдро барои давлат ва бахши хусусӣ коҳиш медиҳад, балки шаффофияти низоми молиявиро баланд бурда, фаъолияти тамоми бахшҳоро тақвият мебахшад. Бо ин роҳ суръати гардиши пул меафзояд ва самаранокии иқтисодӣ беҳтар мегардад.




**Сарчашма:** [11]

**Расми 1. –Афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ (адад)**

Дар хусуси расми 1 метавон хулоса намуд, ки маблағҳои электронӣ нақши муҳим дар рушди иқтисоди рақамӣ ва сода кардани равандҳои молиявӣ доранд. Бо афзоиши технологияи амният ва танзимоти ҳуқуқӣ, истифодаи онҳо дар оянда низ васеъ хоҳад шуд ва ба рушди савдои электронӣ ва ҳамкориҳои молиявии байналмилалӣ мусоидат мекунад. Тибқи нишондиҳандаҳо, дар моҳҳои январ-сентябри соли 2025 тавассути ҳамёнҳои электронӣ 16 385,1 ҳаз. адад амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 2 702,7 млн сомонӣ анҷом дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 22,6 дарсад ва 24,1 дарсад зиёд мебошад.

Қобили қайд аст, ки ҷорӣ намудани платформаҳои мониторинг ва таҳлилҳои рақамӣ ба мо имкон медиҳад, ки вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоиро мавриди арзёбӣ қарор дода, қарорҳои стратегӣ ба таври самаранок қабул карда шавад. Ба андешаи мо, истифодаи системаҳои автоматии иттилоотӣ имкон медиҳад, ки камбудиҳо бартараф карда шаванд [6]. Роҷеъ ба ин масъала пажуҳишгар Ҳ.Одинаев қайд менамояд, ки “...дар пасманзари рушди фаъолонаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, масъалаи таъсиси экосистема ва тавсеаи муносибатҳои мустақими муросилотӣ барои бонкҳо дорои аҳаммияти хос мебошад. Зеро таъсиси экосистема ва густариши равобити мустақими ҳамкорӣ мафҳумҳои асосӣ барои тақвияти ҳамкориҳо ва рушди ҳамоҳангшуда дар сатҳи ташкилотҳо ва ҷомеа мебошанд. Экосистемаҳо, ҳамчун муҳити ҳамкорӣ ва рушд барои иштирокчиён, ки шахсони инфиродӣ, ташкилотҳо ва ширкатҳоро дар бар мегиранд, хизмат мекунанд” [7]. Воқеан ҳам, дар самти рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешрафтҳои назаррас ба даст оварда мешаванд, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин раванд рушди босуръати низоми бонкии ҷумҳурӣ ва татбиқи технологияҳои муосири молиявӣ мебошад. Дар пасманзари фаъол гардидани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, масъалаи таъсиси экосистемаҳои рақамӣ ва таҳкими муносибатҳои мустақими муросилотӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароити имрӯза экосистемаҳои молиявӣ на танҳо ҳамчун муҳити ҳамгироии технология ва хизматрасониҳо, балки ҳамчун платформаи фаҳмон ва ҳамоҳангкунандаи манфиатҳои иштирокчиён, яъне шахсони инфиродӣ, ширкатҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва созмонҳои давлатӣ, амал мекунанд. Ташкили чунин муҳит имкон медиҳад, ки ҳамкории байни бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ самараноктар гардад, сатҳи шаффофият ва эътимоди ҷомеа ба хизматрасониҳои рақамӣ боло равад, ва дар маҷмуъ, рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмин карда шавад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим тақвияти инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ мебошад. Танҳо дар давраи соли охир ташкилотҳои қарзӣ ҳазорҳо банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ насб намуда, ба дорандагони кортҳои пардохтӣ имкониятҳои васеи истифодаи хизматрасониҳои бонкиро фароҳам оварданд. Афзоиши шумораи банкомат ва НППН нишон медиҳад, ки самти бонкдорӣ ба таври ҷиддӣ ба рушди рақамӣ рӯй овардааст ва ин раванд барои дастрас намудани хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, тақвияти равобити мустақими ҳамкорӣ байни бонкҳо, бахусус дар дохили кишвар, ба рушди бозори молиявӣ таъсири мусбат мерасонад. Муносибатҳои мустақими муросилотӣ ба коҳиши вақт ва кам шудани хароҷот дар амалиёти байналмилалӣ, баланд шудани эътимоднокӣ ва афзоиши рақобат мусоидат менамояд. Ин ҳама боиси беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ ва ҷалби технологияи муосир ба низоми молиявии кишвар мегардад.

Дигар паҳлуи муҳим ин аст, ки ҳамёнҳои электронӣ ба рушди иҷтимоӣ низ таъсири назаррас мерасонанд. Онҳо хизматрасониҳои молиявиро барои аҳолӣ, бахусус, барои минтақаҳои дурдаст, дастрас мегардонанд. Имконияти пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, андозҳо, ҷаримаҳо ва дигар амалиёт ба тариқи онлайнӣ сатҳи фарогирии молиявӣ ва фарҳанги молиявии шаҳрвандонро бештар мегардонад. Ин, дар навбати худ, ба беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва рушду такомули захираҳои инсонӣ мусоидат менамояд. Инчунин, ҳамёнҳои электронӣ муҳити соҳибкорӣ ва инноватсияро фаъол месозанд. Барои соҳибкорони хурду миёна, ки пойгоҳи асосии рушди иқтисоди кишвар мебошанд, онҳо шароити мусоид фароҳам меоваранд: масрафи транзаксионӣ кам мешавад, ҳисоббаробаркуниҳо дақиқ ва шаффоф гардида, имкониятҳои нави финтехӣ ба вуҷуд меоянд. Ин ҳама ба рақобати солим ва инкишофи технологияҳои пешрафта мусоидат мекунад (ниг. ба расми 2).




**Сарчашма**: [12]

**Расми 2. – Амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ**

Дар маҷмуъ, афзоиши истифодаи ҳамёнҳои электронӣ иқтисоди моро ба сатҳи баландтари рақамисозӣ мебарад. Ин раванд суботи низоми молиявиро тақвият дода, шаффофиятро зиёд мекунад ва имкониятҳои идоракунии хавфҳои иқтисодиро васеъ менамояд. Имрӯз ҳамёнҳои электронӣ дигар танҳо як воситаи пардохт набуда, онҳо ба яке аз омилҳои асосии рушди устувор, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва такмили идоракунии иқтисодӣ табдил ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ (адад) дар расми 3 нишон дода шудааст.




**Сарчашма**: [11]

**Расми 3. – Динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ (адад)**

Дар давраи ҳисоботӣ шабакаи дастгоҳҳои пардохтӣ ва хизматрасонии нақдӣ дар кишвар тавсеа ёфта, шумораи банкоматҳо ба 3 335 адад ва нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ба 4 195 адад расида, мутаносибан 18,6% ва 12% афзоиш ёфт. Дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 8 743 POS-терминал (12,4% бештар) ва 26 745 QR-рамзи ягона (47,7% бештар) насб гардид. Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба 7 239 адад расид. Аз ин метавон хулоса намуд, ки инфрасохтори пардохтҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ босуръат рушд карда, сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои

молиявӣ дар кишвар ба таври назаррас беҳтар шудааст.

Бо қаноатмандӣ метавон ишора намуд, ки рушди инфрасохтори пардохтӣ танҳо масъалаи технологӣ набуда, он дорои аҳаммияти амиқи иқтисодӣ ва стратегӣ мебошад. Аммо таҳдидҳои амнияти киберӣ, нобаробарии дастрасӣ дар минтақаҳои дурдаст ва ғайра, беш аз пеш бояд ба инобат гирифта шаванд. Тамоюлҳо нишон медиҳанд, ки рушди инфрасохтори пардохтӣ дигар равандест, ки ба ақиб баргаштан надорад. Аз ҳамин ҷост, ки пажуҳишгар Ю.Сидоркова қайд менамояд, ки "…рақамикунонӣ ҳамчун катализатори рушди устувор таъсири торафт бештаре ба сифати зиндагӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мегузорад" [10].

Воқеан ҳам, имрӯз мо дар давраи босуръат тағйирёбандаи иқтисодӣ қарор дорем, ки дар он рақамикунонӣ ба унсури асосии пешрафт табдил ёфтааст. Бо татбиқ намудани технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи низоми муосири иттилоотӣ метавонем дар ин самт боз ҳам дастовардҳои беназирро ба даст орем. Зеро рақамигардонӣ ба коҳиши гардиши нақдӣ мусоидат карда, на танҳо хароҷоти марбут ба муомилоти пулӣ ва хатарҳои марбута ба пули нақдро коҳиш меёбад, ҳамзамон, самаранокии амалиёти молиявиро низ торафт афзоиш медиҳад. Дар ин раванд, ҳар як гардиши маблағ сабт ва назорат шавад, ки ин ба афзоиши эътимод дар ҷомеа мусоидат мекунад. Пас рақамикунонии бахши иҷтимоӣ-иқтисодӣ на танҳо як равандест технологӣ, балки иқдоми стратегиест, ки метавонад иқтисоди миллиро ба зинаи нав барорад ва амнияти иқтисодиро тақвият бахшад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мо ин равандро дастгирӣ намуда, тамоми имкониятҳои онро барои манфиати ҷомеа ва давлат самаранок истифода намоем.

Дар ин самт О.Муртазоев, Л.Ҳалимов, З.Султонов қайд менамоянд, ки "…имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро рушди бо шароити зуд тағйирёбандаи муҳити инноватсионӣ фаро гирифта, бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст. Аз ин рӯ, ҳаёти имрӯзаи одамон бо истифодаи мақсадноку босамари технологияи рақамӣ ва рақамикунонӣ дар соҳаи истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ, муҳимтарин омили рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат дониста мешаванд. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи рушди иқтисодиёти рақамӣ қарор дошта, он барои рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад" [5].

Алҳол дар самти рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ роҳбарияти олии кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, хизматрасониҳо дар бахшҳои муҳимми иҷтимоӣ, аз ҷумла: тандурустӣ, маориф, суғуртаи иҷтимоӣ ва дигар пардохтҳо ба шакли рақамӣ амалӣ карда мешаванд. Албатта, ин тадбирҳо барои мардум имкон фароҳам меоранд, ки ба хизматрасониҳо зуд ва бемонеа дастрасӣ пайдо кунанд. Бахусус, аҳаммияти ин раванд барои

сокинони минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистонӣ хеле калон буда, онҳо метавонанд бе сафарҳои тулонӣ ва хароҷоти зиёд аз хизматрасониҳои зарурӣ саривақт истифода намоянд.

Тибқи мушоҳидаҳо, рақамӣ гардонидани хизматрасониҳо дар сатҳи шаффофият ва самаранокии идоракунӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, барои рушди устувори кишвар ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум аҳаммияти калон дорад.

Зимнан, ин дастовардҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Тоҷикистон қадамҳои устувор ва назаррас дар самти рақамкунонии равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мегузорад. Рақамкунонии идоракунӣ на танҳо самаранокиро афзун мекунад, балки ба рушди устувори иқтисод, беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва баланд бардоштани шаффофияти кор дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин дастовардҳо, барои таъмини рушди устувори минбаъда зарур аст, ки тақвияти дастгирии молиявӣ ва рақамии корхонаҳои хурду миёна, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ва рушди платформаҳои рақамии хизматрасонии давлатӣ, омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисон, махсусан, дар самтҳои технологияҳои иттилоотӣ, инноватсия ва менеҷменти саноатӣ ва ғайра тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд.

Дар маҷмуъ, рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Тоҷикистон марҳалаи сифатан навро пушти сар мекунад. Пешрафтҳои бадастомада дар соҳаи бонкдорӣ, аз ҷумла ташкили экосистемаҳои рақамӣ, тақвияти инфрасохтори пардохтҳо ва тавсеаи ҳамкориҳои мустақим, яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми ин ҷараён мебошанд. Ин дастовардҳо на танҳо ба баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти низоми молиявӣ мусоидат мекунанд, балки барои рушди устувори иқтисод, беҳтарсозии шароити зиндагии аҳолӣ ва тақвияти рақобатпазирии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ замина мегузоранд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 22.12.2017, шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ] https://president.tj/event/missives/15376 (Санаи муроҷиат: 04.11.2025).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021, шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ] http://www.president.tj/node/25005 (Санаи муроҷиат: 07.11.2025).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022, шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ] https://prezident.tj/event/'

missives/27245 (Санаи муроҷиат: 30.10.2025).

4. Идиев М. Масъалаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар гузаронидани мониторинги корхонаҳои кишоварзӣ / М.Идиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.–2022.–№. 2(78).–С. 228-240.–EDN VPNDEW.

5. Муртазоев О., Ҳалимов Л., Султонов З. Рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва равандҳои асосии ташаккулёбии он // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ТГУК, 2023. – №4(45). – С.287-294

6. Муртазозода О. Таъмини иттилоотӣ–унсури муҳимтарини системаҳои автоматикунонидашудаи корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / О. Муртазозода, М. Идиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.–Душанбе: Аржанг, 2024. – № 1 (85). – С. 110 – 121.

7. Одинаев Ҳ. Хусусиятҳои асосии экосистемаи бонкӣ дар шароити муосир // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз / Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2025.–№1 (13). – С.195–206.

8. Раҳимзода Ш. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ / Р. Шариф, С. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.–2021. –№. 7.– С. 194-198.–EDN FJZZQQ.

9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. –С. 9.

10. Сидоркова Ю. Цифровизация как катализатор устойчивого развития: влияние технологий на качество жизни и экономическую интеграцию в глобальном контексте / Ю.Е. Сидоркова // Мировые приоритеты социально-экономического развития в условиях цифровизации: вчера, сегодня, завтра: Сборник статей По итогам II международной конференции, Москва, 25 мая 2025 года.–Москва: Автономная некоммерческая организация научно-исследовательский центр в области организации управления «Содействие», 2025. –С.88-90. –edn lklela.

11. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон//Маблағҳои электронӣ [Захираи электронӣ] https://nbt.tj/tj/payment_system/mablaghoi-elektroni.php (Санаи муроҷиат: 03.10.2025).

12. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон//Рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ [Захираи электронӣ] https://nbt.tj/tj/payment_system/rushdi-bozori-kort-oi-pardokhtii-bonk.php (Санаи муроҷиат: 03.10.2025).

13. Усманова Т. Цифровизация и её влияние на социально-экономические процессы / Т. Усманова // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2025. – № 2(61). – С. 261–265.

# ДОСТИЖЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА НА ЭТАПЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ

**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,**
кандидат экономических наук, доцент, первый заместитель
директора Центра стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шохтемур 27;
тел.:(+992 37) 2-21-41-63; e-mail: oraz-2009@mail.ru

**ИДИЕВ МАНУЧЕХР ХАЙРИДИНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, преподаватель кафедры управления
государственной финансовой и цифровой экономикой Академии
государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33;
тел.: (+992) 909-10-11-22; e-mail: kolliji-omuzgori@mail.ru

*В условиях стремительного развития мировой экономики и постоянных изменений конкурентной среды цифровизация является не просто технологическим процессом, а ключевым фактором повышения конкурентоспособности, прозрачности, эффективности управления и экономической устойчивости в эпоху экономической глобализации. В последние годы Таджикистан добился значительных успехов во внедрении информационных технологий, систем электронных платежей, цифровых сервисов и моделей цифрового управления, особенно в государственных, финансовых и социальных секторах. Активное участие предприятий и государственных учреждений в реализации цифровой трансформации позволило ускорить и повысить точность процессов сбора, передачи, обработки и обмена информацией, одновременно усилив возможности принятия управленческих решений.*

*Особое внимание в последние годы в Посланиях Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона уделяется развитию цифровой экономики и совершенствованию человеческого капитала как основного условия технологического и инновационного прогресса. В связи с этим человеческий капитал, особенно образованная молодежь, сегодня становится ключевым элементом продвижения цифровой экономики и устойчивого развития страны. Кроме того, цифровизация экономики, особенно банковского и финансового сектора, развивается быстрыми темпами. Использование электронных кошельков, онлайн-платформ, безналичных операций, цифровых экосистем и систем мониторинга способствует расширению финансового рынка, повышению*

*доверия граждан и развитию малого и среднего предпринимательства. Таким образом, Таджикистан находится на этапе цифровизации, где технологии, информация и инновации выступают в качестве основных двигателей устойчивого развития. В этой связи возникает необходимость глубокого изучения цифровизации социально-экономических процессов, их влияния на национальное развитие и роли цифровой финансовой инфраструктуры.*

***Ключевые слова:*** *цифровизация, человеческий капитал, электронные услуги, устойчивое развитие, цифровая экономика, информационные технологии, цифровые экосистемы, экономическая глобализация, инновации, электронные кошельки, прозрачность, цифровая трансформация.*

## ACHIEVEMENTS OF TAJIKISTAN IN THE STAGE OF DIGITALIZATION OF SOCIO-ECONOMIC PROCESSES

**MURTAZOZODA ORAZ,**
Candidate of economic sciences, Associate professor, first deputy Director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz-2009@mail.ru

**IDIEV MANUCHEHR KHAYRIDINOVICH,**
Candidate of economic sciences, lecturer at the department of public finance management and digital economy, Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str.33;
tel.: (+992) 909-10 -11-22, e-mail: kolliji-omuzgori@mail.ru

*In the context of rapid global economic development and the constant changes in the competitive environment, digitalization is not merely a technological process but a key factor in enhancing competitiveness, transparency, management efficiency, and economic sustainability in the era of economic globalization. In recent years, Tajikistan has made significant progress in the implementation of information technologies, electronic payment systems, digital services, and digital management models, especially in the public, financial, and social sectors.*

*The active participation of enterprises and government institutions in implementing digital transformation has enabled faster and more accurate processes of information collection, transfer, processing, and exchange, while simultaneously enhancing managerial decision-making capabilities.*

*In particular, in recent years, the Messages of the President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon, have emphasized the development of the digital economy and the improvement of human capital as essential conditions for technological and innovative advancement. In this context, human capital, especially educated youth, has become a key element in driving the digital economy and sustainable development of the country. Furthermore, the digitalization of the economy, especially the banking and financial sectors, has been developing rapidly. The use of electronic wallets, online platforms, cashless transactions, digital ecosystems, and monitoring systems contributes to the expansion of the financial market, increased public trust, and the development of small and medium-sized enterprises. Thus, Tajikistan is at the stage of digitalization, where technologies, information, and innovations act as the main drivers of sustainable development. In this context, there is a need for in-depth research into the digitalization of socio-economic processes, their impact on national development, and the role of digital financial infrastructure.*

***Keywords:*** *digitalization, human capital, electronic services, sustainable development, digital economy, information technologies, digital ecosystems, economic globalization, innovation, electronic wallets, transparency, digital transformation.*

УДК 334+338

# ДОИР БА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД
**(натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ)**

**ҶУРАХОНЗОДА САОДАТ ҶУРАХОН,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел.: (+992) 907-98-69-13; e-mail:s.mutieva@mail.ru

**СОДИҚОВА АНИСА ФАРҲОДОВНА,**
муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии масъалаҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел.: (+992) 92-630-09-72; e-mail: anisa.sf@mail.ru

*Дар мақола натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ доир ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории инноватсионӣ дар вилояти Суғд оварда шудааст. Таъкид гардидааст, ки барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар нақши соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ, хеле назаррас буда, бояд барои рушди он тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гашта, шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Қайд гардидааст, ки вилояти Суғд яке аз вилоятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта буда, барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ хеле мусоид мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *минтақа, иқтисодиёт, соҳибкорӣ, соҳибкории инноватсионӣ, саноат, сармоя, кадрҳои баландихтисос, рақобат, манбаҳои маблағгузорӣ, имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ.*

Дигаргунсозии соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини рушди устувор, ҳалли масъалаҳои асосии амнияти иқтисодии иқтисоди миллӣ, рушд ва истифодаи технологияҳои нав дар истеҳсолот баррасии васеи масъалаҳои рушди соҳибкории инноватсиониро талаб менамояд. Тавре ки маълум аст, соҳибкорӣ асоси рушди ҳама гуна иқтисодиёт буда, то чӣ андоза шароит ва имкониятҳои мусоид барои соҳибкорӣ фароҳам оварда шаванд, ҳамон қадар суръати рушди иқтисодиёт баланд хоҳад шуд. Соҳибкории инноватсионӣ ин на танҳо ҷойҳои нави корӣ, истифодаи технология ё усулҳои нави истеҳсолот, балки афзоиши даромаднокии корхона ва аҳолӣ, рушди минтақа ва паст шудани сатҳи бекорӣ мебошад.

Олимони ватанӣ, аз ҷумла Р.Раҳимов, Я.Довгялло ва Ю.Юсуфбеков қайд менамоянд, ки «имрӯз гузариши давлат ба роҳи рушди инноватсионӣ асоси рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани некуаҳволии мардумро ташкил медиҳад. Рушди инноватсионии иқтисодиёт омили муайянкунандаи тағйирёбии миқдорӣ, сифатӣ ва сохторӣ дар иқтисодиёт ва рушди иқтисодӣ мегардад» [3, 53].

Бояд тазаккур дод, ки дар замони муосир бе пешбурди заминаи инноватсионии иқтисодиёт баланд бардоштани рақобатнокӣ ва нигоҳ доштани мавқеи устувор имконнопазир аст. Пажуҳишгари тоҷик Л.Саидмуродов таъкид менамоянд, ки «имрӯз талабот ба ташкили иқтисодиёти саноатию аграрӣ бо унсурҳои инноватсионӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои гузариш ба стратегияи муосиргардонии босуръатро мегузорад. Ба ҳалли масъалаи мазкур бидуни фаъолнокии босуръати субъектҳои иқтисоди миллӣ, бе якҷоясозии тамоми қувва ва воситаҳое, ки дар ихтиёри давлат ва соҳибкор қарор доранд, ноил гардидан ба ҳадафҳои муосиргардонии иқтисодиёт, пешрафти илмию техникӣ, ташаккул ва истифодаи инноватсияҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ғайриимкон аст» [4, 19].

Зикр кардан, бамаврид аст, ки дар кишвар барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ, як қатор тадбирҳо, аз қабили муҳайё сохтани заминаи қонунгузорӣ, бахусус, қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, қабули маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, стратегия ва барномаҳо, ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, ба кор даровардани интернет–портали миллии инноватсионӣ, таъсиси Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» ва дигар тадбирҳо дар ин самт андешида шудаанд. Фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории инноватсионӣ яке аз ҷузъҳои сиёсати фаъоли танзими бозори меҳнат, яъне «ин рушди иқтидори инсонии кишвар, рушди малака, дониш ва малакаи кормандон, ба ин васила баланд бардоштани имкониятҳои шуғл, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, худмаблағгузорӣ ва ғайра» [1] мебошад. Бозори меҳнат ва соҳибкории инноватсионӣ бо ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаанд. Рушди соҳибкории инноватсионӣ ба ташаккули ҷойҳои нави корӣ ва тахассусҳои нав, тағйирот дар сохтори шуғл ва баланд бардоштани тахассуси корманд мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки «дар замони муосир гузариш ба роҳи инноватсионии рушд ин омили асосии тараққиёти устувори иқтисодиёт, таъмини рақобатпазирии давлат дар шароити ҷаҳонишавию рушди илмию техникӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Фаъолияти инноватсионӣ асоси рушди ҷомеаи муосирро ташкил дода, самтҳои

афзалиятноки сиёсати иқтисоди миллиро дар рушди технологияҳо муайян мекунад ва ба тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ таъсир мерасонад» [6]. Бояд тазаккур дод, ки «барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар рушди соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории инноватсионӣ нақши назаррасро мебозад. Дар ин раванд рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва баланд бардоштани иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад мебошад» [5]. Яъне барои рушди иқтисодии кишвар дар умум ва шаҳру ноҳияҳои он дар алоҳидагӣ ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ зарур буда, он барои дастрасӣ ба технологияи пешрафта, таҷрибаи идоракунӣ, шиносоӣ бо стандартҳои байналмилалии сифат, рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Вилояти Суғд дорои иқтидори зарурии иқтисодӣ барои рушди навъҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ, мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи омори расмӣ дар соли 2024 дар вилоят 27,8% шахсони ҳуқуқӣ ва 35,6% соҳибкорони инфиродии фаъолияткунанда, инчунин, 32,6% корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд.

Дар баробари ин, бо мақсади дақиқ ва пурра таҳия намудани масъалаи мазкур омӯзиши афкори коршиносон ва соҳибкорони вилояти Суғд, бахусус, шаҳрҳои Хуҷанду Истаравшан ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо ҷалби 50 нафар соҳибкорон баргузор карда шуд. Аз миқдори умумии иштирокчиёни пурсиш 68% мардҳо ва 32% занҳо ташкил намуданд. Синну соли пурсидашавандагон аз 18 то 35 сола – 26%, аз 36 то 45 сола – 30%, аз 46 – 55 сола 32%, аз 56 – 63сола 10% аз 63 боло–2%-ро ташкил дод. Сатҳи маълумоти пурсидашавандагон 72% – олӣ, 6% – олии нопурра, 2% – миёнаи махсус, 8% – миёнаи пурра ва 12% – миёнаи нопурра буд.

Шакли ташкилию ҳуқуқии соҳибкорони бо пурсиш фаро гирифташуда, асосан ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд – 82%, соҳибкории бо патент фаъолияткунанда – 10%, соҳибкории бо шаҳодатнома фаъолияткунанда – 4%, КМТТ ҶДММ–2% ва муассисаи таълимӣ – 2% буданд.

Самти асосии фаъолияти соҳибкорони пурсишдашаванда асосан саноат – 61%, савдо (молҳои саноатӣ, пойафзор, либоси занона ва кӯдакона) ва хӯроки умумӣ–10,2%, сохтмон– 10,2%, хизматрасонии маишӣ (дӯзандагӣ, қаннодӣ ва ғ.) – 6,8%, хизматрасонии соҳаи нақлиёт – 3,4%, хизматрасонии техникӣ – 3,4%, фармасевтика (дорусозӣ) – 3,4% ва муассисаи таълимии ғайридавлатӣ – 1,7%-ро дар бар мегирифт.

Дар рафти таҳқиқот ҷиҳати муайян намудани андешаи соҳибкорон доир ба мазмун ва моҳияти мафҳуми «соҳибкории инноватсионӣ» ба онҳо саволи “Ба андешаи Шумо соҳибкории инноватсионӣ чист?» пешниҳод гардид. Таҳлили ҷавобҳои пурсидашавандагон нишон дод, ки соҳибкорон

мафҳуми *«соҳибкории инноватсионӣ»*-ро дуруст дарк намуда, кӯшиш менамоянд, ки дар фаъолияти худ аз техника ва технологияҳои нави замонавӣ истифода баранд. Ҷавобҳои соҳибкорон муфассал дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Андешаи соҳибкорон доир ба мафҳуми «соҳибкории инноватсоионӣ»**

| Мафҳуми "соҳибкории инноватсоионӣ» | % |
|---|---|
| Истифодаи технологияҳои нав. | 18,0 |
| Соҳибкороне, ки самти фаъолияти худро бо технологияҳои замонавӣ мутобиқат карда, фаъолият менамояд. | 8,0 |
| Соҳибкорие, ки ба рушди технологияҳои нав, инноватсионӣ ва маҳсулоти нав ва ғ. равона гардидааст. | 6,0 |
| Баланд намудани сифат, истеҳсолот, ҷойи кор ва даромад. | 6,0 |
| Истеҳсоли маҳсулоти мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва истифодаи технологияҳои навтарин дар фаъолият. | 6,0 |
| Инсоне, ки на танҳо соҳибкор аст, инчунин, дар ҷустуҷуи идеяи ё хизматрасонии нав мебошад. | 6,0 |
| Ин афзоиши сифату рушди самаранокии истеҳсолот ва маҳсулоти бозорталабро таъмин менамояд. Навсозӣ барои рушди истеҳсолот. | 4,0 |
| Ин тавассути ихтироъкорӣ ва ғояи нав ба роҳ мондани фаъолият мебошад. | 4,0 |
| Ин фаъолияти соҳибкориест, ки ба эҷод, татбиқ ва тиҷоратикунонии маҳсулот, хизматрасонӣ, раванд ё технологияҳои нав равона шудааст. | 4,0 |
| Баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин кардани кормандон, кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ. | 4,0 |
| Идора ва ҷорӣ намудани технологияи муосир ва ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ. | 4,0 |
| Ин навоварӣ барои рушди самаранокӣ дар истеҳсолот ва таъмини бозор бо маҳсулоти хушсифати ба стандарт ҷавобгӯй. | 2,0 |
| Соҳибкории инноватсионӣ фаъолияти соҳибкориест, ки ба татбиқи навовариҳо дар маҳсулот, хизматрасонӣ, технология, раванди истеҳсолот, идоракунӣ ё моделҳои бизнес равона шудааст. | 2,0 |
| Истифодаи техника, методҳо, барномаҳои пешрафта ва рақамикунонии истеҳсолот. | 2,0 |
| Ин як намуди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки бо таҳия, татбиқ ва тиҷоратикунони ғояҳо, технологияҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои нав алоқаманд аст, ки бозорро ба таври назаррас тағйир медиҳад. | 2,0 |
| Соҳибкори дорандаи тахассуси технологияи компютерӣ. | 2,0 |
| Ба савол ҷавоб надоданд. | 20,0 |
| **Ҳамагӣ** | **100** |

Дар баробари ин, ба пурсидашавандагон саволи «Шумо дар фаъолияти худ аз техника, таҷҳизот ё хатҳои нави технологиву инноватсионӣ истифода мебаред?» пешниҳод гардид. Аз шумораи умумии соҳибкорони бо пурсиш фаро гирифта шуда, 80% ҷавоби «Ҳа» ва 16% ҷавоби «Не»–ро интихоб намуда, 4% иброз доштанд, ки «кӯшиш карда истодаам, омӯхта ҷорӣ намоям».

Ба саволи "Ба андешаи Шумо бартарии истифодаи техника, таҷҳизот ё хатҳои нави технологӣ – инноватсионӣ дар чӣ ифода меёбанд?" соҳибкорон

чунин ҷавобҳо пешниҳод намуданд: «Дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот» – 29,7%, «беҳтар кардани сифати маҳсулот»–18,9%, «беҳтар кардани шароити кор»–12,6%, «кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист»–11,7%, «афзоиши даромад»–11,7%, «ҳамаи номбаршуда» –12,6%, «намедонам» –0,9% ва «сарфаи вақт» –1,8%.

Ҳамзамон, ба соҳибкорон саволи "Ба андешаи Шумо барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ягон мушкилот ё монеа мавҷуд аст?" пешниҳод гардид (ҷадвали 2.). Соҳибкорон асосан омилҳои зеринро ҳамчун мушкилот ё монеа дар пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ номбар намуданд:

- норасоии маблағҳои озоди гардон – 11,3%;
- фоизи баланд ва муҳлати бениҳоят ками қарз – 9,9%;
- мушкилот дар дастрасӣ ба захираҳои қарзию молиявии имтиёзнок – 9,2%;
- норасоии мутахассисони сохибтаҷриба – 8,5%;
- мавҷуд набудани рақобати озоду шаффоф дар бозор – 7,7%;
- воридоти зиёди молу маҳсулот – 7,7%;
- дастрас набудани ашёи хом бо сабабҳои надоштани маблағҳои озоди гардон барои захира кардани он – 6,3%.

**Ҷадвали 2.**

**Мушкилот дар пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсоионӣ**

| Номгӯйи мушкилот | % |
|---|---|
| Норасоии маблағҳои озоди гардон | 11,3 |
| Фоизи баланд ва муҳлати бениҳоят ками қарз | 9,9 |
| Мушкилот дар дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ молиявии имтиёзнок | 9,2 |
| Норасоии мутахассисони сохибтаҷриба | 8,5 |
| Мавҷуд набудани рақобати озоду шаффоф дар бозор | 7,7 |
| Воридоти зиёди молу маҳсулот | 7,7 |
| Дастрас набудани ба ашёи хом бо сабабҳои надоштани маблағҳои озоди гардон барои захира кардани он | 6,3 |
| Мушкилот дар дарёфти нуқтаҳои фурӯши маҳсулот | 5,6 |
| Кам шудани талабот бо сабабҳои воридоти зиёди молу маҳсулот аз хориҷи кишвар | 4,9 |
| Зиёд будани ашхоси миёнарав дар бозор | 4,2 |
| Мушкилот барои ба даст овардани таҷҳизот ва технологияҳои пешқадами муосир | 3,5 |
| Мунтазам афзоиш ёфтани нархи воситаҳои истеҳсолӣ (нуриҳои менералӣ, сӯзишворӣ) | 2,8 |
| Базаи технологӣ намерасад | 2,8 |

| | |
|---|---|
| Мушкилот бо таъмини об | 2,8 |
| Вақт, пул, захираҳо вуҷуд надоранд | 2,1 |
| Таҷрибаи корӣ намерасад | 2,1 |
| Мушкилот бо таъмини барқ | 2,1 |
| Ба сифати гарав қабул нагардидани таҷҳизоту иншооти бунёдшаванда | 1,4 |
| Ба сифати гарав истифода нагардидани сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин дар муассисаҳои қарздиҳанда | 1,4 |
| мавҷуд намебошад | 1,4 |
| Баланд будани вазни қиёсии андоз | 1,4 |
| Контрабандаи маҳсулоти монанд | 0,7 |
| **Ҳамагӣ** | **100** |

Инчунин, ба соҳибкорон саволи «Ҳоло корхона, ташкилот ё хоҷагии Шумо бо иқтидори пурра фаъолият менамояд?» пешниҳод гардид. Аз таҳлили муайян шуд, ки 52% соҳибкорон бо иқтидори пурра ва 4% соҳибкорон бо иқтидори 20%–30% фаъолият намуда, 44% соҳибкорон бошанд, бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд.

Дар баробари ин, аз соҳибкороне, ки ҷавоби «Не»–ро интихоб намуданд, сабаби бо иқтидори пурра фаъолият накардани онҳо пурсида шуд: «Агар «Не», пас сабабҳои ба иқтидори пурра фаъолият накардани корхона, ташкилот ё хоҷагии худро шарҳ медодед?». Соҳибкорони пурсидашаванда ҳамчун сабабҳои асосии ба иқтидори пурра фаъолият накардани корхона, ташкилот ё хоҷагии худро чунин арзёбӣ намуданд: бо сабаби норасоии маблағи кофӣ барои ашёи хом, корхона навтаъсис буда, таҷҳизоти инноватсионӣ ворид карда шуда истодаанд, навтаъсис ва ба бозор ҳоло дохил нашудаем, норасоии кадрҳо, бо корхонаҳои Чин ва Русия рақобат кардан лозим аст, афзоиш ёфтани нархи воситаҳои истеҳсолӣ, норасоии барқ дар фасли зимистон, ҳар сол пешравӣ лозим мебошад, техника ва технологияҳо ва маҳсулоти нав талаб карда мешавад, набудани бозори фурӯш, баланд будани арзиши аслии маҳсулот, воридоти бисёри маҳсулоти монанд дар бозор ва ғайра. Ҷавобҳои соҳибкорон муфассал дар ҷадвали 3. муфассал дарҷ гардидаанд:

**Ҷадвали 3.**

**Сабабҳои ба таври пурра фаъолият накардани соҳибкорон**

| Сабабҳои ба таври пурра фаъолият накардани корхона, ташкилот | % |
|---|---|
| Сабаби асосӣ ин норасоии маблағи кофӣ барои ашёи хом | 11,1 |
| Корхона навтаъсис буда, таҷҳизоти инноватсионӣ ворид карда шуда истодааст | 11,1 |
| Навтаъсис, ба бозор дохил нашудаем | 11,1 |
| Норасоии кадрҳо | 7,4 |
| Бо корхонаҳои Чин ва Русия рақобат кардан лозим аст | 7,4 |
| Афзоиш ёфтани нархи воситаҳои истеҳсолӣ | 7,4 |
| Норасоии барқ дар фасли зимистон | 7,4 |
| Ҳар сол пешравӣ лозим, техника ва технологияҳо ва маҳсулоти нав талаб карда | 7,4 |

| | |
|---|---|
| мешавад | |
| Набудани бозори фурӯш | 7,4 |
| Баланд будани арзиши аслии маҳсулот, воридоти бисёри маҳсулоти монанд дар бозор | 7,4 |
| Бо сабаби хизматрасонӣ (идора) | 3,7 |
| Норасоии биноҳои таълимӣ ва хобгоҳ | 3,7 |
| Рақобат, ба фурӯш нарафтани маҳсулоти истеҳсолшуда | 3,7 |
| Дастрас набудани ашёи хом | 3,7 |
| **Ҳамагӣ** | **100** |

Ҳамзамон, ба соҳибкорон саволи «Оё Шумо дар мавриди ба қадри зарурӣ захира ва дастрас намудани ашёи хом мушкилӣ доред?» пешниҳод гардид. Аз шумораи умумӣ 54% соҳибкорон иброз доштанд, ки дар ин самт мушкилӣ надоранд, 22% соҳибкорон бо мушкилӣ дучор мегарданд, 8% соҳибкорон «баъзан вақт» ва 2% «баъзан бо сабаби норасоии маблағ» мушкилӣ мекашанд. Ҳамчунин, 4% соҳибкорон қайд карданд, ки “маблағҳои озоди гардон барои захира лозим аст» ва 2% «мушкилӣ дар интиқолдиҳӣ (транспортировка) вобаста ба вазъи давлатҳои воридкунанда мебошад». Боқимонда 8% ба савол ҷавоб надоданд.

Дар баробари ин, ба соҳибкорон саволи “Ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолкардаатон бештар кадом омилҳо таъсир мерасонанд?» пешкаш карда шуд. Тибқи ҷавобҳои пурсидашавандагон ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳибкорон бештар омилҳои зерин таъсир мерасонанд: баланд шудани нархи ашёи хом ва хизматрасониҳо 18,8%, рақобат дар бозор 14,5%, қувваи барқ 13%, музди меҳнат 7,2%, иҷора 5,8%, андоз 4,3% ва роҳкиро 5,8% таъсир мерасонанд (ниг. ба диаграммаи 1). Ҳамзамон, 2,9% соҳибкорон қайд карданд, ки «ягон омил таъсир намерасонад».




**Диаграммаи 1. Омилҳои таъсиррасон ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳибкорони бо пурсиш фаро гирифташуда.**

Ба саволи «Оё дар корхонаи Шумо норасоии кадрҳои баландихтисос ба мушоҳида мерасад?» 50% соҳибкорон ҷавоби «Ҳа», 48% ҷавоби «Не» ва 2% ҷавоби «дигар»-ро интихоб намуданд. Ҳамзамон, аз таҳлили ҷавобҳо ба саволи «Шумо дар фаъолияти худ асосан аз кадом манбаъҳои маблағгузорӣ

истифода мебаред?» маълум гардид, ки соҳибкорон дар фаъолияти худ бештар маблағҳои худӣ 44,7%, қарзҳои бонкӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 34,2%, қарз аз шиносон 11,8%, қарзҳо аз бонк ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявии хориҷӣ 7,9% ва 1,3% грантҳои президентӣ истифода мебаранд (ниг. ба диаграммаи 2).




**Диаграммаи 2. Манбаъҳои маблағгузорие, ки соҳибкорони бо пурсиш фаро гирифташуда истифода мебаранд**

Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқот доир ба дастрасии қарзҳои пешниҳодшавандаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳибкорон саволгузорӣ карда шуд: «Оё қарзҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар барои соҳибкорон пешниҳод менамоянд, ба Шумо дастрас аст?». Дар ҷавоб 61,5% соҳибкорон иброз доштанд, ки қарзҳо дастрас аст, 25% соҳибкорон ҷавоби «Не»-ро интихоб намуданд. 7,7% соҳибкорон бо ташкилотҳои қарзию молиявӣ ҳамкорӣ накардаанд ва 5,8% ба савол ҷавоб надоданд. Дар баробари ин, вобаста ба сабабҳои ба ташкилотҳои қарзию молиявӣ муроҷиат накардани соҳибкорон қайд гардид, ки онҳо «маблағи заруриро доро мебошанд» – 38,5%, ба савол ҷавоб надоданд – 53,8% ва 7,7% андеша доранд, ки грантҳо барои корхонаҳои ғайридавлатӣ нест, асосан барои давлатӣ мебошанд.

Ҳамчунин, ба соҳибкорон саволи «Оё Шумо аз имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукии дар қонунгузорӣ пешбинигардида истифода мебаред?» пешниҳод гардид. Аз шумораи умумии соҳибкорон 74% қайд карданд, ки аз имтиёзҳои андозиву гумрукӣ истифода мебаранд, 10% истифода намебаранд ва 16% иброз доштанд, ки “огоҳ нестанд» (ниг. ба диаграммаи 3).




**Диаграммаи 3. Оё Шумо аз имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукии дар қонунгузорӣ пешбинигардида истифода мебаред?**

Дар баробари ин, аз соҳибкорон пурсида шуд, ки «Оё Шумо бо сохтору мақомоти давлатӣ вобаста ба масъалаҳои соҳибкорӣ ҳамкорӣ менамоед (барои гирифтани машварат доир ба ташкил ё пешбурди фаъолият, донистани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ғ.)?». Дар ҷавоб 64%-и соҳибкорон тасдиқ намуданд, ки бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ менамоянд, 36%-и боқимонда бошанд, гуфтанд, ки дар ин самт ҳамкорӣ накардаанд.

Барои муайян намудани муносибати мақомоти давлатӣ бо соҳибкорон ба онҳо саволи «Кадоме аз мақомоти давлатии зерин бештар ба фаъолияти Шумо монеа эҷод менамоянд?» пешниҳод гардид. Тибқи андешаҳои соҳибкорон, бештар ба фаъолияти онҳо нозироти андоз – 22,5%, нозироти гумрук – 15,5%, хадамоти санитарию эпидемиологӣ – 7%, хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ – 7%, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ – 2,8%, Агентии миллӣ оид ба сиёсати зиддимонополӣ – 2,8%, хадамоти давлатии назоратӣ дар соҳаи энергетика – 2,8% ва ҳифзи муҳити зист – 1,4% мушкилӣ ё монеа эҷод менамоянд. Ҳамчунин, 1,4% қайд карданд, ки “монеа вуҷуд надорад» ва 1,4% «ба савол ҷавоб надоданд».




**Диаграммаи 4. Кадоме аз мақомоти давлатии зерин бештар ба фаъолияти Шумо монеа эҷод менамоянд?**

Дар рафти таҳқиқот аз андешаи соҳибкорон доир ба саволи «Ба андешаи Шумо барои пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ кадом самтҳо афзалиятнок мебошанд?», муайян гардид, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ самтҳои афзалиятнок ин саноати коркард – 39,1%, хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт – 10%, соҳаи кишоварзӣ – 9,1%, саноати истихроҷ – 7,3%, саноати хӯрокворӣ – 7,3%, сохтмон – 6,4%, фармасевтика (дорусозӣ) – 6,4%, хизматрасонии техникӣ – 6,4%, савдо (молҳои саноатӣ, пойафзор, либоси занона ва кӯдакона) – 3,6%, моҳипарварӣ – 2,7% ва хизматрасонии маишӣ – 0,9% мебошанд (ниг. ба диаграммаи 5).




**Диаграммаи 5. Самтҳои афзалиятнок барои пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ тибқи андешаи соҳибкорони бо пурсиш фаро гирифташуда.**

Мавриди зикр аст, ки дар рафти таҳлил, ҳамчунин, саволи «Барои зиёд намудани сафи соҳибкорони инноватсионӣ кадом тадбирҳо бояд роҳандозӣ шаванд?» пешниҳод гардида, тадбирҳои мусоидкунанда барои зиёд намудани сафи соҳибкорони инноватсионӣ муайян карда шуданд:

- Ҷорӣ намудани имтиёзҳои иловагӣ барои соҳибкорони инноватсионӣ – 21,9%;
- Пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ – 19%;
- Шароитҳои махсус барои ҷалби маблағгузорӣ – 17,5%;
- Рушди фарҳанги соҳибкорӣ ва инноватсия – 9,5%;
- Таъсиси низоми бозомӯзии касбӣ – 6,6%;
- Сохтани инфрасохтори дастгирӣ – 5,8%;
-Ташвиқи фаъолияти марказҳо барои кумак ва ҳамкорӣ бо соҳибкорони инноватсионӣ –5,1%;
- Вусъат бахшидани тиҷоратикунонии дастовардҳои илмию инноватсионӣ – 5,1%;
- Ҳамаи номбаршуда – 5,1%;
- Дастгирии иттилоотӣ ва методӣ – 4,4%.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки вилояти Суғд минтақаи аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта буда, рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва баланд бардоштани иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Барои рушди босамари иқтисодии минтақаҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Суғд, рушди соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории инноватсионӣ, нақши бориз мебозад. Дар ин раванд рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва баланд бардоштани

иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои пешбурди чунин фаъолият мувофиқи мақсад мебошад. Чи тавре, ки муҳаққиқи ватанӣ С.Комилов қайд менамояд: «Гузариш ба модели инноватсионӣ амалӣ намудани лоиҳаҳои рушди инноватсиониро дар ҳошияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар назар дошта, ба ташаккули ҳамкории мутақобилан судманди давлат ва бизнес мусоидат менамояд. Ташаккули ниҳодҳои ҳамкории давлат ва бизнес ҳадафи сиёсати рушди инноватсионии иқтисодиёт мегардад» [2].

Рушди соҳибкории хурду миёна, таъсиси корхонаҳои муштарак ва замонавӣ дар вилояти Суғд ба ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот мусоидат кардаанд. Ширкатҳои ватанӣ, ки бо давлатҳои ҳамсоя робита барқарор кардаанд, дар шароити рақобати шадид кор карданро меомӯзанд, менеҷерон ва кормандоне, ки аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ ба кор қабул карда мешаванд, дониши нав мегиранд ва дар асоси технологияи воридгардида малакаи касбии худро баланд мебардоранд.

Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки соҳибкорони вилоят моҳияти мафҳуми «соҳибкории инноватсионӣ», бартарии истифодаи техника, таҷҳизот ё хатҳои нави технологӣ – инноватсионӣ дар раванди истеҳсолотро хуб дарк менамоянд ва барои дар фаъолияти худ татбиқ намудани он кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар баробари ин, дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки ҳоло барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ баъзе мушкилот мавҷуданд, аз ҷумла, норасоии маблағҳои озоди гардон, дарсади (фоизи) баланд ва муҳлати бениҳоят ками қарзҳои пешниҳодшаванда, мушкилот дар дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ– молиявии имтиёзнок, норасоии мутахассисони сохибтаҷриба, мавҷуд набудани рақобати озоду шаффоф дар бозор, воридоти зиёди молу маҳсулоти монанд.

Тавре ки таҳлил нишон медиҳад, зарфиятҳои мавҷудаи истеҳсолии баъзе корхонаҳо самаранок истифода намешаванд. Сабабҳои истифодаи нопурраи зарфиятҳои истеҳсолӣ гуногунанд. Дар навбати аввал, норасоии маблағ барои харидани намудани ашёи хом ва гарон будани ашёи хоми хориҷии воридшаванда, афзоиш ёфтани нархи воситаҳои истеҳсолӣ, тахассуси номувофиқи қувваи корӣ, набудани бозори фурӯш, сатҳи пасти идоракунӣ мебошад. Ҳамаи ин арзиши маҳсулоти истеҳсолшударо нисбат ба дигар маҳсулоти арзони воридотӣ гаронтар мекунад. Азбаски истеъмолкунандагон ба нархи маҳсулот осебпазиранд, онҳо молҳои арзонтари воридотиро афзалтар медонанд, ки ин ба коҳиши фаъолияти корхонаҳои ватанӣ оварда мерасонад. Сабаби дигари истифодаи нопурраи зарфияти (иқтидори) истеҳсолии корхонаҳои амалкунанда арзиши баланди ҷалби сармоягузорӣ барои рушди истеҳсолот мебошанд.

Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ дар вилояти Суғд самтҳои афзалиятнок: саноати коркард, саноати истихроҷ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, савдо (молҳои саноатӣ, пойафзор, либоси занона ва кӯдакона), саноати хӯрокворӣ, фармасевтика (дорусозӣ), моҳипарварӣ ва хизматрасонии техникӣ мебошанд.

Ҳамзамон, соҳибкорон пешниҳод намуданд, ки барои зиёд намудани сафи соҳибкорони инноватсионӣ тадбирҳои ҷорӣ намудани имтиёзҳои иловагӣ барои соҳибкорони инноватсионӣ, шароитҳои махсус барои ҷалби маблағгузорӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, рушди фарҳанги соҳибкорӣ ва инноватсия, таъсиси системаи бозомӯзии касбӣ, сохтани инфрасохтори дастгирӣ, ташвиқу тарғиби фаъолияти марказҳо барои кумак ва ҳамкорӣ бо соҳибкорони инноватсионӣ, дастгирии иттилоотиву методӣ ва вусъат бахшидани тиҷоратикунонии дастовардҳои илмию инноватсионӣ бояд роҳандозӣ шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Джурахонзода С.Дж. Повышение роли службы занятости населения в процессе трудоустройства на рынок труда Таджикистана//Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2024. –№4 (88).–С.163.
2. Комилов С. Дж. Особенности государственно – частного партнерства в инновационной сфере//Таджикистан и современный мир.–Душанбе, 2017.–№3 (53). –С.157–161.
3. Рахимов Р.К., Довгялло Я.П., Юсуфбеков Ю.Р. Исследование динамики и структуры добавленной стоимости в контексте инновационного развития экономики Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2017. – С. 53;
4. Саидмурадов Л.Х. Стратегические ориентиры развития национальной экономики Таджикистана//Таджикистан и современный мир. –Душанбе, 2017. –№3 (53).–С.19.
5. Содиқова А.Ф. Самтҳои асосии рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии вилояти Суғд дар ҳошияи ҳадафҳои стратегии мамлакат//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –Душанбе, 2025. –№3 (91).–С–155;
6. Содиқова А.Ф. Самтҳои такмили рушди соҳибкории инноватсионӣ. [Захираи электронӣ] URL: https://mts.tj/samtҳoi-takmili-rushdi-soҳibkorii-innovatsionӣ/ (Санаи муроҷиат: 13.12.2024).

# О ПРИОРИТЕТНЫХ НАПРАВЛЕНИЯХ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

**(результат социологического исследования)**

**ДЖУРАХОНЗОДА САОДАТ ДЖУРАХОН,**
кандидат экономических наук, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шохтемур 27;
тел.: (+992) 926-300-972; e-mail: s.mutieva@mail.ru

**САДЫКОВА АНИСА ФАРХОДОВНА,**
заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования вопросов предпринимательства и частного сектора Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шохтемур 27;
тел.: (+992) 926-300-972; e-mail: anisa.sf@mail.ru

*В данной статье представлены результаты социологического исследования по приоритетным направлениям развития инновационного предпринимательства в Согдийской области. Подчеркнуто, что для дальнейшего развития экономики страны, роль предпринимательства, в том числе инновационного предпринимательства, очень значительна, в связи с этим должны быть приняты конкретные меры и созданы благоприятные условия для её развития. Отмечено, что Согдийская область является одним из экономически развитых регионов, способствующих развитию инновационной предпринимательской деятельности.*

***Ключевые слова**: регион, экономика, предпринимательство, инновационное предпринимательство, промышленность, инвестиции, квалифицированные кадры, конкуренция, источники финансирования, налоговые и таможенные льготы и преференции.*

# ON THE PRIORITY DIRECTIONS OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT IN SUGHD REGION

**(the result of a probing sociological study)**

**JURAKHONZODA SAODAT JURAKHON,**
candidate of economic sciences, deputy director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 907-986-913; e-mail: s.mutieva@mail.ru

**SODIQOVA ANISA FARHODOVNA,**
deputy Head of the Department for analysis and forecasting of entrepreneurship and private sector of Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 926-300-972; e-mail: anisa.sf@mail.ru

*This article presents the results of a sociological study on priority areas for the development of innovative entrepreneurship in the Sughd region. It was emphasized that entrepreneurship, including innovative entrepreneurship, plays a very significant role in the further development of the country's economy, in this regard, specific measures should be taken and favorable conditions should be created for its development. It was noted that the Sughd region is one of the most economically developed regions, contributing to the development of innovative entrepreneurship.*

***Keywords:*** *region, economy, entrepreneurship, innovative entrepreneurship, industry, investment, qualified personnel, competition, sources of financing, tax and customs privileges and benefits.*

УДК: 330.338.620.691.

# МУАРРИФИИ ИМКОНИЯТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ – КАФИЛИ ТАЪМИНИ РАВАНДИ БОСУРЪАТИ САНОАТКУНОНИИ КИШВАР

**ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОҲИМ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии масъалаҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел. (+992) 988-55-26-90; e-mail: o-amin@mail.ru

*Дар мақола базаи ашёи хом ва иқтидору имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки саноат, бахусус, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ дар кишвар таҳлилу арзёбӣ гардида, дар ин замина баъзе роҳҳои ҷалби сармоя, ва таъмини занҷираи коркарди ниҳоии ашёи хом тавассути ташкилу ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак бо созмону иитиҳодияҳои давлатҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта дар бахшҳои мазкур пешниҳод гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, қарзҳои имтиёзнок, соҳибкорӣ, саноати истихроҷ, маъданҳои кӯҳӣ, филизоти ранга, ашёи хом, гуногунсамтии истеҳсолот, сангҳои гаронбаҳо, коркарди ниҳоӣ, арзиши иловашуда.*

Дар шароити кунунӣ таъмини рушди тамоми бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи саноат, бевоста ба муаррифии ҳарчи бештари иқтидору имкониятҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти устувори соҳибкории истеҳсолӣ алоқаманд мебошад. Бо ибораи дигар метавон гуфт, ки дар раванди саноаткунонии босуръати кишвар, ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ, омилҳои гуногун метавонанд таъсиргузор бошанд, аммо заминаи асоси он бешубҳа, ба ҷалби бештари сармоя, бахусус, сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ, вобаста мебошад. Тибқи маълумот, соли 2024 ба рушди иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми беш аз 5 млрд доллар сармояи хориҷӣ ва 2,5 млрд доллари амрикоӣ сармояи ватанӣ ворид гардида бошад ҳам ва ин бо дарназардошти захираву имкониятҳои фарохи дар мамлакат барои сармоягузорӣ ҷойдошта, қонеъкунанда нест [1]. Бинобар ин, мунтазам беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ, бахусус, дар соҳаҳои саноат ва дар ин замина, ҷустуҷӯ ва пайдо намудани роҳҳои усулҳои ҳарчи бештар муаррифӣ намудани зарфияту имкониятҳои сармоягузорӣ дар ин самт, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Баъзе муҳаққиқон тақвияти фаъолияти сармоягузориро шарти асосӣ ва муҳимтарин омили муайянкунандаи рушди минбаъдаи соҳаи саноат, аз ҷумла саноати кӯҳӣ, арзёбӣ менамоянд [2].

Бо ин мақсад ҳоло дар кишвар Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ ва

сармоягузорӣ амал менамояд, ки ҳадафи асосии он, пеш аз ҳама, беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Лозим ба таъкид аст, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории Тоҷикистон ва соҳаҳоиояндадори иқтисоди он бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян гардидаанд.

Дар баробар ин, ҷиҳати боз ҳам мусоид намудани шароит барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ такмил ёфта, дар ин самт як қатор сабукиҳои андозӣ ҷорӣ гардиданд.

Тибқи маълумот ҳоло дар қонунгузории кишвар, "бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои сармоягузорон зиёда аз 70 навъи имтиёз ва беш аз 240 номгӯй сабукиҳо дар бахши андоз пешбинӣ гардидааст" [3]. Илова бар ин, ҳоло дар доираи қонунгузории амалкунанда барои ҷалби сармоя дар кишвар тамоми инфрасохторҳои зарурӣ, аз қабили панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ ва минтақаҳои махсуси саноатӣ бо имтиёзу шароитҳои кафолатноки иқтисодӣ, инчунин, сабукиҳои зиёди андозию гумрукӣ барои соҳибкорону сармоягузорони дохилӣ ва берунӣ пешбинӣ ва муҳайё гардидаанд.

Ногуфта намонад, ки бо дарназардошти нақши муҳимми соҳаи саноат дар ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар саноатикунонии босуръат ва дар ин замина, табдил додани мамлакат аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати индустриалию инноватсионӣ, ҳамчунин, ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд. Ҷиҳати расидан ба чунин ҳадафи гузошташуда барномаҳои зиёди соҳавӣ таҳия гардиданд, ки муҳимтарини онҳоро «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025» ташкил медиҳад.

Тибқи нақшаи амалӣ барномаи мазкур, ки муҳтавои он дар диаграммаи зерин оварда шудааст, танҳо дар соли 2024-ум бо мақсади таъмини раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба маблағи 9491,9,2 млн сомонӣ сармоя ҷалб гардида, нисбат ба нақшаи пешбинӣ гардида беш аз 6 баробар зиёд мебошад.

Тавре ки аз рақамҳои диаграммаи 1 мушоҳида мегардад, дар давраи солҳои 2020–2024 дар заминаи татбиқи барномаи зикргардида дар ҳаҷми 34313,5 миллион сомонӣ маблағ ҷалб гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинигардида беш аз ду баробар зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ, тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нав, соли 2024 ҷиҳати эҳёи маҳсулоти нави санотӣ, ворид намудани хатҳои нави технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар ҳаҷми тақрибан 9,5 млрд сомонӣ сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ равона гардида, нисбат ба соли 2023 беш аз 1,6 млрд сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии маблағи воридгардида танҳо 10 дарсадаш ба соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок рост меояд. Ин нишондиҳанда дар соҳаи саноати коркард ҳамагӣ 12,6 дарсадро ташкил

намудааст.

**Диаграммаи 1.**

**Тамоюли раванди ҷалби сармоя тибқи нақшаи амали «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025», млн. сомонӣ**




**Манбаъ:** диаграмма дар асоси маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст [4].

Бо вуҷуди он, ки дар самти ҷалби сармоя ва татбиқи босамари мақсаду вазифаҳои дар барномаи мазкур муқarrаргардида тамоюлҳои мусбат ба назар расад ҳам, вале ин раванд бо дарназардошти имкониятҳои ҷойдошта, бахусус, дар соҳаи саноати маданҳои куҳӣ ва филизоти гаронбаҳо қонеъкунанда нест.

Чуноне маълум аст, ҳоло масъалаи мунтазам зиёд намудани ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мамлакат, бахусус, дар заминаи тақвияти имкониятҳои содиротии кишвар, афзоиши назарраси ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда, коркарди ҳарчи бештари ашёи хоми ватанӣ то маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда, инчунин, инкишофи гуногунсамтии истеҳсолот, дарёфти бозорҳои нав ва эҳё намудани зарфиятҳои нави истеҳсолиро дар соҳаҳои афзалиятнок, ҳамчун авлавиятҳои асосӣ муайян гардидаанд [5].

Қобил ба зикр аст, ки Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ дар бахшҳои зерини ояндадор, аз қабили соҳаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ (филизоти ранга, аз ҷумла мис, нуқра, тилло, сурма, сурб, руҳ, симоб, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳои аҳаммияти стратегидошта, филизоти нодир, сангҳои гаронбаҳо ва нимгаронбаҳо, намаки сангӣ), ҳамзамон, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, алюмини “сабз”, энергияи “сабз”, мошинсозӣ, дорусозӣ, оби босифати ошомиданӣ ва ғайра мебошад.

Ҳоло дар кишвар ба масъалаи истихроҷ ва коркарди маъданҳои муҳимми стратегии зикргардида, ки дар «гузариши сабз»-и иқтисоди ҷаҳонӣ нақши калидӣ доранд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Зеро ин маъданҳо заминаи асосии истеҳсоли технологияҳои муосир, батареяҳо,

истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва дигар ҷузъҳои электрониро таъмин намуда, воситаи муҳимми стратегияи рушди устувор ва пешрафти технологӣ ба ҳисоб меравaнд. Бо дарназардошти "фаровонии захираҳои маъданҳои куҳӣ дар ҳудуди мамлакат, истихроҷу коркард ва истифодабарии самаранокии онҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакат аҳаммияти муҳим дорад. Тибқи маълумоти расмӣ, зарфияти лоиҳавии конҳои коркардшавандаи маъданҳои кӯҳӣ 14,9 млн тоннаро ташкил дода, ҳиссаи иқтидори лоиҳавии коркарди конҳои решагӣ 66,2 дарсад ва коркарди конҳои пошхӯрда 33,8 дарсадро дар бар мегирад" [6].

Тибқи таҳлилҳо ҳоло дар кишвар қариб 40 навъи филиз (металл) ва масолеҳ истихроҷ карда шуда [7], 600 кон ва 800 нуқтаи маъданҳои кӯҳӣ, аз ҷумла маъданҳои полиметаллӣ, филизоти нодир ва гаронбаҳо муайян ва кашф гардидааст, ки қисман барои коркарди саноатӣ омода мебошанд [8]. Зиёда аз ин, имконоти мусоид ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли мошинҳои барқӣ, таҷҳизоти маҳфуздорандаи энергия ва электротехникӣ дар кишвар ҷой дорад.

Дар мавриди баъзе аз дигар манбаъҳои ашёи хоми фарохи аҳаммияти стратегӣ дошта дар кишвар ҳаминро метавон қайд намуд, ки тибқи маълумот, ҳоло дар мамлакат захираи нуқра 60 ҳазор тонна, ангишт бо захираи тахминии зиёда аз 3-4 млрд тонна [9] ва масолеҳи бинокорӣ беш аз 420 кон бо захираи 30 навъи гуногуни ашёи хом (серпантинит, кварсит, порфирит, перлит, габбро, санги хоро, гранодиорит, диорит, мармар, оҳаксанги мармарӣ, гаҷ, садаф, травертин, суглинка, реги кварсӣ) арзёбӣ карда мешавад [10]. Ногуфта намонад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи захираи сурма дар Осиё пас аз Чин ҷойи дуюм ва миёни кишварҳои ИДМ ҷойи аввалро (беш аз 50%) ишғол менамояд.

Захираҳои газу нафти мамлакат аҳаммияти калони сӯзишворӣ доранд. Тибқи маълумот, 70,4 дарсади захираи умумии гази ҷумҳурӣ дар водии Ҳисор ҷойгир шудааст. Дар минтақаҳои дигари кишвар ҳавзаҳои газу нафтдор муайян гардида, захираи баъзеи онҳо то 50–100 млрд.м3 гази табиӣ арзёбӣ карда гардида, дар онҳо солона имконияти истихроҷкунии 5-10 млрд.м3 газ ва 1,0-1,5 млн.тонна конденсат мавҷуд аст [11]. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 бахшҳои зерини соҳаи саноати мамлакат ба натиҷаҳои зерин ноил гарданд. Барои исботи ин гуфтаҳо менигарем ба рақамҳои омории ҷадвали зерин:

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои рушди баъзе соҳаҳои афзалиятноки саноати кишвар барои давраи то соли 2030**

| **Номгӯйи маҳсулот** | **Воҳиди ченак** |
|---|---|
| Таъмини рушди коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва истихроҷи сангҳои гаронбаҳо | То ба 76 дарсад |
| Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук | 2,5 баробар |

| | |
|---|---|
| Коркарди меваю сабзавот | То 200 ҳазор тонна |
| Коркарди зироатҳои равғандиҳанда | То 450 ҳазор тонна |
| Коркарди гандум | То 2500 ҳазор тонна |
| Гӯшт | То 300 ҳазор тонна |
| Шир | То 150 ҳазор тонна |
| Истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот дар ҳаҷми | То 175 млн қуттии шартӣ |

***Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар заминаи "Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030"*.

Ҳамзамон, дар назар дошта шудааст, ки то соли 2030 суръати баланди истеҳсол ва коркарди нахи пахта, пашм, пӯст, истеҳсоли бештари пойафзор, қолинҳо, мебел, маҳсулоти дӯзандагӣ ва пилла таъмин карда шавад.

Дар мавриди базаи ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ҳаминро метавон қайд кард, ки тибқи арзёбиҳо ҳоло зарфиятҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар, бахусус, меваю сабзавот ба 350 млн. қуттии шартӣ, гӯшт 300 ҳазор тонна, шир 150 ҳазор тонна, пӯст 2 млн. дона, нахи пахта зиёда аз 87 ҳазор тонна, нигоҳдорӣ ва коркарди ғалла 2,5 млн. тонна, истеҳсоли 80 ҳазор тонна равған ва 370 ҳазор тонна кунҷора дар заминаи коркарди зироатҳои равғандиҳанда баробар мебошад [12].

Аз ин ҷо, хулоса кардан мумкин аст, ки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бозорест, ки ҳанӯз пурра азхуд нашудааст ва имконоти фароху фаровони вусъат бахшидани ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои гуногуни аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ва рӯ ба тараққӣ ва дар ин замина, ҷалби ҳарчи бештари сармояро доро мебошад. Аммо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла ҳаҷми нокифояи сармоягузорӣ зарфиятҳои мавҷудбуда дар сатҳи зарурӣ истифода намегарданд, зеро истифодаи ҳамаҷонибаи чунин зарфиятҳо ба ҷалби ҳарчи бештари сармоя вобаста мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон азм дорад, ки дар заминаи коркарди васеи ашёи хоми ватанӣ иқтидорҳои истеҳсолию содиротии худро мунтазам баланд бардошта, ба тадриҷ афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашударо ба таври васеъ таъмин намояд. Илова бар ин, тибқи дурнамо пешбинӣ шудааст, ки то соли 2027-ум ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мамлакат то ба 9,7 млрд доллар, аз ҷумла содирот то ба 3,5 млрд доллар расонида шавад [13].

Тибқи омори расмӣ, дар соли 2024-ум ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мамлакат тақрибан 92,0 дарсад ва содироти маҳсулот беш аз 55,7 дарсади нишодиҳандаҳои зикршударо ташкил намуд. Факту рақамҳои баёнгардида на ба маънои он, аст ки мо чунин захираҳоро дар шакли ашёи хом ба хориҷи кишвар содирот намоем, балки тавассути муаррифии ҳарчи бештари онҳо, бахусус дар заминаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак бо сохтору иттиҳодияҳои амалкунандаи кишварҳои гуногуни аз лиҳози саноати пешрафта, истихроҷ ва коркарди васеи ашёи хомро дар соҳаҳои авлавиятнок дар дохили мамлакат вусъат бахшем.

Дар ин раванд, тавре ки болотар қайд карда гузаштем, Тоҷикистон кишвари дорои иқтисодиёти босуръат тараққиёбанда, рушди боэътимоди муносибатҳои байналмилалӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ мебошад. Зикр кардан бамаврид аст, ки рушду густариши ҳамкориҳо бо Иттиҳоди Аврупо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз авлавиятҳои асосӣ ба шумор меравад. Иттиҳоди мазкур азм дорад, ки то соли 2027 тавассути форуми дарвозаи ҷаҳонии "Global Gateway" дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, 300 миллиард евро иловатан сармоягузорӣ намояд [14].

Ҳамин тавр, чунин захираю имкониятҳо ҷойдошта ҳар як кишварро водор месозад, ки дар самти роҳҳои ҷалби сармоя, бахусус, тавассути муаррифии иқтидору имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои аавлавиятнок пайваста дар талош бошад.

Ба андешаи мо, бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ рушду густариш бахшидани ҳамкориҳои муштараки судманди иқтисодию тиҷоратӣ дар баробари дигар созмону иттиҳодияҳои байналмилалии дар самти истиғроҷ ва коркарди ниҳоии захираҳои маъданҳои кӯҳӣ фаъолияткунанда, аз ҷумла ҳамкорӣ бо Иттиҳоди "ERMA" (European Raw Materials Alliance) муҳим мебошад. Ҳоло баъзе ширкатҳо, аз ҷумла дар соҳаи саноати куҳӣ фаъолияткунандаи кишварҳои ИДМ, бахусус, Қазоқистон узви иттиҳоди мазкур мебошад.

Таъкид намудан зарур аст, ки кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мақсад гузоштаанд, ки то соли 2050 дар заминаи татбиқи стртаегияи нави саноатии худ авалин минтақаи рақамикунонӣ ва таъминкунандаи асосии энергияи "сабз" ва дар ҷаҳон бошанд. Ба андешаи мо, ба воқеият табдил додани ҳадафи гузошташуда, бевосита захираҳои зиёди маъданӣ, аз ҷумла литий, магнит ва ғайраро талаб менамояд, зеро дар айни замон Иттиҳоди Аврупо на танҳо аз маъданҳои зикргардида, балки дигар ашёи хоми аҳаммияти стратегидошта, ки баъзе муҳимтарини онҳо дар Тоҷикистон мавҷуд аст, вобаста мебошад.

Ҳамзамон, идома додани ҳамкориҳои озоду одилонаи тиҷоратӣ бо ширикон аз тамоми кишварҳои ҷаҳон, бахусус, дар доираи Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) аз ҷумлаи муқаррароти дигари ин санад ба ҳисоб меравад. Тибқи арзёбиҳои коршиносони соҳавӣ, дар оянда талабот ба захираҳои маъданӣ, ки сабабҳои шиддат гирифтани рақобати глобалӣ, вусъати саноатикунонии кишварҳои рӯ ба тараққӣ, рушди рақамикунонии иқтисодиёт ва таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодии дар заминаи дигаргуниҳои амиқи низоми иқтисодии байналмилалӣ ба вуҷудомадаро дар пай дорад, ба таври мунтазам афзоиш хоҳад ёфт.

Чунин вазъ агар аз як тараф, таъмини истифодаи самараноки захираҳои маъдан ва коркарди ниҳоии онро ба миён гузорад, аз ҷониби дигар, тақозо

менамояд, ки дар ин самт ҳамкориҳои муштарак, бахусус, дар доираи созмону инттиҳоияҳои байналмилалии марбут ба соҳа вусъат ёбанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи факту рақамҳои бевосита инъикоскунандаи имкону захираҳои фаровони ҷойдоштаи кишвар дар соҳаҳои авлавиятноки саноат хулоса баровардан мумкин аст, ки тақвият бахшидани ҳамкориҳои муштарак бо созмону иттиҳодияҳои минтақавию байналмилалӣ дар заминаи таҳия барномаҳои алоҳидаи ҳамкориҳои муштарак дар самти истихроҷ ва коркарди ашёи хом ба манфиати кор хоҳад буд.

Ба андешаи мо, фаъолият дар доираи чунин иттиҳодияҳо, агар аз як тараф, боиси муаррифии ҳарчи бештари имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок, таъсиси корхонаҳои муштараки муҷаҳҳаз ба техникаю таҷҳизоти инноватсионидошта, дарёфти бозорҳои нав, инкишофи гуногунсамтии номгӯйи истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирии саноатӣ, дар маҷмуъ, таъмини занҷираи муштараки истеҳсол ва коркарди ниҳоии ашёи хоми муҳимми саноатӣ гардад, аз ҷониби дигар, ментавонад имкони хуб дар самти дастрасии соҳибкорон ва гардад намояндагони бахши хусусӣ ба қарзҳои имтиёзнок бошад. Зеро ҳоло яке аз монеаҳои асосии рушди соҳибкорӣ, бахусус, фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дастрасии нокифоя ба захираҳои молиявии имтиёзнок ба ҳисоб меравад [15].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳоло дар таҷрибаи кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта механизми пешниҳоди қарзҳои дарозмуҳлату имтиёзнок барои соҳибкорони хурду миёнаи истеҳсолӣ хеле рушд кардааст. Бинобар ин, дар заминаи тақвияти ҳамкорҳои судманд бо баъзе иттиҳодияҳои зикргардида, соҳибкорони ватанӣ имкон пайдо мекунанд, ки бо пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории асоснокшудаи муштарак ва воқеан амалишаванда дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ аз чунин қарзҳои имтиёзнок истифода намоянд. Илова бар ин, ба инкишофи раванди табодули таҷриба, баланд гардидани донишу малакаи молиявию иқтисодӣ ва тиҷоратии соҳибкорони ватанӣ, зарфияти содиротии мамлакат, афзоиши ҳаҷми коркарди ашёи хоми ватанӣ то маҳсулоти ниҳоии рақобатпазиру дорои арзиши баланди иловашуда дар соҳаҳои афзалиятноки саноат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе-Инвест – 2025», 14.10.2025.

2. Шамсова М. Масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи саноати кӯҳӣ. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо.–Душанбе, 2023.–С.–267.

3. Суханронии Пешвои миллат дар иҷлосияи дуюми Форуми иқтисодӣ ва ҳамкории арабӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, шаҳри

Душанбе, 16.10.2017.

4. Маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст. [Захираи электронӣ] URL: https://egov.tj/site/industry/press/news/details/888?lang=tg (Санаи муроҷиат: 16.05.2025);

5. "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030".

6. "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025".

7. [Захираи электронӣ] URL: https://www.president.tj/event/foreign _trips/35748 (Санаи муроҷиат: 15.04.2025).

8. Шарифзода Ш. Таҳлили вазъи ташкилию иқтисодии идоракунии саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми ДТТ (58), 2024.–С.-256.

9. Маълумоти Палатаи савдо ва саноати Ҷумхурии Точикистон. [Захираи электронӣ] URL: https://tpp.tj/business-guide2017/rus/gornorudnaya _pr_rus.html?ysclid=m9hzhujy9m801480319 (Санаи муроҷиат; 14.06.2025).

10. "Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030".

11. Амонатова М. Иистихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳии Тоҷикистони Марказӣ дар рушди соҳаҳои саноат. Маҷаллаи "Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз».–Душанбе, 2023.–№2 (82).–С.205;

12. "Стратегияи рушди саноат дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030".

13. Маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикстон. [Захираи электронӣ] URL: https://asiaplustj.info/ru/news/ tajikistan/economic/20240806/minekonomrazvitiya-tadzhikistana-v-blizhaishie-tri-goda-strana-namerena-snizit-zavisimost-ot-importa (Санаи муроҷиат: 3.04.2025).

14. [Захираи электронӣ] URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/ economic/20240806/minekonomrazvitiya-tadzhikistana-v-blizhaishie-tri-goda-strana-namerena-snizit-zavisimost-ot-importa (Санаи муроҷиат: 8.04.2025).

15. Одинаев А. Мақсудов Д. Таҳлили раванди қарздиҳӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ. Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз».–Душанбе, 2017.–№2 (57).–С.144.

# ПРЕДСТАВЛЕНИЕ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ – ЗАЛОГ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСКОРЕННОГО ПРОЦЕССА ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ

**ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОХИМ,**

кандидат экономических наук, начальник Управления анализа и

прогнозирования вопросов предпринимательства и частного сектора ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шохтемур 27;
тел.(+992) 988-55-26-90; e-mail: o-amin@mail.ru

*В статье рассмотрено и оценено сырьевая база, инвестиционный потенциал и возможности в приоритетных отраслях промышленности, в частности, в горнодобывающей промышленности страны. В этом контексте предложены некоторые пути привлечения инвестиций и обеспечения конечной цепочки переработки сырья за счет организации и осуществления совместного сотрудничества с организациями и объединениями промышленно развитых стран в указанных отраслях.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, льготные кредиты, предпринимательство, горнодобывающая промышленность, полезные ископаемые, цветные металлы, сырье, диверсификация производства, драгоценные камни, конечная переработка, добавленная стоимость.*

## PRESENTATION OF INVESTMENT OPPORTUNITIES – THE KEY TO ENSURING THE ACCELERATED PROCESS OF INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY

**ODINAZODA AMIN IBROHIM,**
Candidate of economic sciences, head of the Department of analysis and forecasting of entrepreneurship issues and the private sector of the Center for Strategic Research under the President of Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 988-55-26-90; e-mail: o-amin@mail.ru

*The article examines and evaluates the raw material base, investment potential and opportunities in priority industries, in particular, in the country's mining industry. In this context, some ways of attracting investments and ensuring the final chain of raw material processing are proposed through the organization and implementation of joint cooperation with organizations and associations of industrially developed countries in the specified industries.*

***Keywords:*** *investments, preferential loans, entrepreneurship, extractive industry, minerals, non-ferrous metals, raw materials, production diversification, precious stones, final processing, added value.*

УДК: 336.1 (336.6)

# ТАКМИЛИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ

**БОБОЕВ ҶӮРАХОН ИСЛОМОВИЧ,**
сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии иқтисодиёти соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (+992) 987-33-35-09; e-mail: jurakhonboboev@gmail.com

*Дар мақола диққати махсус нисбат ба қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ”, мавқеъ ва нақши воситаҳои электронии пардохт, низоми пардохт дар шароити муосир ва роҳҳои беҳтар гардонидани истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ дода шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф доир ба беҳтар кардани ҳолати пардохтҳои ғайринақдӣ, ки он ба мукаммалгардонии низоми молиявию иқтисодии мамлакат робитаи ногусастанӣ дорад, баррасӣ ва арзёбӣ карда шудаанд.*

*Самтҳои фаъолияти Бонки миллӣ, механизми рушди ҳисоббаро-баркуниҳои ғайринақдӣ ва мавқеи низоми пардохт дар рушди иқтисоди миллӣ бо дарназардошти низоми автоматишудаи интиқоли маблағҳо таҳлил гардидаанд. Роҳҳои асосии таъмини фаъолияти самараноки пардохтҳои ғайринақдӣ ба таври мушаххас пешниҳод гардидаанд ва ҷиҳати таъмини рушди низоми молиявию иқтисодӣ ақидаҳои олимону муҳаққиқони шинохтаи илми иқтисод низ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Бонки миллии Тоҷикистон, низоми пардохт, интиқоли маблағҳо, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, воситаҳои электронии пардохт, пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо, кортҳои пардохтии бонкӣ, интернет-бонкинг.*

Дар шароити имрӯза рушди бомароми иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардум, ташкили муносибатҳои самараноки иқтисодии байналмилалӣ ва бартараф кардани қисме аз мушкилиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа аз фаъолияти муътадилу устувори низоми бонкӣ вобастагӣ доранд. Дар ин замина, таъмини фаъолияти самарабахши низоми пардохт яке аз омилҳои калидии фаъолияти босуботу эътимодбахши низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, дар баробари ин, рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти амалиёти молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар ва афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт, вусъат додани истифодаи воситаҳои электронии пардохт ҳангоми ҳисоббаро-баркуниҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор “Оид ба

тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” 30 ноябри соли 2018, таҳти №565, қабул карда шуд. Мутобиқи он, вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатии амаликунандаи хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ дар ин самт вазифадор шуданд, ки дар баробари ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ, ба таври ҳатмӣ қабули ҳаққи ҳама навъи хизматрасониҳоро ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохт таъмин намоянд. Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии ватанӣ тадбирҳои саривақтиро андешида, бахри зиёд шудани ҳиссаи он дар иқтисодиёт аз ҳамаи имкониятҳое, ки ба салоҳияташон дохил мешаванд, истифода мебаранд.

Ҳамин аст, ки ташкилотҳои қарзии ватанӣ бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро ҷорӣ намуда, тавассути онҳо ба муштариён имкони пардохт намудани ҳаққи молу хизматрасониҳоро ба таври ғайринақдӣ фароҳам овардаанд. Айни замон ҷиҳати ҳавасманд намудани муштариён ҳаққи хизматрасониҳоро коҳиш дода, барномаҳои бонусӣ, кэшбэк, пардохти фоиз аз амалиёти гузаронидашуда ва дигар роҳу имкониятҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод намуда истодаанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, дар ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, корхонаю муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, қабули пардохти як қатор хизматрасониҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ роҳандозӣ шуда истодаанд, барои мисол:

–хизматрасониҳо дар бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва хизматрасонии нотариалӣ;

–пардохти боҷи давлатӣ (интернет эквайринг);

–пардохтҳои патентӣ, хизматрасониҳои Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА, беш аз 60 навъ);

– пардохти хизматрасониҳои тиббӣ (беш аз 70 муассисаи тандурустӣ);

– пардохтҳои гумрукӣ, барои истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ;

–пардохти маблағҳои истифодаи неруи барқ тавассути низоми биллингӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, махсусан, дар шароити иқтисодиёти миллӣ, таъсири омилҳои субъективӣ ва сатҳи шиддат гирифтани коррупсияро паст менамояд. Аз ин рӯ, пардохти маблағҳои андозсупорандагон аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт, пардохти андозҳои маҳаллӣ низ ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шудааст.

Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ҳамчун омили инкишофи низоми молиявию иқтисодӣ, дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохт ҳангоми

ҳисоббаробаркуниҳо (хариди молу хизматрасониҳо) ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин, ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ҳамин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ қайд намуданд, ки "вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринакдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд" [4].

Дар навбати худ, шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, имконияти васеъ гардидани доираи маблағгузориро аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба бахшҳои муҳимми иқтисодӣ таъмин менамояд. Барои рушди иқтисодиёти миллии ҳар як мамлакат таъмини рушди соҳаи саноат ниҳоят зарур мебошад. Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳаи саноат қувваи пешбарандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ба сармоягузории бештар эҳтиёҷи зиёд дорад.

Аз ҷониби дигар, гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ ба аҳолии кишвар имкон медиҳад, ки ҳарчи бештар ба хизматрасониҳои пардохтӣ дастрасӣ пайдо намуда, бидуни ташриф овардан ба марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо роҳҳои мувофиқу мусоид, осон ва босуръат пардохти молу хизматрасониҳоро ба таври фосилавӣ анҷом диҳанд.

Дар робита ба ин масъала, пажуҳишгар Ҳ.Исайнов дар асари илмиаш таҳти унвони "Иқтисоди миллӣ" чунин қайд кардааст: "Фаъолияти илмию инноватсионӣ дар доираи моликияти давлатию хусусӣ, секторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва ғайрибозорӣ метавонад амалӣ карда шавад. Интихоби фаъолияти иқтисодӣ ва инноватсионӣ асосҳои бунёдии илмию техникӣ ва сиёсати инноватсионии давлатро фаро мегирад" [3].

Дар замони муосир, вобаста ба дастовардҳои илмию техникӣ, истифодаи воситаҳои электронии пардохт ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ҳам барои иқтисодиёт ва ҳам барои аҳолӣ афзалияту бартариятҳои зиёд дорад, аз ҷумла:

–*барои аҳолӣ* – осон гардидани ҳисоббарорбаркунӣ дар муомилот, хавфи аз даст додани маблағҳои пулӣ, мубодилаи мусоид, бехатару автоматии маблағҳо, ҳангоми гузаронидани амалиёти молиявӣ бе талафи вақт ва хеле мувофиқ, масалан ҳангоми ҳисоби фоиз ва ғайраҳо;

–*барои марказҳои савдо ва хизматрасонӣ* – рушди савдо ва ҷалби харидорони нав, камшавии хароҷот аз инкассатсияи маблағҳои савдо;

–*барои ташкилотҳои қарзӣ*–васеъ намудани маҷмуи хизматрасониҳо, ҷалби муштариёни нав, афзоиши иқтидори рақобатпазирии ташкилот,

ҷамъоварии хаққи хизмати иловагӣ ва ба даст овардани даромади иловагӣ;

*–барои иқтисодиёт* – шаффоф гардидани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳиссаи иқтисодиёти ниҳонӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ва ғайра.

Бо дарназардошти бартариятҳои мазкур, бо мақсади мусоидат ба фаъолияти мунтазаму самараноки низоми бонкӣ, зиёд кардани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар ва ҳавасманд намудани ташкилотҳои қарзии молиявӣ, тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2019, №95, иштирокчиёни Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо аз пардохти ҳаққи хизматрасонии ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ дар давоми нимсолаи дуюми соли 2019 озод карда шуданд.

Дар баробари ин, бо мақсади иҷрои банди 3-юми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ”, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҳавасманд гардонидани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дар амал татбиқ намудани он, инчунин, марҳала ба марҳала маҳдуд намудани ҳисоббаробаркуниҳо бо пули нақд дар муомилоти пулии кишвар, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро таҳия карда, ба баррасии вазорату идораҳои дахлдор ирсол кардааст. Дар лоиҳаи мазкур ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ имтиёзу сабукиҳои андозӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла, барои пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба шахсони воқеӣ барои бештар анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ, пешниҳод шудааст, ки аз маблағи бонусҳо, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд, андоз аз даромад гирифта нашавад.

Бояд тазаккур дод, ки рушди мунтазами низоми пардохтӣ ва зиёд гардидани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар зарурияти ташаккул додани инфрасохтори боэътимоду пуриқтидори низоми пардохтиро тақозо менамояд. Бо ин мақсад дар Бонки миллии Тоҷикистон аз санаи 19 июли соли 2019 ба ивази низоми амалкунандаи пардохтҳои байнибонкӣ, Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо мавриди истифода қарор дода шуд. Татбиқи низоми зикргардида самаранокӣ ва эътимоднокии низоми пардохтии кишварро афзун намуда, барои рушди минбаъдаи инфрасохтори низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ заминаи устувор мегузорад.

Санаи 31 декабри соли 2023 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои муштариён 11,2 млн. адад суратҳисобҳои бонкӣ кушода шудаанд, ки аз

онҳо 0,13 млн. адад суратҳисобҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва 11,1 млн. адад суратҳисобҳо ба шахсони воқеӣ тааллуқ доштанд. Ҳамин нишондиҳанда ба санаи 31 декабри соли 2024-ум 14,14 млн. ададро ташкил намуд, ки аз онҳо 0,14 млн. адад суратҳисобҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва 14,0 млн. адад суратҳисобҳо ба шахсони воқеӣ рост меояд. Ғайр аз ин, дар санаи 31 декабри соли 2024-ум миқдори умумии ҳамёнҳои электронии 25 ташкилоти қарзии молиявӣ 12,1 млн. ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 3,4 млн. адад ё ин ки 38,6 дарсад зиёд мебошад.

Дар давоми соли 2023 дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути роҳҳои гуногун ҳисоббаробаркунӣ (дохилибонкӣ, тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ ва тавассути суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда) 395,9 млн. пардохтҳо ба маблағи 1 705,8 млрд. сомонӣ амалӣ гардиданд. Шумораи пардохтҳо нисбат ба соли 2022 46,8 дарсад ва ҳаҷми пардохтҳо 8,4 дарсад афзоиш ёфта буд.

Шумораи суратҳисобҳои бонкии муштариён дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2023 дар қиёс ба соли 2022 ба миқдори 2,8 млн. адад ё ин ки 33,1 дарсад афзудааст. Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 шумораи суратҳисобҳои бонкии муштариён 2,9 млн. адад ё ин ки 26,2 дарсад зиёд шудааст, ки нишондиҳандаи мазкур давра ба давра боло рафта, аз таъмини эътимоднокии мардум ба низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар давоми соли 2023 амалиёти ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) аз рӯйи шумора 71 дарсад ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 90,4 дарсад афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 1**

**Афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ дар давоми солҳои 2020–2024 [6]**

(адад)




Имрӯзҳо, вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт мушоҳида мегардад, бинобар ин, аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шуд. Дар ин замина, чи тавре ки болотар ишора намудем, шумораи умумии ҳамёнҳои

электронии 25 ташкилоти қарзии молиявӣ 12,1 млн. ададро ташкил медиҳад ва ҳамин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 3,4 млн. адад ё ин ки 38,6 дарсад зиёд мебошад.

Вобаста ба ин, дар давоми сол 2024 татбиқи зиёда аз 90 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ, махсусан, бо мақсади таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳаҷми беш аз 51,9 млрд. сомонӣ амалӣ гардид. Бинобар ин, соли 2024 иҷрои нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 108,4 дарсад таъмин гашта, ба ҷойи 18 млрд. 851,0 млн. сомонӣ ба буҷет 20 млрд. 426,0 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 1 млрд. 575,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Равандҳои замони муосир кормандони соҳаи молия, андоз, буҷет ва низоми бонкиро водор месозад, ки дар самаранок истифодабарии технологияҳои муосири инноватсионӣ ва самти такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ фаъол бошанд, ба ин восита дар иҷрои вазифаҳои худ ба мардуми кишвар содиқона хизмат намоянд. “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, таҳти №175, қабул гардидааст, барои расидан ба нишондиҳандаҳои сифатан беҳтар дар самти такмил ва тақвияти механизми трансмиссионӣ, истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, истифодаи технологияҳои муосир, баланд бардоштани маърифати молиявии кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзиро зарур мешуморад [2].

Дар қаламрави ҷумҳурӣ дар давоми соли 2023 тавассути ҳисоббаро-баркуниҳои дохилибонкӣ, муносибатҳои мустақими муросилотӣ ва суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда 395,9 млн. пардохтҳо ба маблағи 1705,8 млрд. сомонӣ амалӣ гардиданд. Шумораи пардохтҳо нисбат ба соли 2022-юм 46,8 дарсад ва ҳаҷми пардохтҳо 8,4 дарсад афзудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давоми чанд соли охир зиёдшавии истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, афзоиши теъдод ва ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ хеле рушд кардааст. Аз ҷумла, ба ҳолати 31 августи соли 2019 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 2 217773 ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 25,2 дарсад афзоиш ёфтааст. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмуъ, 762 адад банкомат ва 5074 терминали электронӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи банкоматҳо 86 адад ва миқдори терминалҳои электронӣ 989 адад афзудаанд. Аз миқдори умумии терминалҳои электронӣ 1714 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 3360 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудаанд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2018

мутаносибан 18,2 дарсад ва 27,5 дарсад афзоиш ёфтаанд.

Дар давоми соли 2024 шумораи суратҳисобҳои шахсони воқеӣ бештар аз 14,0 млн. адад, миқдори кортҳои пардохтии бонкӣ наздик ба 8 437 млн. адад, шумораи терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ 8138 адад ва миқдори нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 3817 адад, инчунин, ҳаҷми пардохтҳо 2579408 млн. сомониро ташкил дод.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар давоми 8 моҳи соли 2019 тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ, кортҳои наклиётӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) барои хариди мол ва пардохти хизматрасониҳо зиёда аз 21,2 млн. адад амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 519,2 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, аз рӯйи шумора 30 маротиба ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 64,3 дарсад зиёд мебошад.

Дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиёти нақдӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 93,5 дарсад ба 6,5 дарсадро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ҳаҷми амалиёти ғайринақдӣ 1,7 банди дарсадӣ (фоизӣ) зиёд гардидааст.

**Диаграммаи 2.**

**Амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ дар давоми солҳои 2020-2024 [6]**




Дар давоми соли 2024 тавассути ҳамёнҳои электронӣ 18 505,7 ҳазор адад амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 2 967,2 млн. сомонӣ анҷом дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 22,4 дарсад ва 71,9 дарсад зиёд мебошад.

Дар иқтисодиёт ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ барои таъмини вазъи муътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мувозинатии сиёсати фискалӣ ва масрафи буҷети давлатӣ, ки онҳо ба иқтидорҳои воқеии иқтисодиёт муносиб мебошанд, на танҳо барои нигоҳ доштани устувории низоми молияи давлатӣ, балки барои татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо мусоидат менамоянд. Бинобар ин, мавриди истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва

вобаста ба равандҳои замони муосир, такмил додани муомилоти ғайринақдӣ ҳамчун амалиёти мақсадноке, ки гузаронидани миқдори муайяни пулро аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар бе иштироки пули нақд таъмин менамояд, дар шароити кишвари мо бояд таҳким бахшида шавад [2].

Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" се принсипи рушди устувор: превентивӣ, индустриалӣ ва инноватсионӣ муайян гардидааст, ки вобаста ба шароити зуд-зуд тағйирёбии вазъи иқтисодиёти ҷаҳон таҳрезӣ гардидааст. Баҳри таъмини устувории молиявии низоми бонкии кишвар ва рушди миёнаравии молиявӣ, пурра амалисозии тадбирҳои дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва "Нақшаи стратегии ислоҳоти низоми бонкӣ ва суғурта барои солҳои 2020–2023" муайяншуда мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла:

–идома додани ислоҳоти низоми бонкӣ, такмил ва таҳкими идоракунии босамари дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, вусъат додани миёнаравии молиявӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти онҳо;

–такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои беҳтар намудани вазъи молиявии низоми бонкӣ ва пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо;

–татбиқи рукнҳои муосири бонкдории ба талабот ҷавобгӯй ва ба ин васила ҷалб намудани бештари муштариён тавассути ташвиқу тарғиб ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ;

–ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт [1,70-74].

Мутобиқи сарчашмаҳои оморӣ, даромади пулии аҳолӣ дар соли 2013 ба 22,3 млрд. сомонӣ мерасид ва соли 2022 ин нишондиҳанда ба 56,0 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки афзоиш 151 дарсадро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 млрд. сомонии соли 2019-ум ба 147 млрд. сомонӣ дар соли 2024-ум расид. Яъне нишондиҳандаи мазкур 3 баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфт [5].

Дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, афзоиши даромади пулии аҳолӣ ба суръати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва такмили истифодаи технологияҳои муосир замина мегузорад ва аз тарафи дигар, ба татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ (вобаста ба миқдори пули дар муомилотбуда ва афзалиятҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо дарназардошти афзоиши нишондиҳандаҳо), инчунин, давра ба давра сабаби баланд гардидани маърифати молиявии аҳолӣ ва нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳо дар иқтисодиёт мегардад. Ҳамин буд, ки тавассути амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат, натиҷаи фаъолияти соҳаҳои молиявию иқтисодӣ дар соли 2024 бо нишондиҳандаҳои қаноатбахш ҷамъбаст шуданд ва ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои ҷорӣ ба 153,4 млрд. сомонӣ баробар гардид ва суръати

рушди он ба 8,4 дарсад расонида шуд, инчунин, сатҳи таваррум дар доираи ҳадафҳои мақсаднок муътадил нигоҳ дошта, 3,6 дарсадро ташкил дод.

Имрӯз дар баробари амалӣ гардонидани ин ҳадафҳои созанда, зарурати истифода намудани сарчашмаҳои нави таъминкунандаи рушди иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд омадааст, ки яке аз онҳо ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ барои таъмини вазъи муътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравaнд.

Бо дарназардошти ин, новобаста аз густариш ёфтани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таъмини шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ барои панҷ соли оянда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуд, ки ин ҷо он вазифаҳои гузоштaшударо ҳамчун рукнҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ нишон медиҳем:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ;

Дуюм, то шабакаҳои панҷ-ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот;

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ;

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ;

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ;

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот;

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ [5].

Дар маҷмуъ, тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот ва умуман, болоравии нишондиҳандаҳо дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, махсусан, давра ба давра зиёд гардидани қисми даромади буҷети давлатӣ мусоидат карда истодааст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, бахусус, баъд аз соли 2009, бо мақсади таъмини шароити мусоид ва фароҳам сохтани заминаи боэътимод барои ҷалби сармояи хориҷӣ, таъмини масъалаҳои шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тадбирҳои амалии судманд андешида шуданд. Танҳо давоми соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба 19 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки дар қиёс нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 млрд. сомонӣ ва 43 дарсади хароҷоти буҷети давлатиро дар ин давра ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки идома додани ислоҳоти низоми бонкӣ, такмил ва таҳкими идоракунии босамари дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, вусъат додани миёнаравии молиявӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти онҳо аз ҷумлаи омилҳои дигари ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ


1. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми декабри соли 2016, № 636, тасдиқ шудааст.
2. Бобоев Ҷ. Роҳҳои такмили хизматрасониҳои муосири низоми бонкӣ. /Бобоев Ҷ.// Маҷаллаи илмии “Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон”. 1(51)/2024. –С. 42-51.
3. Исайнов Ҳ. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе: Ирфон, 2018. – 648 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 28 декабри соли 2023.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 28 декабри соли 2024.
6. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. www.nbt.tj


# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ БЕЗНАЛИЧНЫХ РАСЧЕТОВ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ


**БОБОЕВ ДЖУРАХОН ИСЛОМОВИЧ,**

начальник Управления анализа и прогнозирования отраслевой экономики ЦСИ при Президенте Республике Таджикистан

734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шохтемур 27;

тел: (+992) 987-33-35-09; e-mail: jurakhonboboev@gmail.com



*В данной статье особое внимание уделено принятию постановления Правительства Республики Таджикистан «О мерах по расширению безналичных расчетов», приведена роль электронных средств платежа, платежной системы в современных условиях и пути совершенствования использования безналичных расчетов. Обсуждены авторские предложения по улучшению состояния безналичных расчетов, которые неразрывно*

*связаны с совершенствованием финансово-экономической системы страны.*

*Представлены направления деятельности Национального банка, механизм развития безналичных расчетов и место платежной системы в развитии национальной экономики с учетом автоматизированной системы перевода денежных средств. Представлены основные способы обеспечения эффективной работы безналичных расчетов, а также изучены мнения известных ученых и исследователей экономической науки в целях обеспечения развития финансово-экономической системы.*

***Ключевые слова:*** *Национальный банк Таджикистана, платежная система, денежные переводы, безналичные расчеты, электронные средства платежа, платежи через QR-коды, банковские платежные карты, интернет-банкинг.*

## IMPROVING NON-CASH PAYMENTS AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL AND ECONOMIC SYSTEM

**BOBOEV JURAKHON ISLOMOVICH,**
Head of the Department of analysis and forecasting of sectoral economy of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 987-33-35-09; e-mail: jurakhonboboev@gmail.com

*This article pays special attention to the adoption of the resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On measures to expand non-cash payments", describes the role of electronic means of payment, the payment system in modern conditions and ways to improve the use of non-cash payments. The author's proposals for improving the state of non-cash payments, which are inextricably linked with improving the financial and economic system of the country, were discussed.*

*The directions of activity of the National Bank, the mechanism for the development of non-cash payments and the place of the payment system in the development of the national economy, taking into account the automated funds transfer system, are presented. The main ways to ensure the effective operation of non-cash payments are presented, and the opinions of famous scientists and researchers of economic science are studied in order to ensure the development of the financial and economic system.*

***Keywords:*** *National Bank of Tajikistan, payment system, money transfers, non-cash payments, electronic means of payment, payments via qr - codes, bank payment cards, internet banking.*

**УДК: 338.43:338.26**

# АФЗАЛИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ИБРОҲИМЗОДА ИБРОҲИМ ШОҲ,**
сармутахассиси Раёсати таҳлил ваояндабинии масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

*Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои расидан ба ҳадафи мазкур Ҳукумати ҷумҳури якчанд барномаву стратегия қабул намудааст, ки дар асоси онҳо афзалияти рушди соҳаҳо ба назар мерасад, ки барои расидан ба ҳадафи мазкур заминаи хуб фароҳам менамояд. Муаллиф дар мақолаи худ афзалияти соҳаи мазкурро барои амалӣ гардидани ҳадафҳои дар "СМР–30" пешбинигардида ва самаранок истифода намудани имкониятҳои соҳаи кишоварзӣ, инчунин роҳҳои асосии расидан ба ҳадафи стратегиро баррасӣ ва арзёбӣ намудааст. Дар мақолаи таъкид шудааст, ки самаранок истифода бурдани заминҳои киштшаванда ҳамчун омили асосии истеҳсоли бештари маводи хӯрокворӣи ниёзи аввала ва барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисоди миллӣ замина фароҳам меоварад.*

***Калидвожаҳо:*** *хӯроки умумӣ***,** *озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳадафи стратегӣ, ММД, кишоварзӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, иқтисоди миллӣ, рушди иқтисодӣ, сабади истеъмолӣ, маҳсулоти ғизоӣ, истеҳсолот.*

Бозори хизматрасонии хӯроки умумӣ дар ҳаёти ҳар як шахс ва амнияти озуқавории ҷомеаи муосир нақши муҳим дорад. Ин бахш на танҳо раванди омода кардани хӯроки умумиро фаро мегирад, балки дар соҳаи хизматрасонӣ ва технологияҳои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Бо пайдоиши равандҳои нави истеҳсолӣ, техника ва технологияҳои пешрафта, низоми логистика ва хизматрасонии интиқоли хӯроки тайёр такмил меёбад ва талаботи аҳолиро самараноктар қонеъ месозад. Пас вазифаи асосии бозори хизматрасонии хӯроки умумӣ таъмин намудани аҳолӣ бо хӯроки хушсифат мебошад, ки ба саломатӣ ва ҳаёти мардум бевосита таъсир мерасонад. Ин раванд ҳамзамон, ба беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ва истифодаи самараноки захираҳои озуқаворӣ дар сатҳи кишвар мусоидат мекунад. Ба ақидаи пажуҳишгар М. Мотишина, "дар баробари ин, хӯроки умумӣ имкон медиҳад, ки қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истироҳат, муошират, фароғат ва бо фароҳам овардани шароит барои хӯрок ва истироҳат маҳдуд нашуда, балки васеъ

мешаванд” [56].

Дар идомаи таҳлил (ниг. ба ҷадвали 1) динамикаи гардиши моли чакана дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳамаи соҳаҳои савдо (бо дарсад) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Ин таносуб барои рушди муътадили бозори хӯроки умумӣ таъсири мусбат мерасонад. Рушди даврагии он аз ҳама ҷиҳат ба ташаккули механизми самараноки соҳаи хизматрасониҳои хӯроки умумӣ вобаста буда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои чораҳои қатъӣ ва назоратӣ бояд андешида шавад.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи гардиши моли чакана дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳамаи соҳаҳои савдо (бо нархҳои амалӣ, млн. сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | 2021 | 2022 | 2023 |
| **ВМКБ** | | | | | |
| I | 154,7 | 151,2 | 169,5 | 192,2 | 219,3 |
| II | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 |
| III | 154,6 | 151,1 | 169,4 | 192,1 | 219,1 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III A | 39,4 | 38,0 | 51,5 | 66,7 | 82,1 |
| III B | 114,9 | 112,9 | 117,6 | 125,3 | 137,0 |
| **Таносуб (бо дарсад)** | | | | | |
| I | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| II | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| III | 99,1 | 99,9 | 99,9 | 99,9 | 99,9 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III A | 25,46 | 25,1 | 30,3 | 34,7 | 37,4 |
| III B | 73,4 | 74,7 | 69,3 | 65,1 | 62,5 |
| **Суғд** | | | | | |
| I | 9044,8 | 9450,9 | 12256,3 | 13206,9 | 15617,2 |
| II | 2,0 | 2,1 | 1,3 | 0,1 | 0,1 |
| III | 9042,8 | 9448,8 | 12255,0 | 13206,8 | 15617,1 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III A | 3352,7 | 3181,9 | 4258,0 | 4891,8 | 4804,4 |
| III B | 5690,1 | 6332,2 | 7997,0 | 8315,0 | 10812,7 |
| **Таносуб (бо дарсад)** | | | | | |
| I | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| II | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| III | 99,9 | 99,9 | 99,9 | 100,0 | 100,0 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III A | 37,0 | 32,9 | 34,7 | 37,0 | 30,0 |
| III B | 62,9 | 67,00 | 65,2 | 63,0 | 69,2 |
| **Хатлон** | | | | | |
| I | 6331,4 | 6695,1 | 8098,2 | 10534,0 | 14946,7 |
| II | 3,0 | 4,7 | 8,2 | 8,0 | 8,5 |
| III | 6328,4 | 6690,4 | 8090,0 | 10526,0 | 14953,3 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III A | 650,9 | 1410,5 | 1995,5 | 2367,4 | 3215,4 |
| III B | 567,5 | 5279,9 | 6094,5 | 8158,6 | 11737,9 |
| **Таносуб (бо дарсад)** | | | | | |
| I | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| II | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| III | 99,9 | 99,9 | 99,9 | 99,9 | 99,9 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III A | 10,3 | 21,1 | 24,7 | 22,5 | 21,5 |
| III B | 89,6 | 78,8 | 75,2 | 77,4 | 78,4 |
| **ш. Душанбе** | | | | | |
| I | 5597,0 | 6357,2 | 7721,0 | 9776,1 | 10789,1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| II | 271,2 | 124,6 | 225,9 | 152,0 | 86,7 |
| III | 5328,8 | 6232,6 | 7495,1 | 9624,1 | 10702,4 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III А | 2845,5 | 3193,3 | 4230,7 | 5916,6 | 6660,0 |
| III В | 2480,1 | 3039,2 | 3264,4 | 3707,5 | 4042,4 |
| **Таносуб (бо дарсад)** | | | | | |
| I | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| II | 4,8 | 1,0 | 2,9 | 1,5 | 0,8 |
| III | 95,2 | 99,0 | 97,1 | 98,5 | 99,2 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III А | 50,8 | 51,2 | 54,8 | 60,5 | 61,7 |
| III В | 44,4 | 47,8 | 42,3 | 38,0 | 37,5 |
| **НТҶ** | | | | | |
| I | 3820,4 | 4370,4 | 5014,5 | 5789,3 | 6946,1 |
| II | - | - | - | - | - |
| III | 3820,4 | 4370,4 | 5014,5 | 5789,3 | 6946,1 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III А | 1549,2 | 2804,4 | 1893,6 | 2447,1 | 2161,6 |
| III В | 2271,2 | 1566,0 | 3120,9 | 3342,2 | 4784,5 |
| **Таносуб (бо дарсад)** | | | | | |
| I | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| II | - | - | - | - | - |
| III | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| аз он ҷумла | | | | | |
| III А | 40,6 | 64,2 | 37,8 | 42,3 | 31,1 |
| III В | 59,4 | 35,8 | 62,2 | 57,7 | 68,9 |
| Эзоҳ: **I** – ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо; **II**–бахши давлатӣ**;** **III** – бахши ғайридавлатӣ; **IIIА**–савдои тиҷоратӣ; **IIIБ**–савдои кооперативи «Тоҷикматлубот»; **III В** – бозори номуташаккил. | | | | | |

***Сарчашама:*** *ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: 2024. – С. 347–351.*

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки дар вилояти Хатлон дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ҳаҷми умумии гардиши молҳои чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо дар ҳолати афзоиш буда, 120 дарсад зиёд гардидааст. Бахши давлатӣ бошад, дар сатҳи аввала (0,02 дарсад) мебошад. Бахши ғайридавлатӣ ба андозаи 99,98 дарсади гардиши молҳои чаканаро ташкил медиҳад.

Дар идомаи ҷадвали мазкур метавон гуфт, ки саҳми бахши давлатӣ бениҳоят ночиз буда, асоси гардиши молҳои чаканаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши ғайридавлатӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар ин раванд савдои тиҷоратӣ 119 дарсад, савдои кооперативи “Тоҷикматлубот”-ро метавон гуфт, ки сифр дарсадро ташкил медиҳад. Бозори номуташаккил 93,9 дарсадро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2019 зиёд гардидааст, ки ҳоло ҳам саҳми бозори номуташаккил зиёд мебошад. Гарчанде ки савдои тиҷоратӣ бо усули наву замонавӣ соле 4,5–5% афзоиш меёбад, таъсири он то ҳанӯз чандон назаррас нест. Аксари объектҳое, ки самаранок истифода намешаванд, ба иҷора дода мешаванд, ки ин рушди бозори имрӯза ва хизматрасонии хӯроки умумиро пурра таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, гардиши молҳои чакана низ дар минтақаҳои кишвар гуногун мебошад, ки дар диаграммаи 1 нишон дода шудааст.

**Диаграммаи 1.**

**Сохтори гардиши моли чакана дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи ҳамаи соҳаҳои савдо дар соли 2023**




*Сарчашма: таҳияи муаллиф.*

Аз диаграммаи мазкур аён мегардад, ки сохтори гардиши моли чакана аз ҳама зиёд дар вилояти Суғд ба чашм мерасад. Новобаста аз аҳолии зиёд доштани вилояти Хатлон, дар ин раванд дар ҷойи дуюм мебошад. НТҶ низ дар ин самт фаъол мебошанд, чунки новобаста аз ҷойгиршавии аҳолӣ ва масоҳат саҳми мусбат дорад. Барои шаҳри Душанбе бошад, ин нишондиҳанда хуб буда, танҳо барои ВМКБ ин нишондиҳанда хело ҳам камтарин аст.

Дар раванди таҳлил бо мақсади муайяннамоии хизматрасонӣ ба аҳолӣ таҳлили динамикаи чаканаи гардиши молҳо дар ҳамаи соҳаҳои савдо, ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон (ҷадвали 2) пешниҳод карда мешавад. Аз руйи ин ҷадвал муаян карда мешавад, ки оё зичии аҳолӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ дар кадом сатҳ ва дараҷа қарор дошта метавонад. Чунки, асоси гардиши мол ва хизматрасониҳоро дараҷаи даромаднокии аҳолӣ муайян менамояд.

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи гардиши моли чакана ба ҳар сар аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, (бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ)**

| **Шаҳру вилоятҳо** | **Солҳо** | | | | | **2023 / 2019, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2708,7 | 2872,9 | 3611,1 | 3959,6 | 4773,8 | 76,2 |
| ВМКБ | 680,6 | 657,9 | 745,6 | 832,0 | 942,5 | 38,4 |
| Суғд | 2990,2 | 3468,0 | 4581,6 | 4643,4 | 5404,9 | 80,7 |
| Хатлон | 1703,0 | 1976,0 | 2445,3 | 2950,8 | 4095,8 | 40,5 |
| ш. Душанбе | 5977,0 | 7315,5 | 9045,3 | 8091,4 | 8783,1 | 46,9 |
| НТҶ | 1585,0 | 1991,4 | 2340,3 | 2728,2 | 3210,4 | 102,5 |

***Сарчашама:*** *ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 13–42.*

Аз натиҷаи таҳлили ҷадвали 2 бармеояд, ки новобаста аз гардиши молҳо дар ҳама соҳаҳои савдо ва дар ҳамаи вилоятҳои кишвар ва минтақаҳои он дар ҳолати афзоишёбӣ қарор дорад.

Дар раванди таҳлил муайян карда шуд, ки новобаста аз мушкилоти дар ин самт қарордошта, рушди фурӯши молҳои чакана ва рушди бозори хӯроки умумӣ дида мешавад. Танҳо дар ин маврид боз ҳам кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки ҳарчи зиёдтар корхонаҳои хӯроки умумӣ афзоиш дода шаванд. Махсусан, дар вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳое, ки талаботи муштариёнро пурра қонеъ гардонад, ҳамагӣ 30 дарсади умумии корхонаҳои хӯроки умумиро ташкил медиҳад. Боқимонда корхонаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати ташкилӣ, ҷойи ишғолнамудаи онҳо ва омоданамоии маҳсулот ба ягон шароит мувофиқ нестанд.

Бояд тазаккур дод, ки то ҳанӯз як қатор монеаҳо дар бозори хӯроки умумии вилояти Хатлон ҷой дорад. Пеш аз ҳама, мушкилоти инфрасохторӣ ва нокифоягии шароити беҳдоштӣ ба сатҳу сифати хизматрасонӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ғайр аз ин, набудани стандартҳои ягонаи сифат ва назорати муассир боиси паст гардидани эътимоди истеъмолкунандагон мегардад. Ҳамзамон, рақобати носолим байни иштирокчиёни бозор, ки бештар ба усулҳои арзонкунӣ ва кам кардани масраф такя мекунад, на ба беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, имконияти рушди устуворро маҳдуд месозад.

Бо дарназардошти ин омилҳо метавон хулоса кард, ки барои рушди самараноки бозори хӯроки умумӣ дар вилояти Хатлон зарур аст ислоҳоти мукаммал гузаронида шаванд. Аз ҷумла, беҳтарсозии инфрасохтор, ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи сифат ва амнияти ғизо, таҳкими механизмҳои назоратӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон дар самти навоварӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Ба ақидаи мо, дар замони имрӯза маҳаки асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ва солимии ҷомеа барқарорсозии базаи хоҷагидории пешина вобаста ба талаботи имрӯза мебошад. Амалишавии ин маром эҳтиёҷ ба назорати давлатӣ ва дастгирии давлатии хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи маҳсулотро дорад.

Мусаллам аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз давраи таъсисиёбӣ то кунун соҳаи хӯроки умумии мавҷуд буда, дар солҳои охир тамоюли мусбат нишон дод. Дар ҳашт моҳи соли 2024 гардиши корхонаҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла, хизматрасонии меҳмонхона ва тарабхонаҳо 1,6 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 14,4 дарсад зиёд мебошад [15].

Дар натиҷаи таҳлилҳои анҷомдода чунин натиҷагирӣ намудан мумкин

аст, ки дар давраи муқаррааргардида фаъолияти корхонаҳои хӯроки умумӣ на он қадар қаноатбахш мебошад. Зеро дар замони имрӯза фазои фаъолияти корхонаҳои пешниҳодкунанда ва истеҳсолкунандаи маҳсулоту хизматрасониҳои хӯроки умумӣ нодуруст ба назар мерасад. Чунки қисми зиёди онро корхонаҳое ишғол намудаанд, ки талаботи аҳолиро ба назар намегиранд ва маҳсулоташон сифати паст доранд, ё ин, ки нархи гарон имкон намедиҳад оилаҳои миёнаҳол аз он истифода баранд. Агарчи имрӯз талабот ба маҳсулоти хӯроки умумӣ боло рафтааст, ин аз ҳаракати зудивазшавандаи маҳсулот ва хизматрасонии хӯроки умумӣ махсусан, зиёдшавии даромад ба ҳар сар аҳолӣ, вобаста мебошад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳо даромади аҳоли зудтар боло рафта сифати ҳаёти маишӣ низ беҳ шуда истодааст (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3.**

**Гардиши маҷмуи молу маҳсулоти минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои давраи соли 2024)**

| Нишондиҳандаҳо | Дар умум | ВМКБ | Суғд | Хатлон | Душанбе | НТМ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 146111,7 | 2501,9 | 42433,3 | 42803,6 | 31255,7 | 27117,2 |
| II | | 108,2 | 108,3 | 108,3 | 108,3 | 108,3 |
| III | | 1,6 | 27,7 | 27,9 | 20,4 | 17,6 |
| IY | 2141,6 | 28,8 | 753,1 | 581,9 | 1307,0 | 13,8 |
| Y | 117,2 | 107,5 | 118,2 | 130,6 | 115,9 | 122,7 |

**Эзоҳ**: **I –** Маҷмуи маҳсулоти минтақа (МММ); **II –** Суръати афзоиш**; III –** Ҳиссаи МММ дар ММД бо %; **IY –** Гардиши хӯроки умумӣ (бо млн. сомонӣ); **Y –** Суръати афзоиш.

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024.*

Аз ҷадвали 3 маълум мегардад, ки вилояти Суғд ва Хатлон бо ҳиссаи баландтарини МММ ва суръати устувори афзоиш пешқадам мебошанд, дар ҳоле ки ВМКБ ҳиссаи хеле кам дорад. Дар ин замина, шаҳри Душанбе ва НТМ дар муқоиса бо Суғд ва Хатлон ҳиссаи миёна доранд, аммо гардиши хӯроки умумӣ дар Душанбе назаррас мебошад.

Метавон гуфт, ки суръати афзоиш дар ҳамаи минтақаҳо мусбат буда, нишондиҳандаи рушди устуворро нишон медиҳад. Гардиши хӯроки умумӣ нишон медиҳад, ки таъмини озуқаворӣ асосан дар минтақаҳои Суғд, Хатлон ва Душанбе таъмин мешавад, дар ҳоле ки ВМКБ ва НТМ сатҳи нисбатан паст доранд. Ҳамин тавр, вилояти Суғд ва Хатлон метавонанд ҳамчун минтақаҳои асосии рушди саноат ва сармоягузорӣ баррасӣ шаванд, ВМКБ барои таҳкими инфрасохтор ва истеҳсолот эҳтиёҷ ба тадбирҳои махсус дорад. Минтақаҳои пешрафта бояд бо технологияи нав ва самаранокии истеҳсолот дастгирӣ шаванд.

Танҳо суръати афзоиш бо вилояти Суғд баробар аст, вале бо дарназардошти масоҳат ва ҷойгиршавии аҳолӣ, ин нишондиҳанда бояд ҳатто

баландтар бошад. Гардиши умумии хӯрок нисбатан зиёд мебошад ва ба омилҳои беруна камтар вобаста аст. Гарчанде корхонаҳои истеҳсолии молу маҳсулот барои бозори хӯроки умумӣ каманд, моли озуқаворӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят паст аст. Ин омил ба зиёд шудани гардиши хӯроки умумӣ дар вилояти Суғд таъсир мерасонад.

Дар шароити кунунӣ корхонаҳои хӯроки умумӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон, ташаккули инфрасохтори зарурии соҳа ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим мебозанд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки барои истифодаи самараноки имкониятҳои соҳа, нақши давлат дар самти танзим, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди корхонаҳои хӯроки умумӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Маҳз сиёсати муассири давлатӣ метавонад заминаи рушду такомули онҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии иҷтимоиро таъмин намояд. Ба андешаи мо, то кунун аз тарафи мақомоти қонунгузорӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикиситон қонунҳо, қарорҳои махсус таҳия карда шудаанд, вале то ҷое мо огоҳ ҳастем, ҳамаи ин барои рушди бомароми соҳа кифоя намекунад ва табдили тағйироти ҷузъии соҳа аз умдатарин масъалае мебошад, ки бояд ҳатман дарояндаи наздик роҳандозӣ карда шавад.

Дар шароити муосир рушди устувори соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла корхонаҳои хӯроки умумӣ, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Корхонаҳои хӯроки умумӣ на танҳо ба қонеъ намудани ниёзҳои рӯзмарраи аҳолӣ мусоидат мекунанд, балки барои таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ низ нақши муҳим мебозанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти соҳа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи сиёсати дастгирии давлатии корхонаҳои хӯроки умумиро яке аз самтҳои афзалиятнок эълон намудааст. Бахусус, Сарвари давлат зимни ироаи Паём қайд намуданд, ки “бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд” [7].

Дар ин раванд як қатор ниҳодҳои давлатӣ вазифадор карда шудаанд, ки назорати сифат ва ҳамзамон, дастгирии корхонаҳоро таъмин намоянд. Аз ҷумла, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи назорати мутобиқати маҳсулот ба стандартҳои муқарраргардида ва таъмини амнияти озуқавориро ба ӯҳда дорад. Вазорати рушди иқтисод ва савдо сиёсати иқтисодиро дар соҳа роҳнамоӣ намуда, барои беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва рушди рақобат шароит фароҳам меорад.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав бошад, барои ворид намудани технологияҳои муосир, татбиқи таҷрибаи пешрафта ва ҳавасмандсозии инноватсия дар истеҳсол ва хизматрасонӣ масъул мебошад.

Ҳамоҳангии фаъолияти ин сохторҳо заминаи мусоидро барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, тавсеаи истеҳсолот, ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин, рушди захираҳои инсонӣ дар соҳа фароҳам меорад. Ин раванд имкон медиҳад, ки корхонаҳои хӯроки умумӣ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардида, ҳамзамон, манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаро таъмин намоянд.

Ҳамин тавр, татбиқи сиёсати дастгирии давлатии корхонаҳои хӯроки умумӣ на танҳо воситаи муҳими ҳифзи саломатии аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аст, балки барои рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасонӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ низ аҳамияти калидӣ дорад. Мақомоти зикргардида бояд барои рушди соҳа аз захираҳои мавҷуда истифода баранд ва фаъолияти соҳибкории истеъмолиро бо дарназардошти манфиати соҳибкорӣ ба роҳ монанд. Дар умум, агар ба гардиши тамоми самтҳои бозори хӯроки умумӣ ва соҳаҳаи он назар намоем, ба таври назарас рушд карда истодаанд (ниг. ба ҷадвали 9).

Аз ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки дар ҳама сегментҳои бозори хӯроки умумӣ афзоишёбӣ дида мешавад. Аммо ин шабеҳи он нест, ки дар ин самт мушкилот ҷой надошта, ин соҳа ба таври назаррас рушд карда истодааст. Ин гувоҳи он аст, ки дар ин самт талабот рӯз то рӯз зиёд гардида истода, субъектҳои ин соҳаро зарур меояд, ки боз ҳам сатҳи хизматрасониро беҳтару хубтар ба роҳ монанд ва монеаҳои мавҷударо саривақт бартараф намоянд.

Мавриди зикр аст, ки яке аз монеаҳои асосии раванди рушди хизматрасониҳои хӯроки умумӣ ҷой доштани монеаҳои калидӣ дар самти таъмини фаъолияти самараноки он мебошад. Дар ҳақиқат, имрӯз мушоҳида менамоем, ки назорати давлатӣ бо роҳи бюрократӣ пеш меравад: санҷишҳо ва ихтисоркуниҳои беасос боис мегардад, ки фаъолияти корхонаҳои дар соҳа амалкунанда заиф ва пурра қатъ карда шавад.

Дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои асосии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва амнияти озуқаворӣ тағйирёбии зуд ва номунтазамии аҳолӣ мебошад. Ба таври махсус, муҳоҷирати мавсимӣ ва бе иҷозат фаъолият намудани корхонаҳо бо шакли фаъолияти номаълум, риоя накардани талаботи беҳдоштӣ ва дигар меъёрҳои стандартӣ ба фаъолияти бозорҳо ва нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Аз ҷиҳати техникию иқтисодӣ, дар вилоятҳои гарми мисли Хатлон мушкилоти нигаҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ аз сабаби набудани мутахассисон ва технологияҳои пешрафта хеле шадид мебошад. Ин вазъият

нишон медиҳад, ки захираҳои мавҷудаи табиӣ ва зарфиятҳои дохилӣ бояд самаранок истифода шаванд, то истеҳсол ва таъмин намудани озуқаворӣ беҳтар ба роҳ монда шавад. Зарурати тақвияти ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, донорҳо ва ниҳодҳои илмӣ пеш омада, имкон медиҳад, ки фазои соҳибкорӣ ва истеъмолӣ беҳтар гардад ва сармояи хориҷӣ ба рушди соҳа ҷалб карда шавад.

**Ҷадвали 4.**

**Гардиши тамоми бахшҳои бозори хӯроки умумӣ дар вилояти Хатлон**

(бо нархҳои воқеӣ, ҳазор сомонӣ)

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| 1 | Гардиши моли чакана | 6470198,6 | 6844359,9 | 8115457,7 | 10686123,2 | 14946776,5 | 231,0 |
| 2 | Гардиши хӯроки умумӣ, якҷоя бо хизматрасонии меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо | 164263,9 | 198644,7 | 271260,4 | 352992,4 | 430208,5 | 261,9 |
| 3 | Гардиши мол ба ҳар як сари аҳолӣ, бо нархҳои соли ҷорӣ, сомонӣ | 2033 | 2074 | 2412 | 3208 | 4144 | 203,8 |
| 4 | Шумораи муассисаҳои савдои чакана | 786 | 671 | 699 | 771 | 799 | 101,6 |
| 5 | Шумораи муассисаҳои хӯроки умумӣ | 96 | 111 | 110 | 126 | 126 | 131,2 |
| 6 | Шумораи ҷойҳо дар муассисаҳои хӯроки умумӣ, ҳазор ҷой | 2,7 | 2,4 | 2,7 | 2,8 | 2,8 | 103,7 |
| 7 | Бозорҷойи номуташаккил | 5801386,3 | 5411463,5 | 6094549,7 | 8299713,6 | 11746441,0 | 202,4 |
| 8 | Савдои хӯроки умумӣ | 164263,9 | 198644,7 | 271260,4 | 352992,4 | 430208,5 | 261,9 |
| 9 | Савдо дар шаҳрҳо | 3606611,5 | 3785995,6 | 4502726,8 | 7035016,5 | 9416523,6 | 261,0 |
| 10 | Савдо дар деҳот | 3052125,8 | 3160785,3 | 3759157,2 | 4311784,3 | 5545307,5 | 181,6 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф тибқи маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Омори солонаи вилояти Хатлон. 2024. –Бохтар, 2024. – С. 192–194.*

Дар солҳои 2019–2023 ҳаҷми гардиши моли чакана аз 6,47 ба 14,95 млрд сомонӣ расида, 231 дарсад афзуд. Гардиши хӯроки умумӣ ва хизматрасонии меҳмонхонаҳо 261,9%, гардиши мол ба ҳар сари аҳолӣ бошад 203,8% зиёд шуд. Шумораи муассисаҳои савдои чакана 1,6%, ва муассисаҳои хӯроки умумӣ 31,2% афзудаанд. Ҳаҷми савдо дар шаҳрҳо 261%, дар деҳот 181,6% зиёд гардидааст. Дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳо афзоиши устувори савдо ва хизматрасонӣ, беҳтаршавии иқтидори истеъмолӣ ва фаъолияти иқтисодиро нишон медиҳанд, гарчанде ҳиссаи бозорҳои номуташаккил (афзоиш 202,4%) то ҳол баланд боқӣ мондааст. Дар баробари ин, афзалият додан ба истеҳсол ва коркарди заминаҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ташаккули хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамчун омилҳои

муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ арзёбӣ мешавад. Тоҷикистон дорои захираҳои табиӣ ва зарфиятҳои иқтисодӣ мебошад, ки истифодаи оқилона ва ташаббусҳои дохилӣ барои рушди соҳа ва нигоҳдории маҳсулот имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад.Бо дарназардошти ин, барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори иқтисодӣ дар Тоҷикистон зарур аст, ки назорати қатъӣ ва риояи талаботи беҳдоштӣ (санитарӣ) дар корхона ва бозорҳо таъмин карда шавад, рушди хоҷагиҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти маҳаллӣ афзалият дода шавад, ҳамкории байналмилалӣ ва сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуда, фазои соҳибкорӣ беҳтар гардад ва захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои дохилӣ самаранок истифода шаванд. Амалӣ намудани ин чораҳо имкон медиҳад, ки на танҳо амнияти озуқаворӣ таъмин гардад, балки рушди устувори иқтисодиёти кишвар низ таъмин карда шавад.

Давоми як даҳсолаи охир фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ рушд карда истодааст ва ташкили муколамаи фоидабахши байни давлат ва бахши хусусӣ дар вилоятҳои ҷумҳурӣ, махсусан, вилояти Хатлон, зиёд шуда истодааст. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, дар мувофиқа бо банди 4-уми қарори ҷаласаи 7-уми Шурои машваратӣ аз 15 марти соли 2011 ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ташкили Шуроҳои машваратии доимамалкунандаи маҳаллӣ дар назди раисони шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт.

Ташкил ва фаъолияти Шурои машваратӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон ба роҳбарияти вилояти Хатлон имкон дод, ки дар назди раиси вилоят Шурои машваратии минтақавӣ ташкил намояд. Ин ташаббусҳо аз тарафи иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ дастгирӣ ёфт. Ин ташкилот дар айни замон ба котиботи он кумаки техникӣ мерасонад. Фаъолият дар самти додашуда, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки ташкил ва мустаҳкамкунии муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ, махсусан, соҳибкории истеъмолӣ рушд намояд.

Нақш ва аҳаммияти рушди бозори хизматрасониҳои хӯроки умумӣ инчунин соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан вилояти Хатлонро таҳқиқ намуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки барои тамоюл ва рушди муносибатҳои механизми бозорӣ мавҷудияти соҳибкории истеъмолӣ дар иқтисодиёт зарур аст, чунки нақши соҳибкории истеъмолӣ дар ташкили иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ва ташаккулёбии синфи миёна дар ҷомеа ниҳоят калон аст. Масалан, соҳибкории истеъмолӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Он на танҳо манбаи истеҳсолоти молу хизматрасониҳо, балки воситаи ташаккули синфи миёна ва паст кардани шиддати иҷтимоӣ мебошад. Корхонаҳои хурду миёна, бахусус, дар истеҳсолоти кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, бо эҷоди ҷойҳои корӣ ва афзоиши рақобатнокӣ дар бозор ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Самаранокии соҳибкории хурд дар ташаббус ва навоварӣ, ҳамоҳангии кормандон ва натиҷаҳои ниҳоӣ дида мешавад. Ҳамзамон, амалиёти хусусигардонӣ ва дастгирии давлат нақши муҳим доранд. Сусти инфрасохтор, мушкилоти андозбандӣ ва набудани шароити рақобатнок метавонанд рушди соҳибкориро маҳдуд созанд. Бинобар ин, барои рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон масъалаи фароҳам овардани инфрасохтори муосир, дастгирии навоварӣ ва технологияҳо, ислоҳоти андоз ва эҷоди шароити рақобатнок барои корхонаҳои хурду миёна бо тақозои замон муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки корхонаҳои хурд дар соҳаҳои истеъмолӣ, аз қабили истеҳсолоти кишоварзӣ, саноати сабук ва маҳсулоти озуқаворӣ, метавонанд бо самаранокӣ фаъолият намоянд. Дар чунин корхонаҳо мақсад ва манфиатҳои кормандон ва роҳбарон ҳамоҳанг буда, робита бо натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона қавитар аст. Ин хусусият барои рушди соҳаи хӯроки умумӣ дар кишвар хеле муҳим мебошад, зеро истеҳсолоти хурд метавонад зуд ба талаботи бозор ва ниёзҳои аҳолӣ мутобиқ шавад. Дар ин радиф, яке аз масъалаҳои асосӣ дар рушди соҳаи хӯроки умумӣ–амалӣ гардонидани соҳибкорӣ мебошад. Соҳибкорӣ бояд на танҳо дар сухан, балки дар амал татбиқ гардад, яъне моликият ва имкониятҳои истеҳсолиро бояд ба дасти истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон супурд. Ин қадам имкон медиҳад, ки соҳибкорон мустақилона фаъолият карда, рушди соҳа таъмин гардад. Илова бар ин, соҳаи хӯроки умумӣ дар Тоҷикистон бо чанд мушкили ҷиддӣ мувоҷеҳ мебошад:

–аввалан, низоми андозбандии нодуруст ва мураккаб кори соҳибкоронро душвор менамояд ва онҳоро водор месозад, ки фаъолиятро ба иқтисодиёти ғайрирасмӣ равона кунанд;

–дуюм, инфрасохтори соҳа, махсусан дар вилояти Хатлон, комил нест, ки ба фаъолияти номураттаб ва камсамар оварда мерасонад;

–сеюм, омода набудани технологияи нав ва камбуди мутахассисон ҷузъи монеаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

–чаҳорум, сусти низоми молиявӣ ва қарзӣ низ аз рушди самараноки соҳа монеъ мешавад.

Дар ҳамин ҳол, соҳаи хӯроки умумӣ дорои имкониятҳои бузург барои рушди иқтисоди маҳаллӣ мебошад. Хусусияти асосии соҳибкории хӯроки умумӣ ин аст, ки имкониятҳои худӣ ва ташкили ҷойҳои кориро фароҳам меорад. Корхонаҳои хурд метавонанд ба паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар замони бӯҳронҳои иқтисодӣ мусоидат намоянд. Ҳамчунин, ташаббусҳои техникӣ ва ғояҳои нав барои рушди истеҳсолот заминаи мусоид фароҳам меоваранд.

Бо дарназардошти сатҳи фаъолият ва хусусиятҳои зиндагии аҳолӣ, рушди соҳибкории хӯроки умумӣ, махсусан, дар вилояти Хатлон, яке аз

самтҳои афзалиятноки рушди иқтисод мебошад. Барои рушди устувор ва самаранокии соҳаи мазкур, масъалаи беҳтар намудани низоми андозбандӣ, такмил додани инфрасохтор ва дастрасӣ ба технология ва мутахассисон, дастгирии молиявӣ ва назорати давлатӣ ба рушди соҳа мусоидат менамоянд. Ҳамин тавр, рушд ва тартиби фаъолият дар соҳаи хӯроки умумӣ метавонанд ба устувории иқтисоди маҳаллӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори истеҳсолии Тоҷикистон таъсири мусбат расонанд.

Лозим ба ёдоварист, ки вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калидӣ дар таъмини бозори хӯроки кишвар маҳсуб шуда, ҳиссаи назаррас ва таъсиргузор дар гардиши маҳсулоти хӯрокворӣ дорад. Масъулони минтақавӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ метавонанд бо истифода аз ин имкониятҳо самаранокии истеҳсол ва таъминотро бештар кунанд.

Таҳлили марҳалаҳои рушди бозори хӯроки умумӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз чораҳои андешидашуда, то кунун як қатор мушкилот боқӣ мондаанд, ки суръати тараққиёти соҳаро суст намуда, рушди устуворро маҳдуд мекунанд. Фаъолияти корхонаҳои хӯроки умумӣ ба таҷдиди куллӣ ва такмилёбии низоми идоракунӣ ниёз дорад. Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки аз сарчашмаҳои гуногуни молиявӣ ва сармоягузорӣ самаранок истифода бурда шавад, то иқтидори истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ беҳтар гарданд. Инчунин, майли соҳибкорони дохилӣ ва хориҷӣ ба рушди соҳа ниҳоят кам шудааст. Сабаби асосии ин ҳолат он аст, ки системаи назорати давлатӣ, ки бояд рушди соҳа ва ташкили низоми меъёрӣ ва самараноки онро таъмин намояд, дар амал дуруст кор намекунад. Ин системаи назоратӣ бештар хусусияти манфӣ гирифта, боиси ҷудошавии низоми дохилӣ ва камсамарии ташкили соҳа мегардад. Аз ин лиҳоз, барои рушди устувор ва беҳтар кардани иқтидори бозори хӯроки умумӣ зарур аст, ки таҷдиди низоми идоракунӣ, ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, беҳтар намудани фаъолияти назоратӣ ва қонунгузории соҳа, ҳамчунин ҳавасмандгардонии инноватсия ва истифодаи таҷҳизоти муосир амалӣ гарданд. Ин тадбирҳо метавонанд сифати хизматрасонӣ ва рақобатпазирии соҳа ро баланд бардоранд ва рушди устувори бозори хӯроки умумиро таъмин намоянд.

Дар замони имрӯза, равандҳои мукаммали бозсозии иқтисодиёт бо дарназардошти татбиқи илм дар истеҳсолот бояд ба таври мушаххас ва стратегиянок ба роҳ монда шаванд. Дар зинаи таҷдиди инфраструктураи соҳа, махсусан, дар соҳаи хизматрасонии хӯроки умумӣ, зарур аст, ки лоиҳаҳои дарозмуддат таҳия ва амалисозӣ карда шаванд.

Мусаллам аст, ки таҳияи чунин лоиҳа ва стратегияҳо бояд дар доираи ҳамкории муназзам байни мақомоти давлатӣ, марказҳои илмӣ ва бахши хусусӣ сурат гирад. Масалан, Вазорати рушди иқтисоду савдо ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави инноватсионӣ, бояд роҳбарӣ ва

танзимкунандаи умумии раванд бошанд. Мақомоти маҳаллӣ ва идораҳои минтақавӣ бояд татбиқи лоиҳаҳоро дар минтақаҳои худ назорат ва ҳамоҳанг созанд. Ҳамзамон, марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳқиқотӣ масъуланд, ки таҳлили илмӣ анҷом дода, технологияҳои нав ва навовариро ба истеҳсолот ва хизматрасонӣ ворид кунанд. Ҳамзамон, соҳибкорон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд таҷрибаи амалӣ пешниҳод намуда, ҷараёни татбиқро самаранок гардонанд.

Ҳамин тавр, асоснок ва хулосабардории ин стратегия бояд дар доираи гурӯҳи кории муштарак сурат гирад, ки ба таври ҳамзамон илмӣ, стратегӣ ва амалигардонидашаванда таҳия шуда, ҷиҳати рушди устувори бозори хизматрасонии хӯроки умумӣ ва таҷдиди инфрасохтори соҳа заминаи мустаҳкам фароҳам оварад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки таҳлили марҳалаҳои рушди бозори хизматрасонии хӯроки умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар вилояти Хатлон, нишон медиҳад, ки соҳа босуръат рушд мекунад, аммо бо монеаҳои ҷиддӣ низ мувоҷеҳ мебошад. Ин монеаҳо асосан, ба инфрасохтор, нокифоягии шароити беҳдоштӣ (санитарӣ), набудани стандартҳои ягонаи сифат ва назорат, рақобати носолим байни субъектҳои бозор, ҳамчунин, ба набудани технологияи муосир ва мутахассисони маҳаллӣ вобаста мебошанд.

Зимнан, таҳлили омори гардиши мол ва нишондиҳандаҳои бозор дар солҳои охир нишон медиҳад, ки бахши хусусӣ дар рушди бозори хӯроки умумӣ нақши асосӣ дорад ва афзоиши гардиши чакана, махсусан, дар вилояти Хатлон, боиси баландшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисоди маҳаллӣ мегардад. Пас ба хотири рушди устувори бозори хизматрасонии хӯроки умумӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, зарур аст, ки дастгирии соҳибкорони дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои маҳаллӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои сифат, таҷдиди инфрасохтор ва таҳияи стратегияҳои дарозмуддат бо ҳамоҳангии мақомоти давлатӣ, марказҳои илмӣ ва бахши хусусӣ чораҳои мушаххас амалӣ гарданд. Дар натиҷа, на танҳо рушди бозори хӯроки умумиро таъмин намуда, балки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди иқтисоди маҳаллӣ ва устувории иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Хулосаи калом, яке аз монеаҳои асосӣ ва калидӣ дар иқтисодиёт фаъолияти номуназами бозори хизматрасониҳои хӯроки умумӣ буда, барои арзёбии дурусти вазъи соҳа зарур аст ҳолати кунунии бозори хизматрасониҳои хӯроки умумӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Ин баррасӣ имкон медиҳад, ки мушкилот ва имкониятҳои рушди соҳа муайян гарданд, стратегияҳои муассири иқтисодӣ таҳия ва таъсири омилҳои гуногун ба бозор дуруст арзёбӣ карда шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Мотышина М.С. Менеджмент в сфере услуг: теория и практика. СПб. СПб ГУП, 2006. –204 с.
2. URL Объём товарооборотов общественное питание в Республике Таджикистан 2014. Stat.tj. (Санаи муроҷиат: 28.02.2025).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2024. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 40 с.


# ПРИОРИТЕТЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**ИБРОХИМЗОДА ИБРОХИМ ШОХ,**

главный специалист Управления анализа макроэкономических вопросов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шохтемур 27;

тел: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru



*Обеспечение продовольственной безопасности является одной из важнейших стратегических целей Республики Таджикистан, и для достижения этой цели Правительством республики принято несколько программ и стратегий, в основе которых находится приоритетность развития секторов, что создает хорошую основу для достижения этой цели. В своей статье автор анализирует и рассматривает приоритетность данного сектора для реализации целей, изложенных в НСР-30, и эффективного использования потенциала аграрного сектора, а также основные пути достижения стратегической цели. В данной статье автор подчеркивает, что эффективное использование пахотных земель является основным фактором производства более основных продуктов питания и создает основу для обеспечения продовольственной безопасности и развития национальной экономики.*



***Ключевые слова:*** *общее продовольствие, продовольствие, продовольственная безопасность, обеспечение продовольственной безопасности, стратегическая цель, ВВП, сельское хозяйство, сельскохозяйственная продукция, национальная экономика, экономическое развитие, потребительская корзина, продукты питания, производство.*


# PRIORITIES OF ENSURING FOOD SECURITY IN THE CONDITIONS OF THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**IBROHIMZODA IBROHIM SHOH,**
chief specialist of the Department of analysis of macroeconomic issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

Дар мақолаи “Кашфҳо ва меросгари офаридгори истилоҳи "зеҳни сунъӣ" мо саёҳати Ҷон Эдвард Маккартиро аз як дӯстдори ҷавони риёзӣ ба як донишманди бузурги илми компютерӣ, ки мероси ӯ ҳамчунон ба олимон илҳом бахшида, ба таҳаввулоти зеҳни сунъӣ роҳнамоӣ мекунад, пайгирӣ мекунем. Ҷон Эдвард Маккарти бовар дошт, ки таҷҳизот рӯзе метавонанд ба зеҳни инсон тақлид кунанд ва ӯ ҳаёти худро барои амалӣ шудани ин руъё бахшидааст. Дар охири солҳои 1950-ум Ҷон Эдвард Маккарти зарурати забони нави барномасозиро, ки метавонад рушди зеҳни сунъиро ба таври муассир дастгирӣ кунад, эътироф кард, аз ин рӯ, вай дар соли 1958 ба эҷоди “Lisp” шуруъ кард. “Lisp” дорои синтаксиси беназир бо қавсҳои зиёд буда, функсияи ҳисобкунии омилҳои ададиро муайян мекунад.

Ин соҳа якчанд давраҳои некбинонаро аз сар гузаронида [8], пас аз он давраҳои ноумедӣ ва аз даст додани маблағгузориро, ки бо номи зимистони сарди зеҳни сунъӣ маъруфанд, гузаронидааст [5]. Маблағгузорӣ ва таваҷҷуҳ ба таври назаррас пас аз соли 2012, вақте ки омӯзиши амиқ аз ҳама усулҳои қаблии зеҳни сунъӣ бартарӣ пайдо кард ва пас аз соли 2017 бо пайдоиши меъмории “Transformer” зиёд шуд [12, 76-79]. Ин ба авҷи зеҳни сунъӣ дар аввали солҳои 2020 оварда расонда, ширкат, донишгоҳ ва лабораторияҳо, ки аксаран дар ИМА ҷойгиранд, пешрафтҳои назаррасро дар зеҳни сунъӣ даст оварданд [9, 194-196].

Аз тарафи дигар, агар ба калонтарин марказҳои илмӣ ва таҳқиқотии ҷаҳонӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ назар афканем, дарк менамоем, ки асоситарини онҳо дар чунин давлатҳо қарор доранд:

–дар ИМА – Институти технологии Массачусетс;

–дар Ҷопон – Институти миллии илм ва технологияи пешқадами (AIST);

– дар Федератсияи Русия – Шурои илмии методологияи зеҳни сунъии Академияи илмҳои Русия;

– дар Ҳиндустон – Пажуҳишгоҳи технологии Ҳиндустон дар шаҳри Мадрас;

– дар Пажуҳишгоҳи таҳқиқотӣ ва илмии зеҳнии таҷҳизоти Олмон–

Маркази тадқиқотии Олмон доир ба зеҳни сунъӣ [14].

Аҳаммият ва зарурати зеҳни сунъӣ ва дигар ҳадафҳои пешбинигардидаро дар ҷаҳони имрӯза бо дарназардошти марказҳои илмӣ ва таҳқиқотии ҷаҳонӣ ба назар гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2024: “Ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода шудааст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои пешбинигардида, то охири соли 2025-ум лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд”.

Дар санади мазкур ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти зарфиятҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад” [1].

Аз ин рӯ, зарурат ва аҳаммияти асосии зеҳни сунъӣ дар замони муосир аз он иборат аст, ки он фанноварии илмиест, ки ба компютерҳо ва системаҳо қобилияти иҷро кардани вазифаҳоеро ба зимма месупорад, ки онҳоро қаблан танҳо инсонҳо метавонистанд иҷро намоянд. Ба ин вазифаҳо, асосан, чунин падидаҳо дохил мешаванд, аз ҷумла:

– аксҳо,

– қабули қарорҳо;

– матнҳо,

– пешгӯйии рӯйдодҳо;

– шинохтани садоҳо [11, 45–47].

Дар сарчашмаҳои ҳозира ҳадафи асосии зеҳни сунъӣ дар робита ба системаҳо омӯзонидани қобилиятҳои "омӯхтан" ва "фикр кардан" аст. Масалан, симбиоз як шакли ҳамзистии ду организми навъҳои гуногун дар омӯзиши зеҳни сунъӣ буда, одатан, ба онҳо фоидаи мутақобила меоварад. Вобаста ба шарҳи маводҳои “Энсиклопедияи озод”, “симбиоз” он организмҳое мебошанд, ки дар дар шакли ҳамзистии мутақобила якҷоя зиндагӣ мекунанд ё як ҷомеаи организмҳои зинда буда, ба хелҳои гуногуни биологӣ тааллуқ дорад [7; 14].

Ба ибораи одӣ, симбиоз як созишномаи фоидаовар байни ду (ва баъзан бештар се ва зиёдтар) организмҳое мебошанд, ки ба ивази чизе, ки ба онҳо дар он лаҳза намерасад, аз ҷумла, маводди ғизоӣ ё падидаи муҳофизат намудан, амалӣ мешавад. Ба инҳо, инчунин, мисол шуда метавонанд ҳар гуна падидаи зеҳни сунъӣ–herzena, ruknife, media-герзена, рукниф, воситаҳои ахбори омма ва ғайра (вале шарҳи ҳаматарафаи инҳо ҷойи дигар

аст).

Дар амалияи ҷаҳон синбиоз бо хелҳои гуногун дучор меояд. Масалан, симбиоз метавонад ҳатмӣ бошад, вақте ки як ё ҳар ду шарик комилан аз ҳамдигар вобастаанд ё ба таври факултативӣ ё ихтиёрӣ ин организмҳо мустақилона вуҷуд дошта метавонанд, ба монанди мағозаи афзорҳои хайвонот ва дорухонаҳои ветеринарии «Живая планета» дар кӯчаи Горкии шаҳри Маскав [16, 49–51].

Хелҳои симбиозро дар адабиёти муосир ва амалия бештар ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: мутуализм, комменсализм ва паразитизм [11, 43-48].

1. Навъи мутуализм–ҳамзистии мутақобилан судманди ду организмро дар бар мегиранд, ки ин ҳамзистӣ ба ҳар ду ҷониб манфиат меоварад. Масалан, занбӯри асал ва гулҳо: занбӯрҳо шира мегиранд, гулҳо бошанд, гардолуд мешавад.

2. Навъи комменсализм–ҳамзистии мутақобилан ду организмро дар бар мегиранд, ки ин ҳамзистӣ ба як организм фоида оварда, ба дигараш на фоида ва на зарар меоварад. Масалан, моҳӣ ва наҳангҳои камаршакл: ин гуна моҳиҳо муҳофизат шуда ва аз партовҳо ғизо мегиранд, наҳангҳо бошанд, на фоида ва на зарар мебинанд.

3. Навъи паразитизм ҳамзистии мутақобилаи ду организмро дар бар гирифта, аз ин ҳамзистӣ як организм (паразит) фоида мебинад, дигараш (мизбон) азият мекашад. Масалан, бүргаҳо ва сагҳо (бургаҳо ғизо мегиранд, сагҳо дар шакли хашм ва бемориҳои эҳтимолӣ зарар мебинанд.

Аз ин бармеояд, ки зеҳни сунъӣ дар шакл ва навъҳои гуногун дар амалия ва адабиёти муосир зоҳир шуда, ташаккулдиҳандаи сиёсатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ буда, табдилдиҳандаи таҷрибаҳои навин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад шуд.

Шаҳрвандони кишвар бо дарназардошти таҷрибаҳои андӯхташудаи ҷаҳонӣ дар ибтидои масъулият бовар доранд, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани падида ва нозукиҳои Қатънома, он метавонад Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз як кишвари истифодабарандаи технологияи воридотӣ ба мамлакати ташаккулдиҳандаи сиёсатҳои байналмилалии зеҳни сунъӣ табдил диҳад. Ин чунин маъно дорад, ки Қатъномаи СММ қабул шуд, вале ин оғози кор ва ибтидои масъулият буда, мутахассисони корхона, муассиса ва ҷомеаро корҳои зиёди заҳматталабе бароиояндаи мамлакат интизоранд, ки ниҳоят муҳим буда, аҳаммияти ҷаҳонӣ доранд.

Дар ҳақиқат, марказ бояд дорои зерсохторҳои технологӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, давраҳои омӯзишии стандартҳо бошад, Дар ин зерсохторҳо ҳатман фазои илмию амалӣ ва таҳқиқотӣ барои ҷавонон ва муҳаққиқони минтақа ба вуҷуд овардашуда, рушди касбӣ фароҳам ва имкониятҳо ба воқеият табдил дода мешаванд.

Барои ин мебояд ба яке аз имкониятҳои ба воқеият табдил додани он –

ташкили технопарки минтақавии “Area AI”, ки аллакай сохтмонаш оғоз ёфтааст, метавонад ба нуқтаи асосии ин Марказ табдил ёфта, онро бо муҳтавои зеҳнӣ ва омӯзгорони сатҳи ҷаҳонӣ таъмин намуда, дастрасиро ба пойгоҳҳои байналмилалии зеҳни сунъӣ барои фаровон истифода бурдан омода кунад [12,156-157].

Ҷомеаи Тоҷикистон хуб медонад, ки Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ барои дар амал ҷорӣ кардан то соли 2040 қабул гашта, он бояд бо буҷаи устувор, низоми тайёр кардани кадрҳо, механизми мониторинг ва нақшаи мушаххас пурра карда шавад. Зарурати татбиқи он чунин падидаҳоро дар бар мегирад [18]:

–ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки дорои амалияи пешқадами омӯзиши фанҳои зеҳни сунъӣ ва барномаҳои таълимӣ мебошанд, густариш ёфта, омӯзгорон ва муҳаққиқони ин соҳа пайваста бозомӯзӣ карда шаванд;

–фанҳои зеҳни сунъӣ ба барномаҳои таълимии донишкадаву донишгоҳҳо, ҳамчун муассисаҳои соҳавӣ ва мактабҳои миёна ворид шаванд. Чунин таҷриба аллакай мавҷуд аст. Тавре ки аз АМИТ «Ховар» 15 августи соли 2025 иттилоъ дод, бо мақсади ба роҳ мондани омӯзиши зеҳни сунъӣ дар якчанд муассисаи интихобшудаи таълимии шаҳри Душанбе шуруъ аз моҳи сентябри соли 2025 машғулияти иловагӣ доир ба зеҳни сунъӣ гузаронида мешаванд. Ин иқдом дар доираи татбиқи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 2022 ба тасвиб расидааст, амалӣ мегардад;

–пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон–шаҳри Душанбе ба Маркази ташкили лоиҳаҳои муштарак бо ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон табдил ёфта, Тоҷикистон ҳамчун ҳамоҳангсози минтақавӣ ташаббускори пажуҳишҳои фаромиллӣ, шабакаҳои мутахассисони соҳавӣ ва форумҳои минтақавии зеҳни сунъӣ гардида, ҳамгироии рақамиро вусъат бахшад [17]. Аз ин рӯ, қабули “Кодекси миллии ахлоқи рақамӣ”, қоидаҳои истифодаи бехатар ва боэътимоди зеҳни сунъӣ ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муҳити рақамӣ бояд ҷавоби амалӣ ба даъвати Қатъномаи СММ гарданд. Чунки модели танзим бояд на аз рӯйи манъи технология, балки аз рӯйи роҳнамоии он ба манфиати инсонӣ буда, Қатънома ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо ширкатҳои байналмилалӣ созишномаҳо ба имзо расонида, омӯзишгоҳҳои муштарак таъсис дода, дар созмонҳои байналмилалӣ намояндагии рақамии худро муаррифӣ намояд.

Бо ин роҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои пешсафи таҳияи барномаи «Software»–омӯзиши кадрҳои рақамӣ ва ташаккули андешаи илмӣ дар самти зеҳни сунъӣ дар минтақа табдил ёфта,

ба бунёди муносибатҳои рақамӣ ва технологие, ки дар он навоварӣ, дониш ва инсонмеҳварӣ мақоми пешрафтаро ташкилдода, ташкилу ташаккул ёбад.

Аз ин рӯ, бесабаб нест, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 омадааст: “Дар ин раванд бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад. Ба замми ин, Вазорати нақлиёт ва Хадамоти гумрукро зарур аст, ки ҷиҳати васеъ намудани гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ, ташкили “долонҳои сабз”, бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва мувофиқи стандартҳои муосири байналмилалӣ бунёд кардани терминалҳои наздисарҳадӣ, чораҷӯйӣ намоянд” [2].

Ҳамин тариқ, Қатъномаи СММ оғози нав буда, он на танҳо даъват ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки он даъват ба ҳар яки мо– шаҳрвандон ва пеш аз ҳама, ба омӯзгорон, муҳаққиқону мутахассисони кордон аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати бо руҳи навоварӣ, дар ҳамкорӣ ва бо масъулият истиқбол гирифтан, метавонад дар харитаи ҷаҳонии зеҳни сунъӣ ҷойгоҳи хосса пайдо карда, нуфузашро тақвият диҳад [13]. Вале афзалиятҳои зеҳни сунъиро дар ҳаёти одамон аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан ғайриимкон аст. Ширкатҳо технологияҳои навро барои ҷустуҷӯйи автоматӣ дар замимаҳо барои дастгирии муштариён ҷорӣ мекунанд. Ҷорӣ кардани зеҳни сунъӣ дар солҳои охир омили инсонӣ ва эҳтимолияти хатоҳоро ба ҳадди ақал расонд.

Таҷҳизот дар ҳама соҳаҳои ҳаёти одамон муфид буда, истиснои ҳадди аксар хатоҳои имконпазир боиси ба даст овардани натиҷаҳои дақиқ, ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мегардад. Зеҳни сунъӣ ин корро пас аз таҳлили тулонии далелҳо иҷро мекунад. Ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот эҳтимоли хатоҳоро кам карда, дарёфти ҷавоб ва ҳалли дурусти онро нишон медиҳад.

Барои фаҳмотар шудани ҷиҳатҳои мусбати зеҳни сунъӣ моҳият ва зарурати истифодабарии онро пурратар таҳлил мекунем [10].

*Ҳолати аввал.* Имрӯзҳо зеҳни сунъӣ метавонад амалиёти мураккаби ҳисоббарориро идора карда, маълумотро бо коркарди босуръат омода карда, имкон диҳад, ки дар соҳаҳои гуногун пешгӯйиҳои дақиқ ба даст оварда шаванд. Яъне ин яке аз симбиози зеҳни сунъии одамон буда, беҳтарин роҳи ҳал ва яке аз натиҷаҳои мусбат аст.

*Ҳолати дуюм.* Шуруъ намудан ба кам кардани хатоҳо бо ҷорӣ кардани

зеҳни сунъӣ дар солҳои охир бо дарназардошти омили инсонӣ эҳтимолияти хатогиҳоро ба ҳадди ақал расонид, чунки таҷҳизот дар ҳама соҳаҳои ҳаёти одамон муфид буда, истиснои ҳадди аксар хатоҳои имконпазир боиси ба даст овардани натиҷаҳои дақиқ, ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мегардад. Вале зеҳни сунъӣ ин корро пас аз таҳлили тулонии далелҳо иҷро карда, ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот эҳтимоли саҳву хатоҳоро кам карда, дарёфти ҷавоб ва ҳалли дурусти онро нишон медиҳад.

*Ҳолати сеюм.* Ҳуқуқшиносон низ имконияти истифодабарии зеҳни сунъиро барои таҳлили далелҳо пешиҳод карда, бо ин оқибатҳои гуногунро пешгӯйӣ карда, хатарҳои асосиро муайян мекунанд. Дар натиҷа, ҳама равандҳои муқаррарӣ ба тартиб оварда шуда, ҳуқуқшиносон метавонанд кореро анҷом диҳанд, ки зеҳни сунъӣ онро ҳанӯз иҷро карда наметавонад.

*Ҳолати чорӯм* доир ба қабули қарорҳои дуруст буда, алгоритмҳо таҷҳизотеро эҷод мекунанд, ки барои қабули қарор нисбат ба одамон камтар вақт мегиранд. Вале эътимод ба зеҳни сунъӣ ҳамчун вазифаҳои муҳим вақте зарур аст, ки шумо аз эҳсосот ва нуқтаи назари субъективӣ халос шавед, чунки тариқи таклиф суръати баланди зеҳни сунъӣ суръати қабули қарорро таъмин карда, вақтро барои фикрҳои нолозим сарфа мекунад.

Ҳамин тариқ, зеҳни сунъӣ аз тафаккури инсонӣ фарқ карда, дар он ҷое, ки одамон дар бораи қарор муддати тулонӣ фикр мекунанд, зеҳни сунъӣ дар асоси таҳлили маълумот, онро тайи чанд сония қабул карда, вазифаро иҷро мекунад.

Масалан, агар мо як бозии шоҳмотро муқоиса кунем, пас бо ҳар як ҳаракати минбаъда ба одамон вақтҳои бештар лозим аст, то ҳаракати дуруст ва стратегияи таҳия кардашударо анҷом диҳанд. Алгоритмҳои зеҳни сунъӣ ба таҷҳизот имкон медиҳанд, ки ин вазифаро якчанд маротиба тезтар иҷро кунанд. *Ин аввалин падидаи мусбат аст.*

Бартараф кардани ҳолатҳои хатарнок дар асоси омӯзиши таҷҳизот хатари офатҳоро коҳиш медиҳад, ки *ин низ бартарии дигари бешубҳа аст*. Инчунин, зеҳни сунъӣ рӯйдодҳои шадидро пешгӯйӣ намуда, онҳоро дар вақти воқеӣ пешбинӣ мекунад. Бар асари ин гуна маълумот хадамоти изтирорӣ омода аст, ки тамоми неруи худро ба мубориза бо зуҳуроти ношоями табиат равона кунад. Алгоритмҳои зеҳни сунъӣ инчунин, метавонд рӯзҳоеро муайян кунанд, ки шамолҳои сахт, жола ва дигар шароити бад имконпазиранд.

Дар кори шабонарӯзӣ зеҳни сунъӣ хаста намешавад ва ин як ҳолати мусбати объективӣ ва шаффоф аст. Дар истеҳсолоти саноатӣ низ ҷорӣ намудани таҷҳизоти хозиразамон ва системаҳои интеллектуалӣ имкон медиҳанд, ки буҷети корхона барои коргарон ва меҳнати инсон сарфа карда шавад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки зеҳни сунъиро истироҳат лозим нест, бинобар ин, таҷҳизот кори худро иҷро карда, супоришҳоро бе танаффус, бе

хӯроки нисфирӯзӣ иҷро мекунанд ва дар охири рӯзи корӣ дам мегиранд. Дар натиҷа, ҳосилнокии меҳнат ва даромади корхона зиёд мешавад ва ин ҳам бартарии зеҳни сунъӣ аст.

Доир ба мавзуи компютерҳо, комплексҳо, системаҳо ва шабакаҳо аз як тараф, бисёр омӯхтан бошад, аз тарафи дигар, парадоксаш ин аст, ки бартараф кардани ҷойҳои корӣ аст. Ин чунин маъно дорад, ки бузургтарин хатаре, ки таҷҳизоти зеҳни сунъӣ дар солҳои охир эҷод кардаанд, аз байн бурдани ҷойҳои корӣ мебошад. Ва ин як падидаи манфии объективӣ мебошад, чунки зеҳни сунъӣ ба дамгирӣ эҳтиёҷ надорад, вай метавонад корро дар якчанд баст (смена) бидуни таваққуф иҷро кунад. Захираҳои корӣ ин гуна хосилнокии меҳнатро таъмин карда наметавонанд. Аз ин рӯ, дар оянда хатари он вуҷуд дорад, ки системаҳои интеллектуалӣ одамонро иваз мекунанд (ниг. ба расми №3). Рушди зеҳни сунъӣ дар панҷ соли оянда ташаккул меёбад.

Ин эҳтимолият дар робита бо амалҳои механикии муқаррарӣ баррасӣ шуд. Акнун онҳо мегӯянд, ки зеҳни сунъӣ метавонад вазифаҳои зеҳниро иҷро кунад ва ҷойгузини коргарон дар корҳои мураккаб гардад.

Автоматизатсия ва эҷоди иктишофи оқилона боиси якбора афзоиши бекорӣ мегардад. Дар ҷаҳон миллионҳо нафар мутахассисон аз кор маҳрум мешаванд, зеро ҷойи онҳоро системаҳои автоматӣ ва роботҳо ишғол мекунанд. Масалан, консернҳо ва ширкатҳо аллакай ба татбиқи барномаҳои роботсозии коркарди филизот шуруъ кардаанд. Пеш аз ин одамон аз уҳдаи ин вазифаҳо мебаромаданд, ҳоло ба таҷҳизоти тезкор, ки маҳсулнокии онҳо якчанд баробар зиёд аст, хароҷоти нигоҳубин ва таъмир назар ба музди кор, додани ҳаққи коркунони беморхонаҳо ва масрафи дигар хеле кам шуда, дар навбати аввал гузошта мешавад [17].



**Расми 3. Ояндаи рушди зеҳни сунъӣ.**

Бале, зеҳни сунъӣ таҳдиди бекориро дар соҳаи ихтисосҳои техникӣ ва дар дигар соҳаҳо ба вуҷуд меоварад. Таҷҳизоти зеҳни сунъӣ аллакай тавонистанд ҳатто ба соҳаи санъат таъсири худро расонанд. Масалан, дар шабакаҳои нейронӣ ба ранг кардани тасвирҳо, эҷод кардан, мақолаю суруд

навиштан, шуруъ намудаанд.

Бояд дарк кард, ки зеҳни сунъӣ намояндагони касбҳои эҷодиро бо афзалият иваз намекунад. Ин чунин маъно дорад, ки зеҳни сунъӣ корро нисбат ба тарроҳон тезтар иҷро кунад ҳам, натиҷаи кор аз иштироки шахсӣ ва маълумоти ибтидоӣ вобаста буда, он ҳамчун воситаи муфид арзёбӣ шуда, ба тарроҳон ва намояндагони дигар соҳаҳои эҷодии зеҳни сунъӣ кумак мекунад, аммо онҳоро зинда карда наметавонад.

Дар солҳои охир шабакаҳои нейронӣ шаклҳоеро эҷод мекунанд, ки дар паси он ғояҳои беҳтарини башарият ва тарҳҳои замонавӣ истодаанд. Масалан, консерну ширкатҳо ғояи таҷҳизоти бесарнишинро таҳия ва амалӣ мекунанд. Ҳангоми ба охир расидани кор ва ба дараҷаи аъло расидани пешрафт, эҳтимолан, миллионҳо ронандагон ба мушкилоти бекорӣ дучор мешаванд.

Ҳоло ин як чизи камёфт буда, афсона барин менамояд, чунки чунин таҷҳизот кам буда, дар масъалаи бекорӣ имрӯзҳо мушкиле вуҷуд надорад. Ҳоло технологияҳои нав схемаҳои кухнаро пурра иваз намекунанд, накшҳо ва муоширати шахсии корфармо якҷоя аз таҷҳизот самарабахштар нестанд. Зеҳни сунъӣ низ наметавонад кайфият ва эҳсосоти муштариро муайян намояд, зеро танҳо одам инро метавонад аз рӯйи тембри овоз ва дигар аломатҳо муайян намояд. Аз тарафи дигар, усулҳои анъанавӣ нисбат ба ҷорӣ кардани алгоритмҳои зеҳни сунъӣ дар корхонаҳо саноатӣ арзонтаранд. Аз ин рӯ, коллективҳо барои ҷустуҷӯйи зеҳни сунъӣ, ҷорӣ намудани он дар истеҳсолот барои дурнамои рушди хизматрасониҳои тиҷоратӣ, гузаронидани санҷиш ва тарбияи кадрҳо вакту маблағ сарф намекунанд [18].

Вале, дар ҳақиқат, зеҳни сунъӣ кори ширкатҳоро осон мекунад. Баъзан онҳо фикр мекунанд, ки зеҳни сунъӣ тавоно ва қавӣ аст. Аммо ин нуқта, комилан нодуруст аст. Ҳатто зеҳни сунъӣ қавитарин аз имкониятҳои майнаи сари инсон тавонотар нест. Иттифоқан, барои тақсимот, нигохубин ва таъмири таҷҳизот дар корхона кадрҳои таҷрибадор, касбҳои нав талаб карда мешаванд. Ин, дар солҳои охир, як тобиши калони манфӣ буда, мушкилот дар он аст, ки дар ин бобат ба қадри кифоя кадрҳо тайёр карда намешаванд. Аз ин рӯ, аз аввал, маълум аст, ки дар сурати коргарони беихтисос зеҳни сунъиро идора кардан, алгоритмҳо ба сатҳи зарурӣ нарасида, натиҷаҳо бесамар мемонанд.

Сухан дар бораи он меравад, ки дар бисьёр корхонаҳо чунин мутахассисони кордон мавҷуд нестанд ва пайдо кардани онҳо хеле душвор аст. Аз сабаби кам будани кадрҳои зарурӣ корхонаҳо бо кадрҳои тасодуфӣ ҷойҳои холии муздноки заруририро пур мекунанд.

*Нуктаи дуюм,* аз он иборат аст, ки зеҳни сунъӣ на дар ҳама соҳаҳо мутобиқ карда шудааст ва ҳолатҳои истифодаи зеҳни сунъӣ маъмул буда, ҳалли тайёри муаммоҳо барои танзим намудани тиҷорат вуҷуд надорад. Аз

ин сабаб, онҳо аз сифр офарида шуда, барои онҳо солҳо лозим мешаванд. *Нуқтаи сеюм,* ҷобаҷогузории равандҳои тиҷорат ва рушди хизматрасониҳои тиҷоратӣ сармоягузориҳои калонро талаб мекунад [11, саҳ. 39-41]. Аз тарафи дигар, менеҷерҳо барои хариди таҷҳизоти нав, иҷораи бино ва баланд бардоштани ихтисоси коркунон пул сарф мекунанд. Вале мушкилоти дигар ҳам ҳаст. Имрӯзҳо танҳо аз рӯйи усулҳои куҳна кор кардан зараровар буда, истифода аз кори дастӣ, барои кам кардани хатоҳои омили инсонӣ ба манфиати кор нест. Дар ин ҷода, кормандони ботаҷриба ва мақсаднок кӯшиш мекунанд, ки бо ширкатҳое ҳамкорӣ кунанд, ки технологияҳои муосир ва зеҳни сунъиро татбиқ мекунанд ва ё аллакай татбиқ кардаанд.

Бинобар ин, дар коллективи корхонаҳое, ки аз рӯйи схемаҳои классикӣ кор мекунанд, коргарони бемаълумот, ки ба такмили ихтисос ва болоравии ихтисос манфиатдор нестанд, боқӣ монда, манфиатдоранд, ки аз татбиқи зеҳнӣ сунъӣ даст кашанд. Вале аз татбиқи зеҳнӣ сунъӣ даст кашидан ғайриимкон аст, зеро зеҳни сунъӣ ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дорад. Аз ин рӯ, ин гуна ширкатҳо хавфи аз даст додани фоида ва аз рақибон қафо монданро доранд. Ҳол он, ки эҷоди технологияҳои нав ва татбиқи зеҳни сунъӣ дар замони муосир як раванди табиӣ ва бартарии раднашаванда аст. Аз ин рӯ, олимон дар солҳои охир ба симбиози зеҳнӣ ва технологияҳои анъанавӣ ба манфиати кори умумӣ бовар дошта, натиҷаи он истифодаи беҳтарин ҷанбаҳои зеҳни сунъӣ ва ҷуброни камбудиҳои зеҳни инсонӣ аст [11].

Дар солҳои охир таҳлилҳои гузаронидашуда аз маълумот то фаҳмиш дар асоси таҳлилҳои пешрафта буда, соҳибкорон мекӯшанд, ки маълумотро на танҳо барои мониторинг, балки барои пешгӯйии сенарияҳои оянда ва рушди хизматрасониҳои тиҷоратӣ истифода баранд. Ин чунин маъно дорад, ки таҳлили система ба сатҳи нав расида, алгоритмҳо иттилоотро аз сарчашмаҳои гуногун муттаҳид намуда, намунаҳои пинҳоншударо муайян ва ҳалли беҳтаринро пешниҳод мекунанд. Яъне таҳлили системавӣ як ҷузъи ҳатмӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ буда, он роҳбаронро дар раванди ҷаҳонишавӣ, соҳибкорон ва баъзе созмонҳои байналмилалии майли ҳукмронӣ доштаро бо роҳи ҳалли дарёфти мувозинати байни имкониятҳои нав ва хатарҳои ба он алоқаманд дарёфт карда, нуқтаҳои самараноки афзоишро пайдо мекунад. Дар ин ҳолат воситаи асосӣ шабакаҳои нейронӣ буда, метавонанд бо намунаҳои пайвастагиҳои мураккабе кор кунанд, ки ба усулҳои классикӣ дастнорасанд [20, –С.58-60].

Ҳамин тариқ, таҳлили пешрафта маънои онро дорад, ки ба коршиносон дигар лозим нест, ки миқдори зиёди маълумотро танҳо дастӣ тафтиш кунанд. Дар ҳолате, ки аксари корҳо автоматӣ кунонда мешаванд, кормандон диққати худро ба қабули карорҳо дода, вақтро сарфа карда, имконияти стратегияи рушдро дар асоси маълумоти воқеӣ таҳия ва эҳтимолияти аз даст

додани фишангҳои муҳимми бозорро коҳиш медиҳанд.

Бар асоси хулосаҳои коршиносон, метавон тахмин кард, ки ин тамоюлҳо дар солҳои оянда таҳкими худро идома дода, барои ширкатҳо васеъ истифода шуда, имкониятҳои нави бартарии рақобатии фароҳам оварда, пешгӯйиҳо тибқи баррасиҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои технологияҳои зеҳни сунъӣ босуръат рушд хоҳанд кард. Ширкатҳо бошанд, бештар аз усулҳои мустақили омӯзиш истифода бурда, алгоритмҳои муассиртарро барои кор бо миқдори зиёд истифода хоҳанд бурд. Моделҳои генеративӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои квантӣ барои рушди соҳа вектори махсус гузошта, тиҷорат тавсеаи технологияҳои зеҳни сунъиро ҳамчун имкони расидан ба сатҳи сифатан нав барои бартараф кардани мушкилот ҳал карда, хатарҳоро ба шарофати таҳлили амиқ коҳиш медиҳад [20, 61-62].

Коршиносон қайд мекунанд, ки ҳамгироии (интегратсияи) одии системаҳои интеллектуалӣ бидуни таҷдиди равандҳои дохилӣ аксар вақт самараи дилхоҳ надода, ҷобаҷогузории равандҳои тиҷоратӣ бо назардошти тамоюлҳо роҳандозӣ карда мешаванд. Барои кушодани қудрати зеҳни сусъӣ, тавсия дода мешавад, ки таркиби ҷории идоракуниро санҷида баромада, муайян кардан даркор аст, ки кадом амалиёти муқаррариро бо таҷҳизотҳо интиқол додан мумкин аст. Ин гуна амалиёт метавонад ба банақшагирии логистикӣ, таҳлили пойгоҳи муштариён ба пешгӯйиҳои талабот ё дурнамои рушди хизматрасониҳои тиҷоратӣ дахл дошта бошанд. Чунин равишҳо талаботро ба моделҳои тавлидии корхонаҳо барои тарҳрезии автоматӣ ва ҷустуҷӯйи ғояҳои тоза истифода мебаранд. Дар натиҷа, чунин алгоритмҳо метавонанд марҳалаҳои банақшагирӣ ва маркетингро осон карда, имконоти ҳалли мушкилоти навро бидуни дахолати пурраи дастӣ муайян кунанд.

Масъалаи асосии дигари оянда–инкишофи зеҳни сунъӣ бо дарназардошти омӯзиши кадрҳо ва мутобиқшавӣ ба технологияҳои нав буда, рушди зеҳни сунъӣ на танҳо бо таҳияи алгоритмҳо, балки бо таҷдиди сохтори фарҳанги корпоративӣ алоқаманд аст ва кормандон бояд принсипҳои зеҳни сунъиро на фақат азхуд кунанд, балки дар шарҳ ва интишори маълумоти гирифташуда малакаи асосӣ дошта бошанд. Тайёр кардани мутахассисон вақтро сарфа карда, хавфи истифодаи нодурусти таҷҳизотро кам мекунад. Аз ин рӯ, барномаҳои омӯзишӣ метавонанд тренингҳои интерактивӣ, дарсҳои омӯзишии бомаҳоратиро доир ба таҳлил ва санҷиши мунтазами малакаҳо барои нигоҳ доштани таҷриба дар сатҳи баланд дар бар гирифта, кормандоне, ки ин салоҳиятҳоро доро мебошанд, ба навовариҳо осонтар мутобиқ шуда, соҳаҳо ва касбҳои навро зудтар азхуд мекунанд [16, 43-45].

Ҳамин тариқ, ширкат як гурӯҳеро омода мекунад, ки қодиранд на танҳо зеҳни сунъиро барои вазифаҳои амалиётӣ истифода баранд, балки инчунин, рушди минбаъдаи манфиатҳои стратегиро муҳофизат намоянд. Танҳо

тавассути татбиқ ва мутобиқ кардани технологияҳои зеҳни сунъӣ ба раванд ва хизматрасониҳои тиҷоратии ташкилотҳо таҷҳизотеро барои рушд ва ворид шудан ба бозорҳои нав пешниҳод мекунанд, ки муносибатҳои «сармоягузориҳои бошуурона» ба алгоритмҳо, инфрасохтор ва омӯзиши кадрҳо барои рушди минбаъда ва мустаҳкам кардани мавқеъ дар соҳаи онҳо заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

Имрӯзҳо ба ғайр аз зеҳни сунъӣ дар инқилоби технология истилоҳи дигар – "Intelligence General Artificial" – AGI ё зеҳни умумии сунъӣ – ЗУС дар ҷаҳони технология бештар шунида шуда, ҳаёти моро рангин менамояд.

Ҳарчанд таърифи зеҳни умумии сунъӣ вобаста ба мавзуъ метавонад каме фарқ кунад ҳам, моҳияти он ҳамоно боқӣ мемонад, чунки ин ҳадафи ниҳоии бисёре аз ширкатҳои пешрафтаи IT буда, барои рушди он маблағгузории зиёд сарф мешавад. Новобаста ба ин, "Microsoft" метавонад дар бораи рушди зеҳни сунъӣ назари худро дошта бошад, масалан, директори генералии ширкати мазкур Сатя Наделла бештар ба татбиқи амалии ин технология ишора ва таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, на ба кӯркурона аз пайи зеҳни умумии сунъӣ давидан.

Ҷолиб он аст, ки роҳбари пешинаи "OpenAI" изҳор дошт, ки дастаи ӯ омода аст зеҳни умумии сунъиро таҳия кунад, аммо баъдтар ширкат таваҷҷуҳи худро ба рушди зеҳни олии сунъӣ баргардонд. Дар ҷамъбаст Демис Ҳассабис, мудири ширкати Google "DeepMind", андешаҳояшро дар мавзӯи таъсири зеҳни сунъӣ ба бозори меҳнат ва зарфияти бекории омма ба нашрияи "The Guardian" пурра арзёбӣ намуд. Ӯ инчунин, дар бораи таъсири манфии зеҳни сунъӣ ба ҷойҳои корӣ далелҳои директори генералии "Anthropic" Дарио Амодейро тасдиқ карда, қайд намуд, ки зеҳни сунъӣ метавонад то 50 дарсад ҷойҳои кории сатҳи ибтидоиро аз байн бурда, ҷавононро бе воситаҳои зиндагӣ гузорад. Муассиси "Microsoft" Билл Гейтс низ изҳори нигаронӣ намудааст, ки зеҳни сунъӣ метавонад боиси тағйирот дар бозори корӣ барои насли наврас шавад. Вай бар ин назар аст, ки ягона роҳи халосӣ аз ин варта "кунҷков будан, хондан ва истифода бурдани маълумоти навтарин дар бораи зеҳни сунъӣ аст" [6].

Аз тарафи дигар, Демис Хассабис DeepMind-ро ҳамчун такондиҳандаи «Google» баъд аз ба даст овардани ширкати 400 миллион доллара дар соли 2014 эътироф кардааст. Чизи аз ҳама муҳим он аст, ки ӯ ба асоси он, ки зеҳни умумии сунъиро "Google" дар тули панҷ–даҳ сол ба даст меоварад, боварӣ дорад.

Ӯ аз ҷумла қайд кардааст: "Ман намедонам, ки оё ин як чизи якдафъаина мешавад ё метавонад як раванди тадриҷан бошад, аммо мо чизеро дорем, ки онро оқилона метавон зеҳни умумии сунъӣ номид ва он, пеш аз ҳама, ҳама қобилиятҳои маърифатие мебошанд, ки одамон эҳтимолан дар панҷ то даҳ соли оянда соҳиб мешаванд ва ё шояд дар охири корашон"

[6]. Ин суханон пас аз он садо доданд, ки Демис Ҳассабис аллакай дар бораи равиши зеҳни умумии сунъӣ ҳарф зада, дар бораи омодагии ҷомеа ба он шубҳа дошт. Ӯ иқрор шуд, ки дурнамоҳои зеҳни умумии сунъӣ ӯро шабона хоб рафтан намемонанд. Демис Ҳассабис ба сатҳи охирин такя карда, аммо худашро "оптимисти эҳтиёткор" меномад. Ҷаҳоне, ки ба зеҳни сунъӣ асос ёфтааст: давраи фаровонии бесобиқа буда, ба гуфти Демис Ҳассабис: «Фарз мекунем, ки мо онро ба таври бехатар ва масъулиятнок дар ҷаҳон ҷорӣ менамоем ва албатта, мо кӯшиш мекунем, ки дар он саҳмгузор бошем, яъне мо бояд дар ҷаҳоне бошем, ки ман онро баъзан фаровонии радикалӣ меномам» [6]. Аммо ин танҳо он вақт имконпазир аст, ки омилҳое, ба монанди сармоя, қудрати ҳисоббарорӣ, оби хунукшуда ва танзим нақшаро халалдор намесозад. Дар ҷаҳони фаровонӣ мо шояд "ҳеч гоҳ дигар кор накунем" [7].

Ҳамин тариқ, директори генералии «DeepMind» Демис Хассабис ба заковати инсон бовар дошта, бовар дорад, ки одамон пас аз ба даст овардани зеҳни умумии сунъӣ ба тағйироти ҷиддии ҷомеа мутобиқ мешаванд. Ӯ мегӯяд, ки ман дар назар дорам: «Бубинед, ки мо имрӯз дар куҷоем” боз илова намуд: “Мағзи сари мо барои тарзи ҳаёти шикорчиён–ҷамъоварон таҳаввул ёфт ва мо дар тамаддуни муосир қарор дорем ва дар муқоиса бо инқилоби саноатӣ ва тағйироти марбут ба зеҳни умумии сунъӣ даҳ маротиба зудтар ба амал меоянд [7].

Мутахасиси соҳа Айше Джемилева доир ба паҳлуҳои зеҳни сунъӣ қайд мекунад, ки чанде пеш олимон мафҳуми «зеҳни сунъӣ»-ро муаррифӣ карданд ва каме бештар аз ним аср пас аз он, ин технологияҳо аллакай дар соҳаҳои хоҷагӣ талаботи зиёд пайдо намуданд. Ҳоло метавон гуфт, ки зеҳни сунъӣ барои ҳар як шахс дар масофаи хеле наздик ҷойгир аст, барои мисол: компютер ва ноутбук, смартфон ва соати электронӣ, ҳатто бисёр барномаҳои одӣ бо кумаки он кор мекунанд. Зеҳни сунъӣ бо зуҳуроти мухталифи худ ба бисёр соҳаҳои ҳаёти инсон ворид шуда, дар онҳо мустаҳкам ҷойгир шудааст [6].

Ҳамин тариқ, пешомадҳои рушди зеҳни сунъӣ бо дарназардошти компютерҳои ҳозиразамон торафт бештар дониш ва маҳорат мегиранд. Скептикҳо ё шахсони шубҳакунанда далелҳои эътимодбахшро талаб карда, дар он ақидаанд, ки тамоми қобилиятҳои зеҳни сунъӣ намунаи худомӯзӣ набуда, балки ҷуз як барномаи компютерӣ чизи дигаре нестанд. Бо вуҷуди ин, зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки технология дар минтақаҳои гуногун паҳн шавад ва иқтидори қаблан нодиртарини рушдро соҳиб шавад. Бо мурури замон, компютерҳо пурқувваттар мешаванд ва зеҳни сунъӣ дар рушди худ боз ҳам тезтар тараққӣ ва такмил меёбад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2024, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/ event/missives/49225.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, шаҳри Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/ node/32191.

3. Суханронии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Мутаҳҳид 24 сентябри соли 2024 /Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на 79-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций /https: // khovar. tj /rus/2024/ 09/ vystuplenie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-emomali-rahmona-na-79-j-sessii-assamblei-oon (Сентябр: 24, 2024 23:44).

4. Генеральная Ассамблея ООН приняла историческую резолюцию об искусственном интеллекте, инициированной Таджикистаном, 25.07.2025 / https: // www. mfa. tj / ru / main / view /17356 / generalnaya-assambleya-oon-prinyala-istoricheskuyu-rezolyutsiyu–ob–iskusstvennom–intellekte-initsiirovannoi – tadzhikistanom / 25 июля 2025 года.

5. Алан Тьюринг. Могут ли машины мыслить? Дата обращения: 22 августа 2011. Архивировано 24 марта 2012 года; Alan Turing, «Computing Machinery and Intelligence Архивная копия от 28 марта 2013 на Wayback Machine», Mind, vol. LIX, no. 236, October 1950, pp. 433-460.

6. Айше Джемилева. Искусственный интеллект: краткая история, развитие, перспективы /https: // timeweb. com /ru/community/articles/ chto-takoe-iskusstvennyy-intellekt. 5 авг в 2021 г.

7. Демис Хассабис. Генеральный директор DeepMind. Полный переворот в технологиях: искусственный интеллект изменит вашу жизнь быстрее, чем вы думаете! / https: //msreview.net /artificial-intelligence/polnyi - perevorot-v - tekhnologiiakh - iskusstvennyi - intellekt- izmenit - vashu-zhizn - bystree-chem-vy-dumaete.html

8. Джон Эдвард Маккарти: открытия и наследие создателя термина «Искусственный интеллект», 1962; Проект "Стенфордский исследовательский институт искусственного интеллекта" (SRI). Стэнфорд, 1971.

9. Дубровский Д. Может ли интеллектуальный робот обладать этическими свойствами? / Д. Дубровский, А. Ефимов, Ф.Матвеев // Вопросы философии. – 2022. – № 9. – С. 193-197.

10. Евгения Стапарь Плюсы и минусы искусственного интеллекта во всех сферах жизни человека /https: // mitm. Institute /journal - informatika - plyusy-i-minusy-iskusstvennogo-intellekta-vo-vseh-sferah-zhizni-cheloveka.

11. Евсеенко С. Этапы развития технологий искусственного

интеллекта и уточнение терминологии / С. Евсеенко // Инновации. - 2021. - № 4. – С. 39-48. Симбиоз: Известны три формы симбиоза /https: // elementy. ru/trefil /21214/ Simbioz.

12. Косаренко Н. Н. Система искусственного интеллекта: понятие, теория, право и перспективы развития: монография / Н. Н. Косаренко. - Москва : Русайнс, 2024.– 176 с.

13. Қатъномаи таърихии Тоҷикистон оид ба зеҳни сунъӣ дар Маҷмаи Умумии СММ қабул гардид. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон /https: // khovar. tj /2025/07/ atnomai – tarihii - to-ikiston - oid - ba - ze - ni - sun - dar - ma - mai - umumii-smm-abul-gardid.

14. Материал из Википедии–свободной энциклопедии. Искусственный интеллект. /https://ru.wikipedia.org/wiki/Искусственный_интеллект.

15. Оксфордский словарь: Compact Oxford Russian Dictionary Англо-Русский Русско-Английский: Oxford University, Press, 2013.

16. Помулев А. Искусственный интеллект как объект стоимостной оценки / А. Помулев //Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2022. – № 6. - С. 42-56.

17. Пудовкина О.Е. Цифровые экосистемы в промышленности / О.Е. Пудовкина // Кластерные инициативы: сборник научных трудов 6-й Международной научно-практической конференции, Курск, 14–15 мая 2020 года / Юго-Западный государственный университет. – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2020.–С. 261-264.–EDN BBOUFA.

18. “Стратегия развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года”. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 сентября 2022 года, №483.

19. Тьюринг Алан Матисон // Большая советская энциклопедия : [в 30 т.] / гл. ред. А. М. Прохоров.–3-е изд. - М.: Советская энциклопедия, 1969 - 1978; Ньюман, МНА Алан Мэтисон Тьюринг. 1912–1954 (англ.) //Биографические мемуары членов Королевского общества: журнал. - 1955. - Т. 1.00 С. 253.–ISSN 0080-4606.-doi:10.1098/rsbm.1955.0019.–JSTOR 769256.

20. Шальнева М. С. Внедрение технологии искусственного интеллекта в бизнес-процессы торговых корпораций = Intelligence Technology into the Business Processes of Trading Corporations / М. С. Шальнева, Н. В. Шпильман // Страховое дело. - 2022. - № 4. - С. 54-62.

# ПРЕДЛОЖЕНИЕ, РЕАЛИЗАЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ КОММЕРЧЕСКИХ УСЛУГ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ОБЛАСТИ РЕВОЛЮЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

**НИДОЕВ НОЗИМЖОН ФОЗИЛОВИЧ**

доктор экономических наук, и.о. профессора кафедры таможенного дела ФМЭО, права и таможни Таджикского государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел.: (+992 37) 334-83-46; e-mail: nozimjon.nidoev@maiI.ru

*В статье рассматривается актуальность вопросов предоставления, внедрения и развития коммерческих услуг искусственного интеллекта в рамках новых революционных технологий, связанных с социально-экономическими отношениями в быстро меняющихся условиях. Также анализируется точка зрения и ответственность учёных и специалистов в предотвращении негативных последствий использования искусственного интеллекта для общества, а также предлагаются подходы предпринимателей и некоторых международных организаций, склонных играть ведущую роль в процессе глобализации, находя баланс между новыми возможностями и сопутствующими рисками.*

***Ключевые слова:*** *искусственный интеллект, общественный страх, сопутствующие риски, баланс новых возможностей, перспективы развития, революционные технологии, новые профессии, современные проекты.*

## THE CURRENT STATE OF DEVELOPMENT OF COMMERCIAL ARTIFICIAL INTELLIGENCE SERVICES AND ITS DEVELOPMENT PROSPECTS

**NIDOEV NOZIMJON FOZILOVICH,**
doctor of Economic Sciences, Acting Professor of the Department of Customs Affairs of the Faculty of International Economic Relations, Law and Customs of the Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti st. ½;
tel.: (+992 37) 334-83-46; e-mail: nozimjon.nidoev@maiI.ru

*The article examines the relevance of issues of provision, implementation and development of commercial artificial intelligence services within the framework of new revolutionary technologies related to socio-economic relations in rapidly changing conditions. It also analyzes the focus of activity and responsibility of scientists and specialists in preventing the negative consequences of the use of artificial intelligence for society, and proposes approaches to finding a balanc citye between new opportunities and associated risks in the process of globalization.*

**Keywords:** *artificial intelligence, public fear, associated risks, balance of new opportunities, development prospects, revolutionary technology, new professions, modern designs.*

УДК: 331.101.262:004:330.4

# МЕЪЁРҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА УСУЛҲОИ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚОТИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**ТОҲИРЗОДА БЕҲРӮЗ ТОҲИР,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел.: (+992) 902-41-41-41; e-mail: tohirjonov1990@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии баҳодиҳии захираҳои корӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқ хусусиятҳои асосии методологияи арзёбии зарфияти корӣ ва самаранокии истифодаи он баррасӣ гардида, меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии баҳодиҳии захираҳои корӣ муайян карда шудаанд. Муаллиф ба таҳлили афкор ва андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба идоракунии захираҳои инсонӣ, усулҳои таҳқиқи иқтисодӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳои самаранокии меҳнат такя мекунад.*

*Дар мақола нишон дода мешавад, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт зарурати таҷдиди назар дар меъёр ва усулҳои анъанавии баҳодиҳӣ ба миён меояд. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар баробари нишондиҳандаҳои классикӣ (андозаи қувваи корӣ, сохтори он, сатҳи маълумот ва ҳосилнокии меҳнат), бояд меъёрҳои нав, аз қабили салоҳиятҳои рақамӣ, саводнокии иттилоотӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда ва зеҳни эмотсионалӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.*

*Дар мақола ҷадвалҳо ва таснифоти муфассали захираҳои корӣ пешниҳод гардида, нишон дода мешавад, ки арзёбии дурусти онҳо шарти асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Натиҷаҳои мақола метавонанд барои таҳияи консепсияҳои идоракунии кадрҳо, стратегияи бозори кор ва барномаҳои таъмини рушди захираҳои инсонӣ дар шароити рақамисозӣ истифода шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои корӣ, меъёрҳои баҳодиҳӣ, усулҳои методологӣ, иқтисодиёти рақамӣ, самаранокии меҳнат, салоҳиятҳои рақамӣ, захираҳои инсонӣ.*

Дар методологияи таҳқиқи захираҳои корӣ мавқеи муҳимро меъёрҳои баҳодиҳӣ ва усулҳои таҳқиқот ишғол менамоянд. Баҳодиҳии захираҳои корӣ аз таҳлили нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии онҳо иборат буда, ҳамзамон, нишондиҳандаҳои истифодаи самаранокӣ онҳоро дар худ

таҷассум менамояд. Масъалаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар асарҳои Д.Амонова, М.Азимова, Р.Furthermore Бобоҷонов, С.Бобоҷонов, А. Бобоев, Б.Баротзода, Ш.Бобохонов, С. Комилов, Д. Келдиёров, М. Мамадбеков, Л. Саидмуродов, М. Собиров ва дигарон баррасӣ ва арзёбӣ шудаанд.

“Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” масъалаҳои таъмини кадрҳои соҳаро дар бар мегирад. Аммо ин мушкилот қабули консепсияи махсусро талаб мекунад. Ба гуфтаи олимон, таҳияи консепсияҳо барои таъмини кадрҳои комплекси агросаноатӣ шарти зарурии такрористеҳсолкунӣ ва истифодаи самараноки неруи кории Тоҷикистон дар шароити кунунӣ мебошад» [1, 278; 2, 6; 3, 128-129].

Чунончи паҳуҳишгарон Ҳасанов ва Ф. Муминова қайд кардаанд: «Барои арзёбии боэътимод ва таҳлили вазъи системавии субъектҳои ҳудудию маъмурӣ ва асоснок кардани амалҳои оянда дар асоси ин арзёбӣ, меъёри муттаҳидшуда (умумӣ, ҳамаҷониба) зарур аст. Ба ин меъёр талаботи зерин татбиқ мешаванд:

1) он бояд ченшаванда бошад (аз ҷиҳати миқдорӣ арзёбӣшаванда);

2) меъёр бояд падидаи омӯхташаванда ва имконпазирии ҳадафи зикршударо боэътимод арзёбӣ кунад;

3) арзиши меъёр бояд бо истифода аз маълумоти мавҷуда ва бидуни майли назаррасии вақт ва пул муайян карда шавад;

4) он бояд маънои иқтисодӣ (молиявӣ, ҷисмонӣ ва ғайра) барои муқоисаи ҳолати дилхоҳ ва воқеии падидаи баррасишаванда дошта бошад;

5) меъёр бояд то ҳадди имкон манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои дар падидаи омӯхташаванда иштирокдоштаро ба назар гирад».

Муҳаққиқи варзида С.Комилов мегӯяд, ки дар шароити иқтисодии имрӯза, ки дар бахши кишоварзӣ корхонаҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) бартарӣ доранд, нигоҳ доштани кормандони пурраи мутахассисон ғайриимкон аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки тамоюлҳои манфӣ дар зуҳури захираҳои инсонии бахши кишоварзӣ афзоиш хоҳанд ёфт. Ба андешаи мо, ҳангоми арзёбии зарфиятҳои захираҳои инсонӣ дар деҳот, таҳлили динамикаи афзоиши қувваи корӣ ба 100 хоҷагӣ ё 1000 гектар замини кишоварзӣ зарур аст. Ҳисоб кардани мутахассисони хоҷагӣ, махсусан, дар ширкатҳои ҳолдингӣ ва саҳомӣ ва таносуби кормандони дорои маълумоти олӣ дар дастгоҳи идоракунӣ низ муҳим мебошад» [11, 37].

«Баҳодиҳии ташаккул ва истифодаи захираҳои корӣ аз муайян кардани талабот ва индекси таъмини он дар соҳаи алоҳида ва ё дар сатҳи мамлакат, муайян кардани мувофиқати байни захираҳои мавҷудаи меҳнат ва эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои корӣ ва ошкор намудани захираҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, таҳияи тадбирҳои доир ба беҳтар кардани истифодаи захираҳои корӣ, ба монанди таълими касбӣ, такмили ихтисос, тағйир додани шароити меҳнат,

банақшагирии сиёсати кадрии корхона ва таҳияи чораҳои ҳавасмандгардонии кормандон» [4] иборат аст.

Меъёрҳои арзёбии захираҳои корӣ аз меъёрҳои миқдорӣ (андозаи қувваи корӣ, мавҷудияти қувваи корӣ, сохтори қувваи корӣ, нишондиҳандаҳои ҳаракати қувваи корӣ ва меъёрҳои сифатӣ (сатҳи маълумот ва тахассус, вазъияти саломатӣ, маҳорат ва донишҳои касбӣ, ҳавасмандӣ ва қаноатмандии кор, интизоми меҳнат) иборат аст.

Нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои корӣ аз ҳосилнокии меҳнат, шиддати меҳнат, боздеҳии дороиҳо, музди кор, зариби истифодаи вақти корӣ иборат мебошад, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Меъёрҳои асосии баҳодиҳии захираҳои корӣ**

| Меъёрҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| **Меъёрҳои миқдорӣ** | |
| Андозаи қувваи корӣ | Шумораи умумии кормандоне, ки дар иқтисодиёт ё корхона кор мекунанд |
| Мавҷудияти неруи корӣ | Мутобиқати шумораи кормандон ба шумораи зарурӣ |
| Сохтори қувваи корӣ | Тақсимоти кормандон аз рӯйи синну сол, ҷинс, маълумот, тахассус, собиқаи корӣ ва ғайра |
| Нишондиҳандаҳои ҳаракати қувваи корӣ | ба кор қабул намудан, аз кор озод кардан, интиқол, ҷобаҷогузории кормандон. |
| **Меъёрҳои сифатӣ** | |
| Сатҳи маълумот ва тахассус | Мутобиқати маълумот ва дараҷаи тахассусии кормандон ба талаботи кори мушаххас. |
| Вазъи саломатӣ | Саломатии ҷисмонӣ ва руҳии кормандон, ки ба қобилияти иҷрои кор таъсир мерасонад |
| Маҳорат ва донишҳои касбӣ | Мавҷудияти дониш, қобилият ва малакаҳои зарурӣ барои иҷрои кор. |
| Ҳавасмандӣ ва қаноатмандии кор | Шавқи кормандон ба кор, қаноатмандии онҳо аз шароити кор, маош ва дигар омилҳо. |
| Интизоми меҳнат | Аз ҷониби кормандон риояи интизоми меҳнат, қоидаҳои дохилии кор |
| **Нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои корӣ** | |
| Ҳосилнокии кор | Ҳаҷми маҳсулот (хизматрасонӣ), ки корманд дар муддати муайян истеҳсол кардааст |
| Шиддати кор | Вақти сарфшуда барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот (хизматрасонӣ) |
| Боздеҳии дороиҳо | Ҳаҷми маҳсулот (хизматрасонӣ) барои як воҳиди таҷҳизоти истифодашуда истеҳсолшуда. |
| Музди кор | Маблағи музди кории ба кормандон додашуда |
| Коэффисиенти истифодаи вақти корӣ | Ҳаҷми воқеии вақти кор нисбат ба маблағи пешбинишуда |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ ва захираҳои интернетӣ.

Муҳаққиқ Ҳ.Муллоев «номувофиқатӣ байни зарфияти меҳнатии коргарон ва сатҳи маҳорати онҳо»-ро қайд мекунад. Дар асоси пурсиши кормандони кишоварзии вилояти Хатлон, ӯ ба хулосае меояд, ки 25% пурсидашудагон тахассус надоранд, дар ҳоле ки 75% пурсидашудагон изҳор доштанд, ки монеаҳои асосии истифодаи самараноки зарфияти меҳнатии

онҳо омилҳои марбут ба ҳавасмандгардонии моддӣ мебошанд» [8, 56].

Дар адабиётҳои илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҳҳои гуногуни гурӯҳбандии захираҳои корӣ мавҷуданд. Гурӯҳбандӣ аз рӯйи фаъолияти меҳнатӣ ва фаъолияти иқтисодӣ гузаронида мешавад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Таснифи захираҳои корӣ**

| Меъёрҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Аз рӯйи фаъолияти корӣ | |
| Захираҳои фаъоли корӣ | Коргароне, ки дар иқтисодиёт кор мекунанд |
| Захираҳои кории ғайрифаъол | Аҳолие, ки дар иқтисодиёт машғул нестанд, вале қобили меҳнат (донишҷӯён, нафақахӯрон, соҳибхоназанон) |
| Аз рӯйи фаъолияти иқтисодӣ | |
| Шуғл | Аҳолии бо кор таъминшуда, инчунин, онҳое, ки ба тиҷорати худ машғуланд |
| Бекор | Аҳолӣ, ки ҷойи кор надорад, вале фаъолона ҷустуҷӯйи онро дорад |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ ва захираҳои интернетӣ.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ баъзе меъёрҳои арзёбии захираҳои меҳнатӣ нисбат ба меъёрҳои дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ фарқ мекунанд. Дар иқтисодиёти рақамӣ меъёрҳои нав, аз қабили салоҳиятҳои махсуси рақамӣ. маҳорати саводнокии иттилоотӣ, сатҳи зеҳни эмотсионалӣ, қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда, форматҳои шуғл, инчунин, хусусиятҳои миқдории захираҳои корӣ дар шароити рақамисозӣ вазъи демографӣ, ҳолати онҳо ва самаранокии истифодаи қувваи корӣ мебошад, ки дар ҷадвали 3 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 3.**

**Баъзе меъёрҳои баҳодиҳии захираҳои корӣ дар шароити рақамисозӣ**

| Меъёрҳои арзёбӣ | Моҳияти меъёр |
|---|---|
| Салоҳиятҳои махсуси рақамӣ | Инҳо тафаккури системавӣ, қобилияти ҳалли мушкилоти калидӣ, мутобиқшавӣ ва кор дар шароити номуайянӣ, фаҳмидани асосҳои киберамният, «маҳорати рақамӣ», қобилияти пайвастанро дар бар мегиранд |
| Маҳорати саводнокии иттилоотӣ | Онҳо қобилияти коркарди иттилооти воридшударо бо истифода аз дастгоҳҳои гуногуни техникӣ ва барномаҳои иттилоотӣ дар бар мегиранд |
| Сатҳи зеҳни эмотсионалӣ | Ин қобилият имкон медиҳад, ки эҳсосоти худ ва инчунин одамони дигари дар атрофи худ бударо таҳлил кунед |
| Қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда | Талабот нисбат ба чунин сифатҳои кормандон, ба монанди қобилияти дар бозори кор фаъол мондан ва назорати доимии сатҳи талаботи онҳо зиёд мешавад |
| Форматҳои шуғл | Дар шароити рақамисозӣ, масалан, фрилансинг, шуғли фосилавӣ, шуғли лоиҳавӣ фаъолона инкишоф меёбад |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ ва захираҳои интернетӣ.

Яке аз усулҳои арзёбии захираҳои корӣ дар шароити рақамисозӣ таҳлили маълумоти умумӣ ба ҳисоб меравад, ки дар худ «ҷамъоварӣ ва

таҳлили миқдори зиёди иттилоот дар бораи фаъолияти корӣ, аз ҷумла маълумот аз низоми идоракунии кадрҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои ҷустуҷӯйии кор ва дигар манбаъҳоро дар бар мегирад. Таҳлили маълумоти умумӣ имкон медиҳад, ки тамоюлҳоро муайян карда, талабот ба малака ва тахассусҳои муайянро пешбинӣ намоем ва самаранокии шаклҳои гуногуни шуғлро арзёбӣ кунем.

Усули зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки бо истифодаи алгоритмҳои омӯзишӣ барои автоматикунонии корҳои муқаррарӣ, фардикунонии омӯзиш ва рушди кормандон, пешбинии хатарҳои аз кор озод кардан ва оптимизатсияи равандҳои коргарони кироя ба роҳ монда шавад.




**Расми 1. Усулҳои асосии арзёбии захираҳои корӣ дар шароити рақамисозӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси захираҳои интернетӣ.

Усулҳои таҳқиқоти сотсиологӣ тавассути таҳияи саволномаҳо, мусоҳибаҳо, гурӯҳҳои фокусӣ барои омӯзиши муносибати кормандон ба рақамисозӣ, арзёбии салоҳиятҳои рақамии онҳо, муайян кардани мушкилот ва ниёзҳои омӯзиш амалӣ мегардад.

Усулҳои иқтисодӣ ва риёзӣ (математикӣ) бошад, имкон медиҳад, ки тавассути моделсозии равандҳои меҳнат, арзёбии таъсири рақамӣ ба ҳосилнокии кор, шуғл ва музди меҳнат ба ҳолати мавҷудаи захираҳои корӣ

баҳо дода шавад.

Усули таҳлили изи рақамӣ имкон медиҳад, ки омӯзиши маълумоти дар муҳити рақамӣ гузоштаи кормандон (масалан, фаъолият дар шабакаҳои иҷтимоӣ, боздид аз вебсайтҳо, истифодаи воситаҳои онлайн) барои арзёбии малакаҳои касбӣ, малакаҳои муошират ва ҷалби онҳо дар раванди кор истифода шаванд.

Усулҳои таҳлили иқтисодӣ барои ҳисобкунӣ ва усулҳои конструктивӣ, оморӣ ва иқтисодӣ, тавозунӣ, арзёбии таъсири рақамӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодии марбут ба захираҳои корӣ истифода мешаванд. Усулҳои арзёбии салоҳиятҳои рақамӣ тавассути таҳияи тестҳо, парвандаҳо, супоришҳои амалӣ барои арзёбии сатҳи малакаҳои рақамии кормандон ва довталабон баҳо медиҳанд.

Дар амалия усулҳои арзёбии захираҳои корӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бо роҳи гузаронидани санҷиш ва арзёбии малакаҳои кормандон бо истифода аз платформаҳои онлайн ва абзорҳои дар асоси AI таҳияшуда истифода мешаванд. Пешгӯйии эҳтиёҷоти қувваи корӣ тавассути таҳлили маълумоти умумӣ доир ба ҷойҳои холӣ, малака ва тахассус барои пешбинии талабот ба мутахассисон дар соҳаҳои гуногун амалӣ мегардад.

Рушди роҳҳои омӯзиши инфиродӣ бо роҳи истифодаи айти-технология барои эҷоди барномаҳои таълимии фардӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои асосии рақамӣ нигаронида шудаанд.

Автоматикунонии вазифаҳои муқаррарӣ бо роҳи татбиқи системаҳои роботӣ барои автоматикунонии равандҳои коркарди иттилоот, идоракунии санадҳо ва дигар амалиёт истифода бурда мешаванд. Пажуҳишгар О. Морозов чунин мешуморад, ки «ташкили салоҳиятноки кори самараноки хадамоти кадрҳо на танҳо имкон медиҳад, ки тадбирҳои ҷустуҷӯ, ба кор қабул, ротатсия, баҳодиҳии соҳибкорӣ ва аз вазифа озод кардани кормандон ҳангоми нигоҳдорӣ, таҳким ва рушди иқтидори кадрии ширкат амалӣ карда шавад, балки хатари ба миён омадани баҳсҳои меҳнатӣ ва шикояти кормандон ба мақомоти танзимкунандаи давлатӣ ва то ҳадди имкон кам кардани талафоти молиявӣ аз рӯйи қонуншикании ҷарима ба шахсони маъмурӣ мусоидат мекунад. Фаҳмидани мураккабии дарки кадрҳо ҳамчун захира муносибати махсусро ба идоракунии он тақозо мекунад, ки он на танҳо усулҳои ҳавасмандгардонии баланд бардоштани самаранокии меҳнатро дар бар мегирад, ки усулҳои асосии онҳо бояд мукофотпулӣ, таъриф, дурнамои касб, муҳити бароҳат ва бисёр дигарҳо эътироф карда шаванд, балки баҳодиҳии самаранокии он ва чунин корҳо бояд мунтазам анҷом дода шаванд.

Дар ташкили системаи идоракунии самараноки ин манбаъ чунин фаҳмиш вуҷуд дорад, ки хатоҳо дар баҳисобгирии кадрҳо ва ҷаримаҳо бо айби мутахассисони кадрҳо мебошанд, аз ин рӯ, мутахассисони кадрҳо бояд

мунтазам ва саривақт дар бораи сатҳи тахассус, сифатҳои касбӣ ва шахсии кормандони ба кор қабулшуда, мавҷудияти ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи онҳо маълумоти объективӣ гиранд. Баҳодиҳии кадрҳо, пеш аз ҳама, таҳлили фаъолияти касбии кормандон мебошад. Меъёрҳои баҳодиҳии кадрҳо нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бояд хусусияти инфиродӣ дошта бошанд, масалан, маҳорати касбӣ тавассути санҷиш, имтиҳон ё баҳодиҳии экспертӣ ва маҳорати шахсӣ–тавассути санҷиш, пурсиш ва ғайра арзёбӣ карда мешаванд. Дар байни усулҳои гуногуни баҳодиҳии кадрҳо усулҳои баҳодиҳии салоҳияти кормандон бештар истифода мешаванд, ки амалӣ намудани чораҳои зеринро тақозо менамояд:

1. Муайян намудани шумораи ҷойҳои холӣ.

2. Интихоб ва омӯзиши кадрҳо ва аз вазифа озод кардани шахсони тасодуфӣ.

3. Коҳиш додани масрафи тарбияи кадрҳо, таҳияи низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти кадрҳо.

4. Ташкили низоми самараноки ҳавасмандӣ ва мукофотии кадрҳо ва низоми захираҳои кадрӣ.

5. Коҳиш додани ҷойивазкунии кадрҳо тавассути беҳтар намудани шароити меҳнат.

Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ шаклҳои гуногуни баҳодиҳии фаъолияти кадрҳо истифода бурда мешаванд. Ба назари муҳаққиқ О. Морозов дар ин маврид метавон чунин усулҳоро истифода бурд:

– аттестатсия мунтазам (соле 1-3 маротиба) гузаронида, меъёри касбии ҳар як вазифа асоси меъёри баҳодиҳӣ гирифта мешавад.

– санҷиш ва мусоҳиба бо арзёбии хусусиятҳои шахсии кормандон, сифатҳои касбӣ, дониш ва малакаҳои амалии онҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои корӣ.

– арзёбии экспертӣ метавонад берунӣ ва дохилӣ бошад, ки бо ҷалби ҳам мутахассисони худи ташкилот ва ҳам нозирони тарафи сеюм, равоншиносон ва коршиносон.

– арзёбии нишондиҳандаҳои асосии фаъолият аз рӯйи низоми KR1 барои таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи фаъолияти кормандон дар асоси ҳадафҳои ҷорӣ ва стратегии ширкат замина фароҳам меорад.

Агар менеҷер арзёбии дохилии тахассусии кадрҳоро аз ҷониби мутахассисони ташкилоти худ бесамар ҳисобад, пас вазифаи гузаронидани аудити кадрҳо метавонад ба як ширкати махсусгардонидашуда вогузор карда шавад [7]. Ин ташкилотҳоро аутсорсинг меноманд, ки ба ҷойи мустақилона иҷро кардани ҳама вазифаҳо, ширкат иҷрои онҳоро ба ташкилоти махсуси беруна месупорад [4].

Ҷанбаҳои мусбати аутсорсинг инҳоянд:

–сарфаи вақти роҳбар барои таҳияи системаи усулҳои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи кормандон;

–кам кардани эҳтимолияти хатоҳо бо баланд бардоштани саҳеҳии баҳодиҳӣ ва кам кардани хатарҳои ғаразнокӣ.

Ҳангоми ҷалби ташкилотҳои тарафи сеюм дар асоси аутсорсинг нуктаҳои зеринро манфӣ ҳисобидан мумкин аст:

– хавфи тавсифи нодурусти сифатҳои шахсӣ аз сабаби шиносоӣ надоштан бо ҳайати кормандон ва надоштани маълумот дар бораи нишондиҳандаҳои фаъолият ва дастовардҳои онҳо;

–набудани таҷриба ва коркардҳои методии дохилихоҷагӣ дар арзёбии тахассуси кормандони ташкилот.

Қобилияти баҳодиҳии дақиқи кор, инъикоси маҳсулнокии кормандон ва саривақт ҳалли мушкилоти давра ба давра ба миён меоянд, кадрҳо тавассути барномаҳои автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин карда мешаванд, ки воқеан, метавонанд раванди чунин арзёбӣро оптимизатсия кунанд ва ба ин васила ин корро барои менеҷер сода намоянд» [7].

Дар амалия барномаҳои гуногуни баҳои фаъолияти кормандон истифода мешаванд, ки дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.**

**Барномаҳо ва моҳияти онҳо дар баҳои фаъолияти кормандон [7]**

| № т/т | Номи барнома | Вазифаҳои барнома |
|---|---|---|
| 1 | Calltrackira.ru | Системаи таҳлили ниҳоӣ, қобилияти баҳодиҳии маркетинг ва фурӯш дар ширкат дар асоси даҳҳо нишондиҳандаҳо |
| 2 | StaffCop | Баҳисобгирии маҳсулнокӣ дар асоси фаъолияти кормандон |
| 3 | Лоиҳаи CMA | Идоракунии ҳамаҷонибаи фаъолияти кормандон вобаста ба татбиқи лоиҳаҳо ва вазифаҳо, музди кор бо KR1 |
| 4 | TaroControl | Баҳисобгирии кадрҳои кормандон, банақшагирии ҷадвали корӣ, ҳисоб кардани маош аз рӯйи параметрҳои муайяншуда |
| 5 | Hiohper | автоматизатсияи KR1, пайвастшавӣ бо ҳадафҳо ва назорати иҷро |
| 6 | SAP SuccessFactors | Ҳисобкунии пардохтҳо, идоракунии вақт ва иҷрои кор, интихоб ва мутобиқсозӣ, банақшагирии захираҳо, таҳлил |
| 7 | Proaction.PRO | Таҳлили фаъолияти кормандон ва салоҳиятҳо, арзёбӣ ва ҳисобкунии KR1 |
| 8 | KPI Monitor | модули арзёбии дараҷаи 360, матритсаи иҷрои кормандон |
| 9 | StaffCounter | Нигоҳ доштани журнали фаъолияти кормандон, ҳисоб кардани ҳосилнокӣ |
| 10 | Insider RF | Мониторинги вақт ва иҷрои вазифаҳои кормандони статсионарӣ ва мобилӣ |

«Дар тули чанд сол бисёр ширкатҳо баҳодиҳии рақамии кадрҳоро бо истифода аз системаи баҳодиҳии малака ва салоҳиятҳои зарурии номзадҳо дар марҳалаи интихоби кормандони нав бо хулосаҳо дар бораи зарфияти ҳар як довталаб ва канорагирӣ аз ҷалби номатлуб дар натиҷаи ин рақамикунонӣ

анҷом медиҳанд. Ин равиш ба абзорҳои интихоби кадрҳои рақамӣ доираи ҷустуҷӯйи довталабонро бо интихоби кормандони соҳибихтисос бо зарфияти баланд васеъ мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳадафи дарёфти номзадҳо бо дониш ва салоҳиятҳои зарурӣ ва сипас дар ширкат нигоҳ доштани онҳо дар асоси фаҳмиши ҳавасмандии онҳо барои ҳамкориҳои минбаъда амалӣ мегардад. Худи номзадҳо бартарӣ медиҳанд, ки бо ширкатҳое кор кунанд, ки ҳама чиз автоматӣ шудааст, то аз мусоҳибаҳои сершумор барои ҷойҳои холии пешниҳодшуда канорагирӣ ва зудтар гирифтани пешниҳоди кор.

Арзёбии кормандон бо истифода аз абзорҳои рақамӣ дар асоси нишондиҳандаҳои ченшавандаи фаъолият (вазифаҳои иҷрошуда, ҳадафҳои бадастомада, натиҷаҳои лоиҳа) ба созмонҳо имкон медиҳад, ки кормандони муассиртаринро муайян кунанд ва нақшаи инфиродии роҳи касбии худро таҳия кунанд.

Инчунин, бояд дар хотир дошт, ки рақамикунонии арзёбии кадрҳо маблағи хеле зиёдро талаб мекунад. Агар роҳбарият истифодаи системаҳои арзёбии рақамиро мувофиқ мешуморад, пас сатҳи хароҷот барои автоматизатсия аз вазифаҳо, қобилиятҳо ва хоҳишҳои арзиши татбиқи технологияҳо, дархост барои роботҳои дарунсохт ва зеҳни сунъӣ, ки маълумот ҷамъоварӣ ва арзёбӣ мекунанд, вобаста аст. Сармоягузорӣ ба маҳсулоти рақамӣ аз сабаби муқовимати кормандоне, ки намехоҳанд пурсишҳо ва санҷишҳои саботажӣ, ҳатто беном, аз тарси риоя накардани шартҳои махфият ва нобоварӣ ба хулосаҳои барномаи провайдерҳои системаи арзёбии рақамӣ, натиҷаро кафолат намедиҳад. Фаҳмидани он, ки ҳама гуна технология мукаммал нест, барои кормандон дарк кардани мусоҳибаҳои видеоие, ки аз ҷониби зеҳни сунъӣ таҳлил карда мешавад, душвор аст, ки онҳо на ҳамеша малакаҳои нарми кормандонро ба таври кофӣ арзёбӣ мекунанд, ки одамон ҳангоми омӯзиш бо моделиронии ҳолатҳои гуногун самараноктар арзёбӣ мекунанд. Қарорҳое, ки барои сарфаи маблағ ба амал бароварда мешаванд, чандирии ба назар гирифтани хусусиятҳои интихоб ва баҳодиҳии кадрҳоро дар соҳаҳои гуногуни саноат надоранд. Тағйир додани низомҳои рақамӣ ба вижагиҳои тиҷорати мушаххас ба сармоягузории назарраси иловагӣ таҳдид мекунад ва бисёре аз ширкатҳо имкони пардохти онро надоранд. [6] Биёед, хулоса кунем, ки истифодаи дурусти технологияҳои рақамӣ барои арзёбии кадрҳо дар амал боиси сарфаи назаррас ва натиҷаҳои қаноатбахш дар муқоиса бо баҳодиҳии дастӣ мегардад. Маблағҳое, ки барои рақамикунонии арзёбӣ сармоягузорӣ шудаанд, дар давоми як сол баргардонида мешаванд ва ин аз ҳисоби коҳиши амалиёти муқаррарии мутахассисони кадрҳо кам кардани давомнокии давраи ташхиси кормандон, ташаккули таҳлили IL ва сохтани модели салоҳият ва дар натиҷа, тағйир додани сиёсати кадрӣ ва афзоиши

чандкаратаи даромад ба амал меояд» [7].

Рақамисозӣ тавассути оптимизатсияи равандҳои корӣ имкон медиҳад, ки маълумоти меҳнатӣ барои муайян кардани монеаҳо ва такмили равандҳо бо истифода аз технологияҳои рақамӣ таҳлил карда шавад.

Хулоса, рақамикунонии иқтисодиёт аз муҳаққиқони қувваи корӣ талаб мекунад, ки усулҳои мавҷударо мутобиқ созанд ва усулҳои наверо, ки ба омӯзиш ва идоракунии қувваи корӣ дар муҳити тағйирёбанда нигаронида шудаанд, азхуд намоянд» [4].

Ҳамин тавр, таҳқиқи меъёрҳои баҳодиҳӣ ва усулҳои таҳқиқоти методологии захираҳои корӣ собит намуд, ки чунин хулоса барорем:

1. Меъёр ва усулҳои ягонаи таҳқиқи захираҳои корӣ мавҷуд нест ва онҳо дар давраҳои гуногуни тараққиёт вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда тағйир ёфта, тақозо менамоянд, ки тибқи баҳои фаъолияти меҳнатӣ, ин меъёр ва усулҳои таҳқиқот такмил дода шаванд;

2. Меъёрҳои арзёбии захираҳои корӣ аз меъёрҳои миқдорӣ (андозаи қувваи корӣ, мавҷудияти қувваи корӣ, сохтори қувваи корӣ, нишондиҳандаҳои ҳаракати қувваи корӣ ва меъёрҳои сифатӣ (сатҳи маълумот ва тахассус, вазъияти саломатӣ, маҳорат ва донишҳои касбӣ, ҳавасмандӣ ва қаноатмандии кор, интизоми меҳнат ва ғ.) иборат аст;

3. Нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ аз ҳосилнокии меҳнат, шиддати кор, боздеҳии дороиҳо, музди меҳнат, зариби истифодаи вақти корӣ иборат мебошад;

4. Дар шароити рақамисозӣ меъёрҳои баҳодиҳии захираҳои корӣ тағйир ёфта, дар мадди аввал салоҳиятҳои захираҳои корӣ, маҳорати саводнокии иттилоотӣ, сатҳи зеҳни эмотсионалӣ, қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва шаклҳои шуғл баҳо дода мешаванд;

5. Дар ин давра усулҳои арзёбии захираҳои корӣ низ тағйир ёфтаанд, ки аз таҳлили маълумоти умумӣ, зеҳни сунъӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ, иқтисодӣ ва риёзӣ (математикӣ), таҳлили изи рақамӣ, таҳлили иқтисодӣ, арзёбии салоҳиятҳои рақамӣ ва ғайра иборатанд;

6. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ шаклҳои гуногуни баҳодиҳии фаъолияти кадрҳо истифода мегарданд, ки тавассути аттестатсия мунтазам, санҷиш ва мусоҳиба, арзёбии экспертӣ, арзёбии нишондиҳандаҳои асосии фаъолият баҳо дода мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Азимова, М. Теоретические подходы к исследованию рынка труда / М.Азимова // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. – Душанбе: СИНО, 2015. – №2/2 (161). – С. 278–286;

2. Амонова Д. Проблемы управления условиями и охраной труда в Республике Таджикистан // Рынок труда. Научный журнал ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения, 2015. – №4 (27). – С. 5-11;

3. Ашурова С. О некоторых тенденциях на рынке труда Таджикистана в молодежном срезе // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета, 2012. – №2(37). – С. 127-135.

4. Захираҳои интернетӣ: https://www.google.com/search?q=%D0%A1%D1% 83%D1%89%D0%BD%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C+%D0%BE%D1%86%D0%B5%D0%BD%D0%BA%D0%B8+%D1%82%D1%80%D1%83%D0%B4%D0%BE%D0%B2%D1%8B%D1%85

5. Иванов, И. Человеческий капитал и глобализация / И.А. Иванов // Мировая экономика и международные отношения. – 2004. – №9. – С. 29. Иванов, И.А. Человеческий капитал и глобализация / И.А. Иванов // Мировая экономика и международные отношения. – 2004. – №9. – С. 29.

6. Комилов С. К вопросу о государственном регулировании миграционных процессов. Финансы, учет и аудит: проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 30 апреля 2015. – С. 178.

7. Морозов О. Цифровые технологии оценки персонала. Захираҳои интернетӣ. (Санаи муроҷиат: 7.08.2025) / https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovye-tehnologii-otsenki-personala

8. Муллоев Х. Влияние интенсификации на эффективность молочного скотоводства (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан) / Х. Муллоев. – Душанбе, 2017. – 139 с.

9. Оценивание качества жизни жителей сельской местности / С. Кабиров, К. Баходурова, И. Гулов [и др.] // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – №1-4-2(57). – С. 169-175. – EDN MBCROD.

10. Тоҳирҷонов Б.Т. Асосҳои усулии таҳқиқоти мониторинги захираҳои меҳнатии деҳот / Б.Т. Тоҳирҷонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No.1(30). – P. 243-248. – EDN YGMMCZ.

11. Тохирджонов Б.Т. Совершенствование управления воспроизводством и использованием трудовых ресурсов в сельской местности (на примере Республики Таджикистан). Дисс. на соис.уч.ст.к.э.н. – Душанбе, 2022. – 182 с.

12. Тохирджонов, Б.Т. Методологические подходы к мониторингу и выявлению показателей использования трудовых ресурсов сельской местности в республике Таджикистан / Б.Т. Тохирджонов, И.Х. Гулов // Международные отношения и безопасность. – 2024. – №2(10). – С. 151-158. – EDN KCYMHV.

13. Тохирджонов, Б. Т. Основные понятия и аспекты управления трудовыми ресурсами Республики Таджикистан / Б.Т. Тохирджонов, И.Х. Гулов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. –

2024. – №4-1(54). – EDN TWVMXD.

# КРИТЕРИИ ОЦЕНКИ И МЕТОДИЧЕСКИЕ МЕТОДЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

**ТОХИРЗОДА БЕХРУЗ ТОХИР,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогооблажения Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140,Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67;
тел.: (+992) 902-41-41-41; e-mail: tohirjonov1990@mail.ru

*Статья посвящена анализу теоретических и практических вопросов оценки трудовых ресурсов в условиях цифровой экономики. В рамках исследования рассматриваются основные особенности методологии оценки трудового потенциала и эффективности его использования, определяются количественные и качественные критерии оценки трудовых ресурсов. Автор опирается на анализ взглядов и мнений отечественных и зарубежных учёных по вопросам управления человеческими ресурсами, методов экономических исследований и определения показателей эффективности труда.*

*В статье показано, что в условиях цифровизации экономики возникает необходимость пересмотра традиционных критериев и методов оценки. Автор подчёркивает, что наряду с классическими показателями (численность рабочей силы, её структура, уровень образования и производительность труда) следует учитывать новые критерии, такие как цифровые компетенции, информационная грамотность, способность адаптироваться к изменяющимся условиям и эмоциональный интеллект.*

*В исследовании представлены подробные таблицы и классификации трудовых ресурсов, показано, что их правильная оценка является главным условием повышения производительности труда и устойчивого развития национальной экономики. Результаты статьи могут быть использованы при разработке концепций управления персоналом, стратегии рынка труда и программ обеспечения развития человеческих ресурсов в условиях цифровизации.*

**Ключевые слова:** *трудовые ресурсы, критерии оценки, методические методы, цифровая экономика, производительность труда, цифровые компетенции, человеческие ресурсы.*

# EVALUATION CRITERIA AND METHODOLOGICAL METHODS FOR RESEARCHING LABOR RESOURCES IN THE CONDITIONS OF THE ECONOMIC DIGITALIZATION

**TOHIRZODA BEHRUZ TOHIR**,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Tax and Taxation at Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav
735140, Tajikistan, Bokhtar city, Ayni str. 67;
tel.: (+992) 902-41-41-41; e-mail: tohirjonov1990@mail.ru

*This article analyzes theoretical and practical aspects of labor resource assessment in the digital economy. The study examines the key features of labor potential assessment methodology and its effective utilization, defining quantitative and qualitative criteria for labor resource assessment. The author draws on an analysis of the views and opinions of domestic and international scholars on human resource management, economic research methods, and the definition of labor performance indicators.*

*The article demonstrates that the digitalization of the economy necessitates a revision of traditional assessment criteria and methods. The author emphasizes that, in addition to classic indicators (labor force size, structure, education level, and labor productivity), new criteria such as digital competencies, information literacy, adaptability to changing conditions, and emotional intelligence should be considered.*

*The study presents detailed tables and classifications of labor resources, demonstrating that their accurate assessment is key to increasing labor productivity and sustainable development of the national economy. The article's findings can be used in developing HR management concepts, labor market strategies, and programs for ensuring human resource development in the context of digitalization.*

***Keywords:*** *labor resources, evaluation criteria, methodological methods, digital economy, labor productivity, digital competencies, human resources.*

УДК: 305.42:336.7

# МАҚОМУ МАНЗАЛАТИ БОНУВОН ВА САҲМИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НИЗОМИ БОНКӢ

**АМОНОВА ДИЛОРОМ АБДУВОҲИДОВНА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия
ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 985-39-99-99; e-mail: damonova-2020@mail.ru.

*Нақши бонувону занон дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад. Воқеан ҳам, имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону духтарони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд.*

*Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии занон ва таҳкими мақоми онҳо тамоми тадбирҳои имконпазирро андешида, мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ба масъалаи занону бонувон, ҳамчун неруи тавоно ва пешбарандаи ҷомеа аҳаммияти махсус зоҳир карда, саҳми бонувони соҳибфазилату соҳибҳунари тоҷикро дар рушди устувори миллӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи бонувон дар кору фаъолияти ҷомеа сол то сол зиёд гардида истодааст, махсусан, шумораи хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда зиёда аз 20%-ро ташкил медиҳад. Инчунин, занон дар соҳаи маориф зиёда аз 73%, тандурустӣ 71%, фарҳанг 47%, бонкдорӣ 39%, алоқа 25%, аз ҷумла дар соҳаи хизматчиёни иттилоотӣ қариб 40% мебошад [6].*

*Шуғли бонувони тоҷик дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар рушд ёфта истодааст, вале то ҳол захираи ҷалби занони кишвар ба вазифаҳои мақомоти давлатӣ, идоракунии ҳокимияти давлатии марказию маҳалӣ ва вазифаҳои идоракунии мақомоти ғайридавлатӣ хеле зиёд мебошад.*

*Ба ақидаи мо, чӣ қадар шумораи бонувони тоҷик дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунандаи ҷомеа зиёд гарданд, ҳамон андоза ҷомеа бурд хоҳад кард, яъне дар кунҷое, ки шумораи занону духтарон дар фаъолияти кору идоракунии соҳаҳои иқтисодиёт зиёд бошанд, дар он ҷо сатҳи қонуншиканӣ ва унсурҳои коррупсионӣ хеле кам ба назар мерасад, сатҳи тарбия, риояи қонуну қоидаҳои давлатӣ ва ҷомеа хеле хуб ба роҳ монда мешавад. Вале то ҳол ин масъала дар бисёр соҳаҳои иқтисодиёт бо пуррагӣ ҳалу фасли худро наёфтааст.*

*Бинобар ин, мақолаи мазкур барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта доир ба мақому манзалати занону духтарон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар бахшида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *занон, бонувон, рушд, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, пешбаранда, ҷомеа, квота, бонк, ташкилот, соҳибкорӣ, роҳбар, таълим, тарбия,*

*масъулият, қарз.*

Мусаллам аст, ки занону духтарон ба монанди ҷавонмардон ҳиссаи худро дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар гузошта истодаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки хушбахтона, дар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳу эътибори хоссаро нисбат ба бонувони кишвар беш аз беш эҳё менамоянд. Бинобар ин, дар давраи соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат вобаста ба ҳифзу ҳуқуқҳои конститутсионии занон ва таҳкими мақоми онҳо тамоми тадбирҳои имконпазирро андешида, тибқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд дунявӣ ва ягона ба масъалаи занону бонувон, ҳамчун неруи тавоно ва пешбарандаи ҷомеа аҳаммияти махсус зоҳир намуда, саҳми бонувони соҳибфазилату соҳибҳунари тоҷикро дар рушду устувори иқтисоди миллӣ муҳим арзёбӣ менамояд.

Имрӯзҳо нақши бонувону занони кишвар дар рушди иқтисоди миллӣ назаррас мебошанд, чунки воқеан ҳам, дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд. Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои сиёсати давлатӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, махсусан, дар низоми бонкӣ, дар истеҳсолот, фаъолиятӣ соҳибкорӣ ва ғайра софдилона содиқона заҳмат кашида истодаанд, яъне дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар вазифаву мақомоти давлатию ғайридавлатӣ содиқона хизмат карда истодаанд, ки он боиси рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар хоҳад гашт. Чи тавре дар боло зикр гардид, дар айни замон дар соҳаи иқтисодиёти кишвар дар мансабҳои гуногун бомуваффақият кору фаъолият карда истодаанд. Ба ин мисол шуда метавонад, бонуи ботадбиру хирадманди миллати тоҷик Озода Раҳмон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллимаи гиромиқадр дар баланд бардоштани мақому манзалати занону духтарони тоҷик дар арсаи байналмиллалӣ саҳми беназир доранд.

Бояд қайд кард, ки бо шарофати ин сарвариҳо ва пуштибонӣ мақому манзалати занону бонувон рӯз то рӯз боло меравад. Инчунин, ҳамин гуна бонувони тоҷик дар Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Раиси Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон, доктори имҳои иқтисодӣ мебошад, ки на танҳо барои баланд бардоштани мақому манзилати зани тоҷик дар Бонки миллии Тоҷикистон ва кишвар, инчунин, омода кардани кадрҳои соҳаи иқтисодӣ саҳми арзандаи худро мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки бонувон дар соҳаи соҳибкорӣ имрӯзҳо нақши арзанда доранд. Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба зану бонувон пешниҳодшуда 12,4 миллиард сомониро ташкил дод, ки ин миқдор, бо ақидаи мо, нисбатан кам мебошад ва бояд давра ба давра зиёд гардад (хуб мешуд, ки

қарзҳои имтиёзнок зиёд мегардид) [5:53].

Ҳамин тавр, бояд гуфт, ки мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан, боло рафтааст. Бинобар ин, дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (28.12. 2024) бо таваҷҷуҳ ба масъалаи дастгирии занон ва баланд бардоштани мавқеи боувон дар ҷомеа иброз доштанд, ки занону духтарон дар ҷомеаи имрӯзаи мо нақши фаъол дошта, дар аксар соҳаҳо, бахусус дар бахшҳои иҷтимоӣ, бештар кору фаъолият менамоянд. Ҳоло дар кишвар 25%-и хизматчиёни давлатӣ, 73%-и кормандони соҳаи маориф, 71%-и кормандони тиб, 47%-и кормандони соҳаи фарҳанг, 37%-и олимон ва 30%-и соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд [4:7]. Дар соҳаи бонкдорӣ 39%, соҳаи алоқа 25%, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40%, мебошанд [6:52].

Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама вақт ба зан-модар диққати махсус зоҳир менамояд, чунки дар фарҳангу тамадуни мо, тоҷикон, иззату эҳтироми хосса ба онҳо дар ҷойи аввал қарор дорад. Имрӯз беш аз 110 ҳазор занони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ки онҳо дар қатори мардҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ҳиссаи арзандаи худро гузошта истодаанд. Махсусан, дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 280 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм карданд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд, қисми зиёди онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар кору фаъолият намуда истодаанд [4:23].

Бо мақсади дар ҷойҳо ва минтақаҳои дурдасти кишвар масъалаи таъмин намудани онҳо бо кадрҳои баланд ихтисос, ки ин масъала вазифаи аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар амалӣ гаштани он диққати аввалиндараҷа зоҳир менамоянд, ки ба ин квотаи президентӣ мисол шуда метавонад.

Аз оғози ҷорӣ гардидани квотаи президентӣ, яъне дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд. Инчунин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилотӣ олии кишварҳои хориҷиро хатм карда, соҳиби маълумот шудаанд. Инчунин, дар айни замон аз 214 ҳазор нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, 90 ҳазор нафар ё 42 дарсадашонро духтарон ташкил медиҳанд, ки онҳо дар оянда ҳамчун мутахассису коршинос ва роҳбар дар самтҳои гуногуни кишвар хизмати шоистаро анҷом хоҳанд дод [4:23].

Махсусан, қайд кардан бамаврид аст, ки таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ, ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар таъсири назаррас расонида истодаанд.

Барои баланд бардоштани мақому манзалати занону духтарон дар ҷомеа, муаррифии ҳунару касби бонувони тоҷик, маҳорату малакаи санъату ҳунарҳои

мардумии миллӣ, пос доштани анъанаҳои неки ниёгон ва фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик, бо шарофати ваҳдату истиқлоли мамлакат бо дастгириҳо ва ташаббусҳои пайвастаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола озмуну ҷашнвораҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир мешаванд, ки ҳадафи онҳо, пеш аз ҳама, муарифии мақому манзалати бонувон дар ҷомеа мебошад. Яке аз ҳамин гуна тадбиру чорабиниҳо Ҷашнвораи ҷумҳуриявии “Сад ранги чакан”, ки 6 майи соли 2023 бо ташаббуси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, мисол шуда метавонад.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон ба масъалаи рушди касбӣ ва ба вазифаҳои роҳбарӣ пешбарӣ кардани занону духтарон диққати махсус дода мешавад. Инак, дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон аз шумораи умумии воқеии кормандон дар ин давра аз 735 нафар 244 нафар ё 33,2%-ро занон ва дар дастгоҳи марказӣ аз 454 нафар 147 нафар ё 32,4%-ро занон ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 26 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият менамоянд [5:53].

Ба ақидаи мо, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон барои бонувону занони кормандони бонк шароити хубӣ истеҳсолию илмӣ ба миён оварда, дар баробари баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ савияи илми онҳо баланд гардида, сифати кору фаъолиятияташон онҳо боло рафта, обрӯю эътибори Бонки миллии Тоҷикистонро боз ҳам дар миқёси ҷаҳон боло хоҳад шуд.

Бо дарназардошти фаъолияти пурсамар, саҳми арзанда дар рушди инкишофи низоми бонкӣ, рафтори намунавӣ ва меҳнати пурсамар ва садоқатмандона ба муносибати 31-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 нафар зан мукофотҳои соҳавӣ дода шуд. Инчунин, бо фармонҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд нафар занону духтарон бо медали ҷашнии “20 солагии Созмони Ҳамкории Шанхай ” сарфароз гардонида шуданд [5:54].

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар амалӣ гаштани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”, Бонки миллии Тоҷикистон пешсаф мебошад ва барои амалии он чорабиниҳои зиёдеро амалӣ намудаанд, ки яке аз онҳо таъсиси Шурои бонувон мебошад, ки он бо мақсади дастгирии занону духтарони низоми бонкии кишвар мебошад. Мақсади ташкили Шурои мазкур, ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои бонувон ва оила, ба даст овардани баробарии гендерӣ, васеъ намудани доираи иштироки бонувон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо, зиёд кардани шумораи мутахассисони касбӣ ва роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарон– кормандони соҳаи низоми бонкӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон бо тариқи

доимӣ амал карда истодааст, ки он мувофиқи нақша-чорабиниҳо доир ба беҳтар кардани вазъи иҷтимоию фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишу фарҳанги молиявии онҳо ба таври мунтазам кору фаолият менамоянд ва тадбирҳои зарурӣ меандешанд ва амалӣ менамоянд.

Воқеан ҳам, ширкати бонувон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоию иқтисодии кишвар сол аз сол зиёд гардида истодааст, ки фаъолияти онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа, дар мансабҳои давлативу сиёсӣ ва идоракунии соҳаҳо ва минтақаву маҳалҳои ҷумҳурӣ дар баробари мардҳои кишвар ширкат варзида, вазифаҳои худро бо масъулияти баланд иҷро намуда истодаанд.

Ҳамин тавр, аз ҷониби низоми бонкӣ, махсусан Бонки миллии Тоҷикистон, баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди иқтисод ва пешрафти соҳаи бонкдорӣ тадбирҳо амалӣ гардида истодаанд, ки дар иҷрои онҳо саҳм ва нақши занону духтарони кишвар назаррас ва бориз мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолии давлат шароити роҳбарӣ барои бонувону занони кишвар васеъ гардида, рушд ёфт, яъне дар ин давра даҳҳо нафар бонувони тоҷик дар мансабҳои гуногуни роҳбарикунандаи давлатӣ, аз ҷумла вазир, муовини вазир, муовини сарвазир ва даҳҳо дигар дар вазифаҳои роҳбарикунандаи шаҳру ноҳияҳо кору фаъолият намуда истодаанд. Ба ақидаи мо, зиёд шудани шумораи роҳбарикунандаи давлатӣ аз ҳисоби бонувони тоҷик ба мақсад мувофиқ мебошад, чунки Зан–Модар дар кадом соҳа, дар кадом мансаб ва идоракунии давлатӣ кору фаъолият кунад, онҳо вазифаю уҳдадориҳои худро аз рӯйи виҷдон, риояи қатъии қонунгузории ҷумҳурӣ, ҳазар аз амалиёти коррупсионӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ иҷро менамояд. Бинобар ин, дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ғайридавлатӣ шумораи бонувону занҳо зиёд бошанд, на фақат соҳаҳои иқтисодии кишвар, балки ҷомеа бурд хоҳад кард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бонувони Бонки миллии Тоҷикистон дар Барномаи муштараки Бонки Ҷаҳонӣ дар якҷоягӣ бо Иттиҳоди фарогирии молиявӣ ва Мактаби тиҷоратии Донишгоҳи Оксфорд, ки барои занон пешбинӣ шудааст, муддати шаш моҳ тариқи онлайн–сессия бомувафаққият таҳсил намуда, соҳиби сертификати байналмиллалӣ гардиданд.

Бо дарназардошти фаъолияти пурсамар, саҳми арзанда дар рушди такмили низоми бонкӣ ба муносибати Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 нафар занон мукофотҳои соҳавӣ ва бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд нафар занон бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардида шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки ба шарофати Ваҳдату Истиқлоли кишвар дар фазои тантанаи сулҳу созандагӣ бо дастгириҳо ва ташаббусҳои пайвастаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола озмуну ҷашнвораҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир мешаванд, ки ҳадафи онҳо, пеш аз ҳама

муарифии мақому манзалати занон дар ҷомеаи демократу ҳукмбунёди Тоҷикистон мебошад [6:46].

Имрӯзҳо ширкати бонувон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар далели раднопазири тадбиқи рукнҳои ҷомеаи демократии мамлакат мебошад. Зан дар айни замон дар баробари иштирок дар ҳалли масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, инчунин, дар татбиқи сиёсати гендерӣ низ пешсафу фаъол мебошанд.

Бонувон дар баробари ширкат варзидан дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии кишвар, инчунин, дар амалишавии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои духтарон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар танзиму расму ойин ва анъанаву маросимҳои миллӣ саҳми арзанда доранд.

Занону духтарони Тоҷикистон дар баробари ширкат дар рушди фаъолияти корҳои ҷамъиятиву истеҳсолӣ, сиёсию иқтисодӣ инчунин, дар масъалаи таълиму тарбияи хонавода нақши хосса доранд. Вале то ҳол дар баъзе минтақаю ноҳияҳо ва деҳоти кишвар, бо сабаби дар сатҳи паст қарор доштани саводнокию маърифатнокии занон-модарон, дар оилаю ҷомеаи кишвар сатҳи таълиму тарбия дар сатҳи паст қарор дорад, Масалан, аз тарафи баъзе падару модарон монеа доир ба ҷалб намудани духтарон барои касбомӯзӣ, давом додани таҳсил баъди синфи 9-ум ва 11-ум дар мактабҳои касбомӯзӣ, олӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ ҷой дорад, ки барои ҳаёти ояндаи касбию маърифатнокии онҳо халал мерасонанд. Бинобар ин, ба фикри мо иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба такмили низоми таълим, ки фаро гирифтани маълумоти миёнаи пурра барои ҳар як фард хатми синфи 11 ҳатмӣ мебошад, саривақтӣ ва самарабахш буда, барои тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва маърифатнокии занону духтарон мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти роҳбарони вазорату идораҳо, махсусан, Бонки миллии Тоҷикистон, баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди иқтисод ва пешрафти соҳаи бонкдорӣ тадбирҳо амалӣ менамоянд, ки дар иҷрои онҳо саҳми бонувони кишвар хеле назаррас мебошад. Ин иқдом дар навбати худ ба вусъат бахшидани фаъолияти низоми бонкӣ ва рушд ёфтани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявию бонкӣ мусоидат менамояд.

Махсусан, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари масъалаҳои асосии низоми бонкӣ, ба масъалаи ҷалби бештари бонувон ба кор дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир менамояд, яъне сафи бонувон дар низоми бонкӣ сол то сол тамоюли афзоиш дорад. Агар дар соли 2022 аз шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 6952 нафарро (ё

39,2%) бонувон ташкил дода бошанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 513 нафар зиёд мебошад. Аз теъдоди умумии бонувони дар низом фаъолияткунанда 475 нафар ба бахши роҳбарикунанда рост меоянд (18,8%-и шумораи умумии вазифаҳои роҳбарикунанда дар низоми бонкӣ) нисбат ба соли гузашта раванди афзоиш дорад [5:56].

Бо баробари зиёд намудани теъдоди бонувон дар вазифаҳои сохторҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, махсусан, дар низоми бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар барои зиёд намудани шумораи бонувон дар низом андешидани тадбирҳои заруриро идома дода истодаанд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои вусъат додани фаъолияти соҳибкорӣ, тақвият бахшидани рушди соҳаҳои гуногуни саноат, кишоварзӣ, рушди деҳот, соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо роҳи пешниҳод намудани маблағгузории қарзӣ талош менамояд. Чунки маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ баҳри дастгирии занону бонувони соҳибкор ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар саҳми худро хоҳад гузошт. Инчунин, занону духтарон дар баробари мардон муваззаф мебошанд, ки фарзандони хешро дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию заҳматписандӣ тарбия намоянд. Зеро танҳо модарон метавонанд дар замири фарзанд меҳру муҳаббати Ватанро парварида, фарзанди нексиришту некномро барои хизмати Ватан, ободию пешрафти ҷомеа тарбия намоянд, то ки пояҳои истиқлолу озодии кишвар боз ҳам рушду устувор гарданд.

Вазифаи ҳар як зан барои таҳким бахшидани дастовардҳои бузурги милливу давлатӣ, ояндаи дурахшони ватанамонро бо заҳмати ҳалолу содиқона ва кору фаъолияти хеш таъмин намудан ва дар амалишавии барномаҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон, танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи худро гузошта, барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва бунёдкрона мебошад.

Ҳамин тавр бояд гуфт, ки бо баробари муваффақиятҳои назарраси бонувони кишвар, ки қисман дар боло ишора шуд, инчунин, дар фаъолияти зан-модари кишварамон баъзе муамоҳои ҳалталаб низ ҷой дорад, ки онро бояд ҳалу фасл намуд, ки он аз манфиати ҷомеа холӣ нест. Аз ҷумла:

1. То ҳол дар бисёр ташкилоту муассисаҳо, идораҳою вазоратҳо, инчунин, дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар шумораи бонувон дар вазифаҳои идоракунии мақомоти давлатию ғайридавлатӣ нисбатан кам ба чашм мерасад.

2. Паст будани сатҳи донишу малакаҳои касбии бонувон. Бояд аз тарафи роҳбарони ташкилоту идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба ин масъала диққати махсус зоир намоянд, то ки сатҳи дониши касбӣ, саводнокӣ ва маърифати онҳо ба талаботи давру замон ҷавобгӯй бошад.

3. Сатҳи таълими тарбияи фарзандонро аз тарафаи модарон дар оилаҳо бояд баланд бардоштан лозим аст.

4. Аз ҷониби роҳбарони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, идораҳою вазоратҳо ва ғайра курсҳои кӯтоҳмуддат доир ба такмили сатҳи саводнокӣ, махсусан, саводнокии молиявии бонувони кишвар ташкил бояд намуд.

5. Занону духтаронро ба вазифаҳои идоракунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз поён то боло ва инчунин, дар соҳаҳои гуногуни кишвар ҷалб намудан лозим аст.

Ҳамаи ин тадбирҳо барои боз ҳам баланд гардидан мақоми занону духтарон дар ҷомеаи Тоҷикистон мусоид хоҳад кард.

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи фаъолияти бонкӣ аз 19 майи соли 2019. –Душанбе, 2019. –С. 45-48;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 20 июни соли 2024, №2048 саҳ. 33-39;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти таълиму тарбияи кӯдакон”, аз 19 июни соли 2024, №500. – С.50-58;

4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2024. –С. 22-23;

5. Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон–“Ҷаҳонишавӣ, тараққиёт, бонкдорӣ”, №1, аз январ-марти соли 2023. –С. 52-53, –100 с;

6. “Ахбори суди конститутсионии ҶТ”. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ, № 1 (57), 2023.–С.23

7. Ҳикматов У. Саводнокии молиявӣ / Васоити таълимӣ. –Душанбе, 2021, №2, апрел-июни 2023. –С. 46, –101с;

8. Амонова Д. Асосҳои сиёсати молиявию қарзӣ / Васоити таълимӣ, Душанбе, 2024, №01, аз 26. 09. 2024. –С. 56-72, 312;

9. “Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт барои давраи то соли 2030”, –С. 97;

10. Ҳикматов С. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар / С. Ҳикматов, Маҳмадризоиён С. –С.107-114 /Паёми ДМТ, 2022, №4, –С. 57;

11. Ҳикматов С. Амонова Д. Нақши стратегияи миллии фарогирии милиявӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат. Паёми ДМТ, 2022, №4, –С. 50;

# ПОЛОЖЕНИЕ ЖЕНЩИН И ИХ РОЛЬ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

**АМОНОВА ДИЛОРОМ АБДУВОХИДОВНА,**
кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности Национального университета Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел: (+992) 985-39-99-99; e-mail: damonova-2020@mail.ru.

*Роль женщин в построении демократического и светского общества огромна. Действительно, сегодня в стране нет ни одной сферы, в которой бы таджикские женщины не принимали активного участия.*

*Стоит отметить, что в период независимости страны Правительство Республики Таджикистан приняло все необходимые меры по защите конституционных прав женщин и укреплению их статуса, в соответствии с нормами демократического общества, законное, светское и единое правительство уделяет особое внимание вопросу женщин как мощной и движущей силы общества и ценит важный вклад добродетельных и талантливых таджикских женщин в устойчивое национальное развитие.*

*Анализ показывает, что число женщин в общественной жизни увеличивается с каждым годом. В частности, число государственных служащих, включая управленческий персонал, составляет более 20%. Также женщины в сфере образования составляют более 73%, здравоохранения 71%, культуры 47%, банковского дела 39%, связи 25% и в том числе почти 40% в сфере информационных технологий. [6]*

*Таким образом, следует отметить, что занятость таджикских женщин растет в различных отраслях экономики страны, однако еще имеется большой резерв для привлечения женщин на должности в государственных органах, органах центрального и местного государственного управления, на руководящие должности в неправительственных организациях.*

*По нашему мнению, чем больше таджикских женщин будет на различных руководящих должностях в обществе, тем больше общество выиграет. То есть, там, где больше женщин-матерей в работе и управлении экономическими секторами, Там уровень беззакония и коррупции очень низок, а уровень образования и соблюдения государственных и социальных законов и правил очень высок. Однако во многих секторах экономики эта проблема до сих пор не решена полностью.*

*Поэтому данная статья посвящена устранению существующих недостатков в статусе и положении женщин и повышению их роли в социально-экономическом развитии страны.*

***Ключевые слова:*** *женщины, развитие, социальный, экономический, лидерство, общество, квота, банк, организация, предпринимательство, лидер,*

*образование, воспитание, ответственность, долг.*

## THE STATUS OF WOMEN AND THEIR ROLE IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**AMONOVA DILOROM ABDUVOHIDOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Finance and Insurance of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 985-39-99-99; e-mail: damonova-2020@mail.ru.

*The role of women in building a democratic and secular society is enormous. Indeed, today there is not a single sphere in the country in which Tajik women do not actively participate.*

*It is worth noting that during the period of independence of the country, the Government of the Republic of Tajikistan took all possible measures to protect the constitutional rights of women and strengthen their status, in accordance with the norms of a democratic society, the legitimate, secular and united government pays special attention to the issue of women as a powerful and driving force of society and values the important contribution of virtuous and talented Tajik women to sustainable national development. The analysis shows that the number of women in public life increases every year. In particular, the number of civil servants, including management personnel, is more than 20%. Also, women in the field of education make up more than 73%, health care 71%, culture 47%, banking 39%, communications 25%, and including almost 40% in the field of information technology. [6]*

*Thus, it should be noted that the employment of Tajik women is growing in various sectors of the country's economy, but there is still a large reserve for attracting women to positions in government bodies, central and local government bodies, and to leadership positions in non-governmental organizations.*

*In our opinion, the more Tajik women are in various leadership positions in society, the more society will benefit. That is, where there are more women-mothers in work and management of economic sectors, there the level of lawlessness and corruption is very low, and the level of education and observance of state and social laws and rules is very high. However, in many sectors of the economy this problem has not yet been fully resolved.*

*Therefore, this article is devoted to eliminating existing shortcomings in the status and position of women and increasing their role in the socio-economic development of the country.*

***Keywords:*** *Women, development, social, economic, leadership, society, quota, bank, organization, entrepreneurship, leader, education, upbringing, responsibility, duty.*

**УДК: 331.5: 005.591.6:338.43(575.3)**

# РАВИШҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ ДЕҲОТ ВА КОҲИШИ ВОБАСТАГИИ ОН

**АСОЕВ МУФАРАҲ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел.: (+992)-905-50-70-69; e-mail:Mufarrakh@mail.ru

**МАНОНОВ САИДНОЗИМ САИДАКРАМОВИЧ,**
унвонҷӯйи кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 918-88-88-01; e-mail: Saidnozim.tj@hotmail.com

*Мақола ба омӯзиши равишҳои инноватсионӣ дар рушди шуғли аҳолии деҳот ва коҳиши вобастагии он аз манбаъҳои берунӣ бахшида шудааст. Муаллиф аҳаммияти ҷорӣ намудани навовариҳо дар самти соҳибкорӣ, истеҳсолоти хурду миёна ва татбиқи технологияҳои муосирро таҳлил намуда, роҳҳои амалии афзоиши шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагиро дар деҳот пешниҳод менамояд. Дар мақола, махсусан, ба масъалаҳои диверсификатсияи фаъолиятҳои иқтисодӣ, ташкили кластерҳои агросаноатӣ ва рушди шуғли алтернативӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Таъкид мегардад, ки татбиқи чунин равишҳо имкон медиҳад, то вобастагии иқтисодиву иҷтимоии аҳолии деҳот аз муҳоҷирати меҳнатӣ ва сармоягузории хориҷӣ коҳиш ёбад ва рушди устувор таъмин гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *шуғли аҳолӣ, инноватсия, рушди деҳот, вобастагии иқтисодӣ, соҳибкории деҳот, диверсификатсия, кластерҳои агросаноатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, шуғли алтернативӣ, рушди устувор.*

Таъмини шуғл ва коҳиши вобастагии иқтисодию иҷтимоии аҳолии деҳот аз омилҳои берунӣ яке аз масъалаҳои калидии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Имрӯз аксари минтақаҳои деҳоти кишвар бо сатҳи бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, камбудии ҷойҳои корӣ, заифии инфрасохторӣ иқтисодӣ мувоҷеҳ ҳастанд, ки ин боиси афзоиши вобастагии онҳо аз сарчашмаҳои берунӣ мегардад. Дар чунин шароит истифодаи равишҳои муосир ва инноватсионӣ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди шуғли устувор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аҳаммияти хос касб менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз камбудии ҷойҳои корӣ ва имкониятҳои маҳдуди шуғл дар минтақаҳои деҳот боиси афзоиши муҳоҷирати корӣ мегардад, ки ин падида дар навбати худ мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла кам

шудани захираҳои меҳнатӣ, коҳиши истеҳсолоти дохилӣ ва вобастагии бештар ба сармоягузории хориҷиро ба вуҷуд меоварад. Дар чунин вазъ ҷорӣ намудани технологияҳои нав, ташкили кластерҳои агросаноатӣ, диверсификатсияи бахшҳои истеҳсолот ва рушди соҳибкории хурду миёна имкониятҳои воқеии тағийр додани вазъи мавҷударо доранд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи равишҳои инноватсионӣ дар рушди шуғл ва коҳиши вобастагии иқтисодӣ аз омилҳои берунӣ дар минтақаҳои деҳот масъалаи мубрам ва муҳимми таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад. Дарёфти механизмҳо ва роҳҳои самараноки татбиқи ин равишҳо метавонад ба ҳалли масъалаҳои мавҷуда ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии деҳоти кишвар муосидат намояд. Бо дарназардошти ин, ҳадафи мо таҳлили равишҳои инноватсионӣ барои рушди шуғли аҳолии деҳот ва муайян сохтани роҳҳои амалии кам кардани вобастагии иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии деҳот аз омилҳои берунӣ мебошад.

Муҳиммияти таҳқиқотӣ илмӣ ва амалии масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки истифодаи равишҳои инноватсионӣ дар рушди шуғли аҳолии деҳот ва кам кардани вобастагии онҳо аз омилҳои берунӣ, метавонад барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таъмини рушди устувори деҳот шароити мусоид фароҳам оварад. Аз нуқтаи назари илмӣ омӯзиши равишҳои инноватсионӣ дар рушди шуғл ба назария ва амалияи рушди иқтисодии деҳот саҳми назарас мегузорад. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад ки паҳлуҳои гуногуни татбиқи равишҳои навоварона таҳлил гардида, заминаҳои методологӣ ва назариявии истифодаи онҳо дар шароити Тоҷикистон муайян карда шавад.

Далели ин гуфтаҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» мебошад [1]. Аз ҷумла, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» [9], «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [10], “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” қабул гардид, ки барои рушди деҳоти Тоҷикистон аҳаммияти ниҳоят бузург доранд.

Бояд иброз намуд, ки инноватсия ба сифати пояи муҳимми гузариш ба рушди устувор, имконият фароҳам меоварад, то имкониятҳо васеъ гардида, сатҳи бекорӣ ва муҳоҷират дар деҳот коҳиш ёфта, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ афзоиш ёбанд. Рушди инноватсионӣ зарурати гузариш ба моделҳои инноватсионии идоракунии давлатиро ба таври возеҳ дар “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 20309” ва дигар барномаҳои давлатӣ инъикос намудааст.

Дар ҷанбаи амалӣ натиҷаҳои таҳқиқот барои мақомотӣ давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорон аҳаммияти калон доранд. Онҳо метавонанд ҳамчун воситаи татбиқи самараноки сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи

шуғл, рушди соҳибкорӣ ва кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ истифода шаванд. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти илмӣ ва амалии масъалаҳои мазкур на танҳои барои беҳтар кардани вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои деҳот, балки барои таъмини рушди дарозмуддат ва устувории кишвар аҳаммияти хос дорад.

Зимнан, шуғли аҳолии деҳот маҷмуи фаъолиятҳои иқтисодиву меҳнатӣ мебошад, ки шахсони қобили меҳнат дар минтақаҳои деҳот бо мақсади даромаднокӣ ва таъмин машғуланд. Ин фаъолиятҳо асосан соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, тиҷорати хурд ва хизматрасониҳои маҳаллиро дар бар мегиранд.

Моҳияти шуғл дар деҳот на танҳо ба маънои таъмин будани аҳолӣ бо кор, балки ҳамчунин, воситаи беҳбудии сатҳи зиндагӣ, нигоҳдории суботи иҷтимоӣ ва пешгирии муҳоҷирати корӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ сатҳи баланди вобастагии иқтисоди аҳолии деҳот аз муҳоҷират ва кумакҳои молиявии берунӣ ва сармоягузории хориҷӣ мушоҳида мешавад. Ин вобастагӣ дар натиҷаи набудани имкониятҳои шуғли дохилӣ, камбудии инфрасохтор, дастрасии маҳдуд ба бозор ва паст будани дастгирии давлатии соҳибкорон ба вуҷуд меояд, ки боиси ноустувории иҷтимоии ва иқтисодии деҳот мегардад. Дар чунин шароит коҳиши вобастагӣ аз омилҳои беруна танҳо бо роҳи рушди шуғли устувори дохилӣ, диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ва татбиқи равишҳои инноватсионӣ имконпазир аст, ки яке аз аз масъалаҳои стратегии сиёсати иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Вобастагии иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии деҳот аз муҳоҷират ва сармоягузории берунӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои монанд, ба як падидаи васеъ паҳншуда ва муҳимми стратегии иҷтимоӣ табдил ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки таъмини шуғли устувори дохилӣ ва ҷалби сармоягузории инноватсионии ватанӣ роҳи ягонаи коҳиши ин вобастагӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии деҳот мебошад. Мушкилоти шуғли аҳолии деҳот як падидаи мураккаб ва бисёрсамта мебошад, ки зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ ба вуҷуд меоянд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 «Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намудани солҳои 2019–2021” ва Нақшаи чорабиниҳои корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бахшида ба таҷлили 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] барои рушду пешрафти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар заминаи мусоид гузошт, вале боз ҳам баъзе мушкилот дар минтақаҳои деҳот ба мушоҳида мерасад.

Лозим ба ёдоварист, ки сатҳи зиндагии аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр дар алоқамандӣ бо даромаднокӣ нокифоя аст. Сабаби асосии ин падида, сатҳи бекорӣ ва паст будани музди миёнаи меҳнат дар деҳот мебошад. Барои муайян намудани сатҳи бекорӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ таҳлилҳои илмӣ гузаронида

шуда, дар асоси онҳо муайян гардид, ки дар яке аз деҳаҳои зери таҳлил қарор гирифта, тақрибан 380 нафар аҳолии қобили меҳнат мавҷуд аст. Аммо аз ин шумора танҳо 35 нафар дар ин ё он корхонаҳои давлатӣ машғули кор мебошанд, ки 9,2 дарсадро ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда хеле нигаронкунанда аст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки дар деҳот аҳолии ғайриқобили меҳнат аз аҳолии қобили меҳнат ду маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар он зоҳир мегардад, ки як оилаи ҷавон чаҳор ва аз ин ҳам зиёдтар фарзанд дорад [2]. Аз ҷумла, омилҳои аосии ин мушкилотро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд (ниг. ба расми 1).

**Расми 1.**




**Сарчашма:** таҳияи муаллифон.

Ҳамин тариқ, ҳалли ин мушкилот бо татбиқи равишҳои инноватсионӣ, беҳсозии инфрасохтор, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтидори инсонии деҳот имконпазир аст.

Қобили тазаккур аст, ки тибқи маълумоти Барномаи рушди СММ барои соли 2024, сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва маориф дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо пасттар буда, мушкилоти мутахассисисон, таҷҳизоти кӯҳнашуда ва мушкилоти логистикӣ ба рушди самаранокии фаъолияти соҳаҳо ҷой дорад. Илова бар ин, паст будани сифати роҳҳои маҳаллӣ ва набудани дастрасии мутамарказ ба бозорҳо, рушди фаъолияти истеҳсолии деҳотро маҳдуд месозанд. Вобаста ба ин, дар "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо барои солҳои 2021–2025" [8] тадбирандешиҳо ҷиҳати ҳалли мушкилоти болозикр дар ҷадвали 1 инъикос мегардад.

**Ҷадвали 1.**

**Рушди минтақа дар Ҷумҳури Тоҷикистон дар доираи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо барои солҳои 2021–2025”**

| | Воҳиди ченак | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нақша | иҷроиш | нақша | иҷроиш | нақша | иҷроиш | нақша | иҷроиш |
| Шумораи муҳокимаҳои ҷамъиятӣ аз рӯйи буҷети маҳаллӣ (дар як сол) | % | 20 | 23 | 32 | 30 | 38 | 36 | 45 | |
| Гузаронидани мониторинги барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал | адад | 68 | 68 | 68 | 68 | 68 | 68 | 68 | 68 |
| Шумораи ташаббусҳои баррасишавандаи ҷамъиятӣ дар тақсимоти захираҳо | адад | 140 | 142 | 160 | 158 | 180 | 173 | 200 | 200 |
| Шумораи БРИИМ, 257 ибо назардошти ҲРУ таҳия шудаанд | | 20 | 47 | 30 | 48 | 18 | 48 | - | - |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллифон дар асоси мониторинги “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.*

Аз маълумоти ҷадвали 2 чунин бармеояд, ки нишондиҳандаҳои амалишавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар самти ҷалби аҳолӣ ба раванди банақшагирии буҷети маҳаллӣ ва идоракунии захираҳо тамоюли мусбат ба назар мерасад, аз қабили шумораи муҳокимаҳои ҷамъиятӣ вобаста ба буҷети маҳаллӣ сол то сол афзоиш ёфта, дар соли 2021-ум 23 муҳокима, дар соли 2022-юм 30 ва дар соли 2023-юм 36 муҳокима гузаронида шудааст, ки дар муқоиса ба нақша таъмин гарида аст. Бо вуҷуди ин, барои беҳтарсозии пурраи татбиқи барнома, тақвияти ҳамкории мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ, боло бурдани сифати мониториг ва васеъ намудани ҷалби аҳолӣ ба қабули қарорҳо аҳаммияти афзоянда пайдо менамояд.

Зимни таҳқиқот мо бо натиҷаи маълумоти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт, нишондиҳандаҳои рушди инфрасоторӣ вобаста ба амалишавии “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо барои солҳои 2021–2025” аҳаммияти аввалиндараҷа дода, онро дар ҷадвали 3 инъикос намудем.

**Ҷадвали 2.**

**Нишондиҳандаи азхудкунии маблағҳо доир ба амалишавии “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо барои солҳои 2021–2025”**

**(ба ҳолати 01.04.2025)**

| № | Минтақа (шаҳр/ноҳия) | Нишондиҳандаи азхудкунии маблағҳо (%) | № | Минтақа (шаҳр/ноҳия) | Нишондиҳандаи азхудкунии маблағҳо (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Дарвоз | 90,1% | 10. | Айнӣ | 71,1% |
| 2. | Вахш | 89,9% | 11. | Ҷайҳун | 69,2% |
| 3. | Бохтар | 86,7% | 12. | Данғара | 63,7% |
| 4. | Турсунзода | 84,4% | 13. | Хуросон | 61,7% |
| 5. | Восеъ | 84,2% | 14 | Панҷакент | 60,6% |
| 6. | Дӯстӣ | 83,5% | 15. | Зафаробод | 60,5% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Муъминобод | 80,6% | 16. | Шуғнон | 59,2% |
| 8. | Хуҷанд | 77,3% | 17. | Бобоҷон Ғафуров | 65,0% |
| 9. | Нуробод | 71,3% | 18. | Мурғоб | 53,2% |
| Иҷроши миёнаи барнома | | | | | 72,90% |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси мониторинги БМР-2021-2025 ва ҳисоботҳои Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон\\ https://ldc.tj/?p=6516.*

Ҳамин тариқ, аз маълумоти ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, ки барномаҳои рушди иҷтимои иқтисодии минтақаҳои кишвар, аз ҷумла: барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 нишондиҳандаҳои баланд дар азхудкунии маблағҳои ба нақшагирифта дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намудааст.

Ҳамин тариқ, гуфтан бамаврид аст, ки ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионӣ дар рушди устувори деҳот, яке аз омилҳои калидии таъмини пешрафти иқтисодӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ба шумор меравад. Дар шароити рушди босуръати технология ва рақобати афзояндаи бозор, деҳот наметавонад танҳо бо усулҳои анъанавӣ рушд намояд. Равиши инноватсионӣ, ки истифодаи технологияи муосир, усули нави ташкили истеҳсолот, маркетинг ва идоракуниро дар бар гирифта, имкон фароҳам меоварад, ки то деҳот ба як муҳити фаъоли иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёбад.

Пас яке аз самтҳои муҳим–ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасонӣ мебошад, ки он ба баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати маҳсулот, кам кардани арзиши аслӣ оварда мерасонад. Инчунин, таъсиси корхонаҳои хурду миёна бо равишҳои навоварона, ба монанди истифодаи энергияи алтернативӣ, истеҳсоли маҳсулоти биологӣ ва экологии серхаридор, имкон медиҳад, ки деҳоти мамлакат бо як манбаи истеҳсолоти рақобатпазир табдил ёбад.

Ҳамин тариқ, равишҳои инноватсионӣ ба рушди шуғли алтернативӣ мусоидат намуда, ба густариши туризми экологӣ, ҳунармандӣ, омӯзиши касбҳои рақамӣ, ки имконияти ҷалби табақаҳои осебпазир, инчунин, занону ҷавононро ба бозори меҳнат ҷалб месозад. Равишҳо муҳити иҷтимоиро мустаҳкам намуда, муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш дода, инчунин, ба коҳиши вобастагии иқтисодии деҳотро аз манбаъҳои беруна заминаи мусоидро фароҳам меоваранд.

Бо таври умумӣ, ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионӣ дар деҳот на танҳо як шохаи нави фаъолият, балки як механизми муҳимми таъмини рушди устувор, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва такмили иқтидори иқтисодии деҳоти кишвар мебошад.

Лозим ба зикр аст, ки пажуҳишгарони ватанӣ А.Мирсаидов ва О.Муртазоев доир ба равиши инноватсионӣ қайд кардаанд, ки «ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ дар асоси истифодаи самараноки захираҳои табиӣ,

сармояи зеҳнӣ ва такрористеҳсолии мавҷуда дар кишвар, ҳамзамон, ба ташаккули иқтидори устувори инноватсиониву сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Иқтидори инноватсиониву сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, дар асоси тамаркузи захираҳои сармоягузорӣ ташаккул меёбад, ки онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятнок ва корхонаҳои комплекси саноатӣ равона карда мешаванд» [7].

Ҳамин тариқ, гуфтан бамаврид аст, ки дар баробари технологияҳои нав бо таъсиси класстерҳои истеҳсолии хурд, коркард ва банду басти маҳсулот, рушди логистика ва маркетинги рақамӣ шароити беҳтар фароҳам меорад, то тамоми занҷираи арзиш дар дохили деҳот рушд ёбад ва аҳолӣ бештар дар он саҳм гузорад.

Ташкили шуғлҳои алтернативӣ дар деҳот яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисоди маҳаллӣ ва коҳиши вобастагии аҳолӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба шумор меравад. Шуғли алтернативӣ ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ ва ғайрианъанавии иқтисодӣ ишора мекунад, ки метавонад бо истифода аз захираҳои мавҷуда ташкил мешавад, ки дар ҷадвали 3 дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 3**

**Самти асосии шуғли алтенативӣ дар деҳоти кишвар**

| № | Самт | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 1 | Ҳунармандӣ ва косибии миллӣ | Истеҳсоли маҳсулоти дастӣ барои бозориҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ҳамчун манбаи даромади устувор |
| 2 | Туризми деҳотӣ ва экологӣ | Истифодаи захираҳои табиӣ, фарҳанг ва анъанаҳо; ташкили хонаҳои қабул; истеҳсоли маҳсулоти органикӣ |
| 3 | Хизматрасонии рақамӣ ва фриланс | Шуғли маҷозӣ (барномасозӣ, тарроҳӣ, тарҷума, муҳосибӣ, дизйнерӣ ва пазандагӣ) бо истифода аз интернет. |
| 4 | Корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | Консервабарорӣ, хушксозии мева, бастабандӣ–таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши арзиши маҳсулот |
| 5 | Энергетикаи “сабз” | Истеҳсоли барқи офтобӣ ва истифодаи биомасса бо таъсиси ҷойҳои кории “сабз” ва муҳофизати муҳити зист |
| 6 | Аҳаммияти умумӣ ва шароити бекорӣ | Коҳиши бекорӣ, рушди иқтисоди деҳот, нигоҳдории аҳолӣ, рушди устувор бо дастгирии давлатӣ ва инфрасохтор |

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Ҳамин тариқ, ташкили шуғли алтернативӣ на танҳо барои коҳиши бекорӣ, балки барои тақвияти зарфияти иқтисодии деҳот, нигоҳдории аҳолии қобили меҳнат ва таъмини рушди устувори маҳалҳои деҳот аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Ин раванд бояд бо дастгирии сиёсати давлатӣ ва инфрасохтори мувофиқ ва барномаҳои омӯзишии молиявӣ тақвият ёбад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи деҳот ва коҳиши вобастагии он аз омилҳои беруна, мо зарур мешуморем, ки модели консептуалии самтҳои асоии ташаккулдиҳии рушди шуғли аҳоли деҳотро пешниҳод намоем.

**РАСМИ 2.**




*Сарчашма: таҳияи муаллиф.*

Бояд таъкид кард, ки диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ дар деҳот яке аз механизмҳои муҳимми таъминкунандаи рушди устувор ба шумор меравад. Ташкили чунин кластерҳо дар деҳот имкон медиҳад, ки платформаи устувори шуғл ба вуҷуд ояд, зеро ҳар як зираи занҷира–аз кишт то содирот, ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад. Илова бар ин, кластерҳо воситаи муассири ҳамгироии соҳибкорон, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои илмӣ ва мақомоти давлатӣ буда, имкониятҳои ҳамкории тарафҳоро дар истифодаи захираҳои маҳаллӣ ва татбиқи технологияҳои муосир васеъ мекунанд.

Ба андешаи мо, «раванди ҳамкории ҳамаҷониба, консентратсия ва марказонидани истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти ниҳоии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар як давраи такрористеҳсолкунӣ (дар асоси ҳамбастагии марҳалаҳои пайдарпай) фаҳмида шавад [2]. Ва инчунин, «аҳамияти хосса додан ба меъёри асосии муайян кардани сатҳи рушди деҳот, фаъолияти устувор ва сифатии минтақаҳо бо истифода ташаккули рейтинги

интегралӣ муайян гардад ва ҳангоми истифодабарӣ ин методология истифодаи усули миёнаи арифметикӣ, ки хеле бамаврид аст. Чунки ин ин усул ба мо имкон медиҳад, то муайян намоем, ки деҳот дар кадом сатҳ қарор дорад ва чӣ тадбирандешиҳо бояд намуд» [4].

Қобили тазаккур мебошад, ки дар шароити деҳот ҳамчун воситаи асосии фаъолсозии иқтисоди маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ баромад намуда, яке аз самтҳои муҳимми таъсири соҳибкории хурду миёна ба шуғл таъмини кор ба аҳолии осебпазир, аз ҷумла занон, ҷавонон ва шахсони бекор мебошад. Масалан, таъсиси коргоҳҳои хурди ҳунармандӣ, дӯзандагӣ, қаннодӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва марказҳои хизматрасонӣ имкон медиҳанд, ки афроди маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин шуда, даромади устувор ба даст оранд. Дар баробари ин, соҳибкории хурду миёна дар деҳот на танҳо воситаи шуғл, балки мактаби рушди малака ва таҷрибаи соҳибкорӣ низ мебошад, ки ба рушди тавонмандии шахсӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ҷамъбасти натиҷаҳои асосии таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари аҳолӣ дар минтақаҳои деҳот зиндагӣ мекунанд ва иқтисоди маҳаллӣ асосан ба кишоварзии анъанавӣ такя дорад, рушди шуғли устувори аҳолӣ ва коҳиши вобастагӣ аз муҳоҷират ва сарчашмаҳои беруна ба як масъалаи стратегии миллӣ табдил ёфтааст. Баррасии ин мавзуъ нишон дод, ки истифодаи равишҳои инноватсионӣ, аз ҷумла диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ, ташкили кластерҳои агросаноатӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва татбиқи технологияҳои рақамӣ метавонанд барои таҳкими зарфияти иқтисодии деҳот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намоянд.

Ҳамин тавр, зарур аст, ки таҳияи стратегияи миллӣ доир ба рушди шуғли устувор дар деҳот, ки дар истифодаи равишҳои инноватсионӣ, дастгирии соҳибкории маҳаллӣ ва ҷалби технологияҳои нав вобаста мебошад, ба назар гирифта шаванд. Илова бар ин, ташкили кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳо бо ҷалби бахши хусусӣ барои фароҳам овардани занҷираи арзиш ва ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, таълими касбӣ дар деҳот, аз ҷумла омӯзиши ҷавонон дар самти технологияҳои рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва маркетинги замонавӣ, тақозои замон аст.

Дар маҷмуъ, татбиқи ин тавсияҳо имкон медиҳад, ки деҳоти Тоҷикистон аз як муҳити вобаста ба муҳити аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор ва ташаккулёфтаи инноватсионӣ табдил ёфта, ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ноил гардад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2024 [Захираи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: –(https://www.president.tj/event/photoreport/photoreport/ 49226).

2. Асоев М. Ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ–пояи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа / М. Асоев // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 3(52). – Р. 104-113. –EDN REOZJT.

3. Асоев М. Банақшагирии стратегӣ ҳамчун воситаи асосии рушди деҳот / М. Асоев, С. Манонов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №1(60). – Р. 53-62. – EDN CXKEXL.

4. Асоев, М. Нақш ва мақоми танзими давлатии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар деҳот / М. Асоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2020. – № 4-2. – Р. 60-65. – EDN MDWXFL.

5. Асоев М, Манонов С. Иқтисодиёти Тоҷикистон //Иқтисодиёти Тоҷикистон. Муассис: Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – С. 198–208.

6. Аллабердина, Л. Инновационный потенциал: обзор теоретических подходов // Управление социально-экономическим развитием региона: материалы III Всероссийской научно-практической конференции (20 апреля 2012 г.). - Сибай: ГУП РБ «СГТ», 2012. – 182 с.

7. Мирсаидов А. Муртазоев О. Инновационный потенциал региональных промышленных систем // Вестник евразийской науки. 2016. №2(33). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsionnyy-potentsial-regionalnyh-promyshlennyh-sistem.

8. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 [ Захираи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL:–https://egov.tj/site/rushdiiktisod/ documents/ details/442?lang=tg

9. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи то соли 2030”// Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: –https://egov.tj/site/rushdiiktisod/ documents/ details/442?lang=tg

10. “Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”// Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: –https://egov.tj/site/rushdiiktisod/ documents/ details/442?lang=tg

## ИННОВАЦИОННЫЕ ПОДХОДЫ К РАЗВИТИЮ ЗАНЯТОСТИ СЕЛЬСКОГО НАСЕЛЕНИЯ И СОКРАЩЕНИЮ ЕЕ ЗАВИСИМОСТИ

**АСОЕВ МУФАРАХ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
заведующий кафедрой государственного управления и национальной экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан г. Душанбе, ул. Саида Насира 33;
тел.: (+992)-905-50-70-69; e-mail:Mufarrakh@mail.ru

**МАНОНОВ САИДНОЗИМ САИДАКРАМОВИЧ,**
соискатель кафедры государственного финансового управления и цифровой экономики Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Насира 33;
тел: (+992) 918-88-88-01; e-mail:Saidnozim.tj@hotmail.com

*Статья посвящена исследованию инновационных подходов к развитию занятости сельского населения и снижению его зависимости от внешних источников. Авторы анализируют важность внедрения инноваций в сфере предпринимательства, малого и среднего производства, а также применения современных технологий, предлагая практические пути повышения занятости и улучшения уровня жизни в сельской местности. Особое внимание в статье уделяется вопросам диверсификации экономической деятельности, созданию агропромышленных кластеров и развитию альтернативной занятости. Подчеркивается, что реализация таких подходов позволяет сократить экономическую и социальную зависимость сельского населения от трудовой миграции и внешних инвестиций, а также обеспечивает устойчивое развитие.*

***Ключевые слова:****занятость населения, инновации, развитие села, экономическая зависимость, сельское предпринимательство, диверсификация, агропромышленные кластеры, трудовая миграция, альтернативная занятость, устойчивое развитие.*

## INNOVATIVE APPROACHES TO DEVELOPING EMPLOYMENT AMONG THE RURAL POPULATION AND REDUCING ITS DEPENDENCY

**ASOEV MUFARAH MAZORIDDINOVICH,**
Head of the Department of Public Administration and National Economy, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tel.: (+992)-905-50-70-69; e-mail:Mufarrakh@mail.ru

**MANONOV SAIDNOZIM SAIDAKRAMOVICH,**
Applicant at the Department of Public Financial Management and Digital Economy, Academy of Public Administration under President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tel.: (+992) 918-88-88-01; e-mail: Saidnozim.tj @hotmail.com

*The article is devoted to the study of innovative approaches to the development of rural employment and the reduction of its dependence on external sources. The*

*authors analyze the importance of introducing innovations in entrepreneurship, small and medium-sized production, and the application of modern technologies. Practical methods for increasing employment and improving the standard of living in rural areas are proposed. The article places special emphasis on the diversification of economic activities, the establishment of agro-industrial clusters, and the development of alternative employment. It is emphasized that the implementation of such approaches will help reduce the economic and social dependence of rural populations on labor migration and foreign investment, thus ensuring sustainable development.*

***Keywords:*** *employment, innovation, rural development, economic dependence, rural entrepreneurship, diversification, agro-industrial clusters, labor migration, alternative employment, sustainable development.*

УДК: 331.1:316.7

# БАЪЗЕ МАСАЪЛАҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМҲОИ РУШДИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР БАХШИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ШОҲИЁН АБДУРАҲИМ МАҲМАДУЛЛО,**
докторанти кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.: (+992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*Дар мақола нақши бунёдии ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар таъмини рушди сармояи инсонӣ, ки омили асосии рушди дарозмуддати субъектҳои иқтисодӣ, бахусус, субъетҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт мебошанд, арзёбӣ гардидааст. Муаллиф аҷида дорад, ки барои рушди инсон ва сармояи инсонӣ на танҳо давлат, балки ҳар як субъекти алоҳидаи иқтисодиёт, бахусус, бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, бояд саҳмгузор бошад, ки ин кор тавассути таъмини рушди ниҳоди шарикии иҷтимоӣ сурат мегирад. Дар мақола таъкид шудааст, ки татбиқи ниҳоди шарикии иҷтимоиро "аз боло" танҳо тавассути қонун ҷорӣ кардан ғайриимкон аст ва маҳз эҷоди заминаҳои моддию маънавӣ барои татбиқи амалии он дар бахши хусусии иқтисодиёт мусоидат менамояд. Муаллиф ба ин заминаи моддиву маънавӣ ба камол расидани қишри фаъол ва муосири соҳибкорони ватаниро зарур шуморидааст, ки маҳз онҳо метавонанд масъалаи манфиати иштироки коргаронро дар идоракунии корхонаю ташкилот таъмин созанд. Вобаста ба ин, чанд тавсия дар самти таъмини механизмҳои рушди соҳибкории фаъолу маъсулияти иҷтимоидошта пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, рушди сармояи инсонӣ, ниҳоди шарикии иҷтимоӣ, бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, соҳибкорӣ, маъсулияти иҷтимоӣ, шартномаи меҳнатӣ, ҳосилнокии меҳнат.*

Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" қайд шудааст, ки "сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Сифати он яке аз меъёрҳои асосӣ дар соҳибкорӣ буда, масъалаи калидӣ ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Принсипҳои калидии самти мазкури фаъолият бо талоши ҳалли маҷмуи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ ва сифати зиндагӣ, инчунин, фароҳам овардани заминаҳои устувор барои ташаккули иқтисодиёти дониш алоқаманд аст" [7]. Дар таъмини рушди сармояи инсонӣ на танҳо давлат, балки ҳар як субъектҳои алоҳидаи иқтисодиёт, махсусан, бахшҳои ғайридавлатии иқтисодиёт, бояд саҳмгузор бошанд. Ин кор тавассути таъмини рушди ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар

корхонаҳои иқтисодӣ сурат мегирад.

Чи тавре дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 қайд гардидааст: “Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад” [1].

Бояд тазаккур дод, ки кам кардани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти меҳнатии коргарон, ки ба баланд бардоштани сифати молҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳо мусоидат менамояд, ҳадафу мубрамияти шарикии иҷтимоиро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи истифодаи ниҳоди шарикии иҷтимоӣ имкони саривақт бартараф намудани зиддиятҳои иҷтимоӣ, ки таҳдид ба фаъолияти устувору амнияти иқтисодиву иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ мебошад, ба вуҷуд меояд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар субъектҳои бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва шуғл дар мамлакат татбиқи талаботу моҳияти ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Дар бахши давлатии шуғл аз лиҳози иҷтимоӣ шумораи зиёди кормандон дорои даромади меҳнатӣ ва ё музди меҳнати кам мебошанд. Дар субъектҳои бахши ғайридавлатии шуғл бошад бошад поймолшавии ҳуқуқҳои меҳнатии коргарон, ки дар доираи таваҷҷуҳи корфармоён бештар ба манфиатҳои шахсии худ мушоҳида мешавад.




**Расми 1. Динамикаи аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар солҳои 2015 – 2023**

Манбаъ: [7, 58].

Бояд зикр намуд, ки дар марҳалаи муосири рушди мамлакат таъмини рушди инсон ва сармояи инсонии ҷомеа ба раванди иҷтимоиогардонии фаъолияти субъектҳои бахши хусусӣ ва рушди маъсулияти иҷтимоии онҳо

алоқаманд мебошад. Зеро дар бахши хусусии иқтисодиёт дар соли 2023 беш аз 70,8 дарсади аҳолии машғули кори иқтисодиёти мамлакат рост меояд, ки нисбат ба соли 2015 беш аз 4 банди дарсадӣ (фоизӣ) афзудааст. Ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2015–2023 дар субъектҳои бахши давлатии иқтисодиёт ҳамагӣ 0,4 банди дарсадӣ (фоиз) ва ё аз 18,6 то 19 дарсад афзудааст. Ҳиссаи шуғл дар шаклҳои моликияти омехта тамоюли пастравӣ дорад (ниг. ба расми 1).

Аксар корфармоён корхонаҳои бахши хусусӣ, ки озодии бештарро дар ташкили ҳвасмандкунии меҳнат доранд, ба масъалаҳои ташкили шарикии иҷтимоӣ, ки механизми муосир дар системаи ҳавасмандгардонӣ (мотиватсия) мебошад, таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Бинобар ин, аз тарафи кормандон иҷрои бесифати уҳдадориҳои корӣ ба вуҷуд меояд.

Таҳлилҳои вазъи ташкили такрористеҳсолии қувваи корӣ ва ё таъмини молиявии рушди қувваи корӣ нишон медиҳад, ки дар он қисми иҷтимоӣ, яъне унсурҳои шарикии иҷтимоӣ, хеле заиф аст. Маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ дар соли 2023 ҳаҷми 20041,6 млн. сомониро ташкил додааст, ки беш 80 дарсади он ба фонди музди меҳнат рост меояд. Аммо чунин унсурҳои шарикии иҷтимоӣ ба мисли хароҷоти корхона барои манзили кормандон (9,6 млн.сомонӣ), масраф барои хизмати фарҳангию маишӣ (20,7 млн.сомонӣ) ва дигар самтҳо хеле ночиз аст.

**Ҷадвали 2.**

**Арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ, млн.сомонб**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ– ҳамагӣ | 11743,8 | 12886,1 | 13583,7 | 15376,6 | 17377,1 | 20041,6 |
| I.Фонди музди меҳнат– ҳамагӣ | 9260,1 | 10115,9 | 10531,2 | 12062,9 | 13800,6 | 15968,2 |
| II. Хароҷоти корхона барои манзили кормандон | 3,5 | 9,3 | 8,0 | 6,8 | 3,4 | 9,6 |
| III. Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон | 2227,1 | 2574,1 | 2898,4 | 3166,9 | 3343,5 | 3785,8 |
| V. Хароҷот барои хизмати фарҳангию маишӣ | 14,6 | 13,4 | 10,6 | 12,6 | 9,2 | 20,7 |
| VI. Дигар масраф | 94,8 | 85,9 | 61,8 | 54,8 | 131,4 | 155,5 |
| VII. Андозҳое, ки ба хароҷоти қувваи корӣ ҳамроҳ карда мешаванд | 89,5 | 52,2 | 56,3 | 53,2 | 66,1 | 70,3 |

**Манбаъ:** [7, 210].

Бинобар он, дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёти мамлакат, ки сифати индустриаливу инноватсионӣ дошта, ба кормандони баландихтисос ниёз дорад, суръатбахшии раванди татбиқи ниҳоди шарикии иҷтимоӣ тақозо мегардад. Дар ин хусус, муҳаққиқ, номзади илмҳои иқтисодӣ Ораз

Муртазозода қайд менамояд, ки “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарбияи кадрҳои баландихтисос ва ташкили шароити таҳсилоти байналмилалӣ барои ҷавонони тоҷик тайи солҳои соҳибистиқлолӣ тибқи квота ва грантҳои президентӣ кумак намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки дар донишгоҳҳои беҳтарин ва маъруфи ҷаҳонӣ дар соҳаи тиб, муҳандисӣ, иқтисод, иттилоот, илмҳои табию иҷтимоӣ ва дигар риштаҳои илмии барои рушди кишвар зарур таҳсил намоянд” [5]. Дарвоқеъ, сиёсати ҳадафманди роҳбарияти олии кишвар дар самти дастгирии ҷавонон тавассути квота ва грантҳои президентӣ як афзори муассири омода намудани мутахассисони соҳибкасб ба шумор меравад. Ба андешаи мо, таҳсил дар донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба ҷавонон на танҳо донишҳои академӣ, балки таҷрибаҳои пешрафтаи идоракунӣ, инноватсия ва тафаккури глобалиро меомӯзад, ки ин омили муҳим дар раванди бозгашт ва хизмат ба Ватан дониста мешавад.

Суратгирии дигаргунии иҷтимоиву иқтисодӣ, густариши зинаҳои нави муносибатҳои бозориву рушди соҳибкорӣ ва омӯзишу татбиқи таҷрибаи муосирро дар роҳи мукаммалгардонии механизмҳои шарикии иҷтимоиро пайваста бо тақвият додани танзими давлатӣ дар ин самт тақозо менамояд. Дар замони муосир бо мураккаб гаштани маҷмуи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, шиддат гирифтани маҳдудияти захираҳои истеҳсолӣ ва “афзудани нақши сармояи инсонӣ ҳамчунин, захираи беҳудуди иқтисодӣ, ки рушди он тавассути васеъгардии доираи истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим (маорифу илм, фарҳанг ва тандурустӣ) сурат мегирад” [4], дахолатпазирии давлатро дар ин равандҳо меафзояд.

Дар ин шароит сиёсати кадрии давлат дар самти муносибат ба фаъолияти бахши хусусӣ ба таври дақиқ ба яке муҳимтарин масъалаҳо табдил мeёбад. Дастгирии ғайримустақими давлатии субъектҳои соҳибкорӣ дар самти фароҳам овардани шароити иқтисодию ҳуқуқӣ барои ҳавасмандгардонии рушди бахши ғайридавлатӣ ва соҳибкорӣ таввасути сармоягузорӣ ба омодакунии кадрҳо неру мегирад. Маҳз таваҷҷуҳи давлат ба сармоягузории иҷтимоӣ, ки тағйир додани фаҳмиши ҷамъиятӣ ва тамоюлгири аҳолиро ба манфиатҳои ҳаётӣ ва арзишҳои табақаи миёна, ташаккули муносибати мусбии табақаю гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро мусоидат менамояд, фаъолияти соҳибкорӣ ангезиш мeёбад, яъне заминаҳои иҷтимоиву рушди бахши хусусиро ба вуҷуд меоварад.

Илова бар ин, дастгирии давлатии соҳибкории хурд, ки асоси ташаккули қишри миёнаи ҷомеаро ташкил медиҳад, инчунин, таъмини баробарҳуқуқии соҳибкорон, коҳиш додани тафовут миёни соҳибкории хурду калон дар шароити рақобати бозорӣ, фароҳам овардани имкониятҳои баробари пешбурди фаъолияти онҳо дар шароити фаъолияти озод, шакл ва усулҳои он низ вазифаи муҳим мебошад. Дар ин самт, ташаккули фаҳмиши мусбат дар асоси истифодаи принсипҳои масъулияту шарикии иҷтимоӣ ва

этикаи корӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин ҷода, ҳамон соҳибкороне, ки дар фаъолияти иқтисодиву хоҷагидории худ муносибатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ фаъолро роҳандозӣ менамоянд, қодиранд такягоҳи давлати иҷтимоӣ ва қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бошанд.

Дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ миёни соҳибкор ва давлат тазод вуҷуд дорад. Масалан, ба андешаи соҳибкорон, давлат бояд шароитеро фароҳам оварад, ки дар он барои татбиқи самараноки ҳадафҳои онҳо имкони татбиқи манфиати иқтисодӣ (афзоиши даромад, самаранокии сармоягузорӣ, дастоварди шахсӣ, ғолибият ба рақибон, коҳиш додани таваккал, ҳимояи молумулкию шахсӣ ва ғайра) мавҷуд бошад. Аз нуқтаи назари давлат, соҳибкор бояд дар бораи татбиқи ҳадафу манфиатҳои ҷомеаву давлат (рушди некуаҳволии ҷомеа, таъмини шуғли аҳолӣ, суботи иҷтимоию сиёсӣ, таҳкими амнияти миллӣ, кумаки иқтисодӣ ва ғайра) андеша кунанд ва иштирок намоянд. Бинобар он, сиёсати самараноку муассири давлатӣ бояд дар самти бархӯрду ҳамбастагии манфиатҳои давлат ва соҳибкорӣ равона гардад.

Ҷиҳати татбиқи сиёсати муассири давлатӣ дар самти таъмин намудани шароити рушди соҳибкории хурд лозим аст, ки корҳои идеологиву ташвиқотӣ барои баланд бардоштани тафакури иқтисодиву тиҷоратӣ тақвият дода шуда, ҳамин тариқ, ҷалби аҳолӣ ба раванди фаъолияти соҳибкорӣ роҳандозӣ гардад. Яъне дар фаҳмиши ҷомеа нақши аввалияту афзалияти ташаббуси фардӣ барои қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва ҳамчун роҳи шоистаи муаррифӣ нақш бандад. Дар ин самт истифодаи механизми шарикии иҷтимоӣ, ки барои пешбурди фаъолияти иҷтимоӣ мусоидат менамояд, лозим аст.

Чи тавре дар боло қайд намудем, шарикии иҷтимоиро "аз боло" танҳо тавассути қонун ҷорӣ кардан ғайриимкон буда, маҳз фароҳам овардани заминаҳои моддию маънавӣ барои татбиқи амалии он мусоидат менамояд. Дар ин ҷода, ба камол расидани қишри фаъол ва муосири соҳибкорон лозим аст. Маҳз онҳо метавонанд масъалаи манфиати иштироки коргаронро дар идоракунии корхонаю ташкилот таъмин намоянд. Барои арзёбӣ намудани сатҳи ин унсури шарикии иҷтимоӣ соли 2023 дар корхонаҳои бахши хусусии ноҳияи Восеъ пурсишнома гузаронидем. Дар пурсишнома 100 нафар, аз ҷумла 50 нафар мутахассиси соҳа ва 50 нафар коргарон фаро гирифта шуд. Натиҷаи пурсишнома, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст, нишон медиҳад, ки дар бахши шуғли ғайридавлатӣ аксари кормандон имконияти кофӣ барои таъсир расонидан ба қабули қарорҳои идоракунӣ надоранд.

**Ҷадвали 3.**

**Арзёбии кормандон ба мавқеи худ (% пурсидашудагон)**

| т/р | Савол | Натиҷаи пурсиш |
|---|---|---|
| **1.** | Ман метавонам дар қабули қарорҳо аз ҷониби роҳбарият таъсири калон дошта бошам. | 4,5 |
| **2.** | Ман то андозае дар қабули қарорҳо аз ҷониби роҳбарият таъсир мерасонам. | 15,5 |
| **3.** | Ман дар қабули қарорҳо аз ҷониби роҳбарият таъсири кам дорам. | 20 |
| **4.** | Амали роҳбарият аз мавқеи вобаста нест. | 55 |
| **5.** | Ба посух додан душворӣ мекашам. | 5 |
| | **Ҳамагӣ** | **100** |

*Таҳияи муаллиф дар асоси ҷамбасти пурсишномаҳо.*

Маълумоти болозикрро метавон бо фарқи манфиатҳои корфармо вобаста ба бахши шуғл шарҳ дод. Манфиати корфармои корхонаи бахши ғайридавлатӣ бештар дар ба даст овардани фоида ифода мегардад. Бинобар ин, ӯ фикри ҳамон коргареро ба инобат мегирад, ки ғояи нав дорад ва он эҳтимоли ба фоида таъсир расонидан дорад. Аммо корфармоёни корхона аксаран ба мусбат баҳогузории фаъолияти онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ манфиат доранд, ки кӯшиши иҷро намудани ҳамаи дастурҳои онҳоро ба миён меоварад ва ин боиси паст гардидани сатҳи навоварӣ мегардад. Аз ин рӯ, ташаббуси коргарон аз ҷониби роҳбарият хеле кам ба назар гирифта мешавад.

Омода будани ҳар як корманд ба ҳифзи ҳуқуқи ҳамкорони худ шарти асосии ташаккули коллективи меҳнатӣ ҳамчун субъекти институтсионалии шарикии иҷтимоӣ маҳсуб мешавад. Натиҷаҳои чунин омодагӣ дар бахшҳои гуногуни шуғли объекти таҳлил дар ҷадвали 4 оварда шудааст. Чунонки маълумоти ҷадвали 4 нишон медиҳад дар бахши ғайридавлатӣ сатҳи пасти омодагии ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамкасбон дар коллективи меҳнатӣ мушоҳида мешавад. Дар корхонаҳои ин бахш муттаҳидии коллективи меҳнатӣ ба майлу хоҳиши итоат ба шаклу меъёри умумии рафтор, ки аз тарафи роҳбарият муайян мешавад, равона шудааст. Пурсидашудагон новобаста аз ҳамдигар иттифоқи касабаро ниҳоди камтаъсир дар корхона мешуморанд.

**Ҷадвали 4.**

**Дараҷаи мувофиқат бо изҳороти “Ман тайёрам, ки ҳуқуқи меҳнатии ҳамкасбонамро дар назди роҳбарият ҳимоя кунам, агар бинам, ки онҳо поймол мешаванд” (% пурсидашудагон)**

| № | Мавқеи муайян | Натиҷаи посух |
|---|---|---|
| 1 | Албатта, ҳа | 14,5 |
| 2 | Эҳтимоли зиёд, ҳа | 20 |

| | | |
|---|---|---|
| 3 | Эҳтимоли зиёд, не | 55,5 |
| 4 | Албатта, не | 7,5 |
| 5 | Ба посух додан мушкилӣ мекашам | 2,5 |
| **Ҳамагӣ** | | 100 |

*Таҳияи муаллиф дар асоси ҷамъбасти пурсишномаҳо*

Зимнан бояд қайд намуд, ки дар бисёр субъектҳои бахши ғайридавлатӣ иттифоқҳои касаба вуҷуд надорад ва ё фаъолият намекунанд. Назари пурсидашудагон ҷиҳати мавҷуд набудани фаъолияти иттифоқи касабаро чунин арзёбӣ намуданд:

–мавҷуд набудани мушкилот дар корхона –5,5 дарсади пурсидашудагон;

–имконияти мустақилона ҳал намудани мушкилот – 90,5 дарсад;

–назари манфии корфармо нисбат ба иттифоқи касаба – 2,5 дарсад;

–дар ҷавоб душворӣ мекашам–1,5 дарсади пурсидашудагон.

Чунин ҳолати муосирро дар тамоми субъектҳои иқтисодии бахши ғайридавлатӣ ва соҳибкории мамлакат мушоҳида намудан мумкин аст. Бинобар ин, вобаста ба вазъият таҳия ва амалӣ намудани сиёсати нави иҷтимоӣ дар самти шуғл ба миён меояд. Фаъолгардонии ҳосилнокии меҳнати шаҳрвандон дар асоси баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо. ки сарчашмаи асосии баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии моддии худи коргар ва оилаи он мебошад, бояд дар ҷавҳари сиёсати иҷтимоӣ давлат ва дар маркази татбиқи ниҳод и шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ қарор гирад [6].

Дар асоси натиҷаи таҳлили ҳолати субъектҳои бахши ғайридавлатӣ, чунин самтҳои нави рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар онҳо маъсулияти иҷтимоӣ аввлавият дорад, бояд сурат гирад:

–коркарди механизми махсуси дастгирии соҳибкории хурд, ки дар он тамоми унсурҳои шарикии иҷтимоӣ татбиқ гардида, ҳамин тариқ хароҷоти давлатро дар самти рушди иҷтимоии аҳолӣ ҷуброн менамояд;

–вобаста ба муҳити фаъолият ва доштани маъсулияти иҷтимоӣ ба се қисм ҷудо намудани низоми дастгирии соҳибкории хурд: 1) барои корхонаҳои навтаъсис, 2) барои корхонаҳои дар ҳоли рушд, 3) барои корхонаҳои хурде, ки омодаанд ба категоряи соҳибкории миёна гузаранд;

–таъмини рушди инфрасохтори иттилоотиву машваратӣ ва таҳлилӣ доир ба дастгирии аҳолӣ дар самти кушодани соҳибкории хурд;

–арзёбии имиҷи соҳибкорӣ миёни аҳолӣ ва дар ҳудуди муайяни фаъолият, ки тавссути иштироки онҳо дар бунёди инфрасохторҳои иҷтимоӣ ва татбиқи шарикии иҷтимоӣ дар корхонаи худ ташаккул меёбад;

–мукаммалгардонии механизмҳои ҷалб намудани соҳибкории хурд ҷиҳати иштирок дар тендерҳо барои ба даст овардани фармоишҳои давлатӣ вобаста ба меёрҳои масъулияти иҷтимоӣ;

–ташкили маблағгузории имтиёзнок ба соҳибкории хурд, ки сатҳи баланди маъсулияти иҷтимоӣ доранд (тавассути ташкили фонди махсус, ки ба хизматрасонии эҳтиёҷоти соҳибкории хурд нигаронида шудааст);

–фароҳам овардани муҳити мусоиди беруна барои рушди соҳибкорӣ, ки ниҳоди шарикии иҷтимоиро татбиқ менамояд: бо арзиши паст ва ё ройгон ба иҷора додани биноҳо; имконияти мусоид додан ба дастрасӣ ба манбаҳои маблағгузории ғайрибуҷетӣ, мукаммал гардонидани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ки масъулияти иҷтимоиаш баланд аст, тақвияти низоми "равзанаи ягона" барои онҳо ва ғайра;

–баргузор намудани озмунҳои минтақавии ҳарсола миёни корхонаҳои бахши соҳибкории хурд аз рӯйи меъёри масъулияти иҷтимоӣ ва мукофотонидани онҳо;

–ташкили маҷмуи хизматрасониҳои машваратӣ, маркетингӣ ва ғайра аз рӯйи ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ ва бардошти нафъи иқтисодии онҳо.

Дар баробари амалӣ намудани низоми дастгирии соҳибкории хурд, ки дорои маъсулияти иҷтимоӣ мебошад, инчунин, бояд алгоритми таҳия ва татбиқи ниҳоди шарикии иҷтимоӣ коркард шавад ва дар мониторниги ин ниҳод (институт) меъёрҳои мушаххас муқарар карда шавад. Дар ин ҳолат зарур аст, ки:

–муҳиммияти шартномаҳои меҳнатии инфиродӣ тавассути қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани онҳо бо созишномаҳои коллективӣ таъмин гардад;

–мушахасгардонии вазифаҳо доир ба ҳифзи коргарон, ки дар доираи худи корхона ва коллективи меҳнатӣ сурат мегирад;

–ташкили низоми иқтисодии ҳавасмандгардонии муассири соҳибкорон ва тадбирҳо ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи онҳо ва ғайра.

Дар инкишофи шарикии иҷтимоӣ шартномаҳои коллективӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Шартномаи коллективӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарики иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ», ки 28 июли соли 2007 қабул шудааст, сурат мегирад. Зимнан, бояд қайд намуд, ки Қонуни мазкур тартиби бастан ва иҷрои шартномаҳои коллективиро (ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъулияти ҷонибҳои шартномаи коллективиро) барои тамоми субъектҳои иқтисодӣ, новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагидориашон, муаяйн менамоянд [3]. Ҷонибҳои шартномаи коллективиро кормандон, иттифоқҳои касаба (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», аз 12 марти соли 1992 бо тағйироту иловаҳо аз соли 1997) ва дигар мақомоти намояндагии ваколатдоршуда ва бевосита кордиҳанда ташкил менамоянд. Дар шартномаи коллективӣ асосан манфиати ду гурӯҳ – кормандони кироя ва корфармоён инъикос ёфта, бо принсипи дуҷониба

такия менамояд. Мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ зери мафҳуми “шартномаи коллективӣ” қоидаву меъёрҳое дар назар дошта мешавад, ки муносибатҳои истеҳсолию меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар байни корфармо (молик, соҳибкор) ва коргарон, новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ, танзим менамояд [2]. Ҳамин тариқ, шартномаи коллективӣ на танҳо ҳамчун ниҳоди ҳуқуқи меҳнатӣ, балки як унсури шарикии иҷтимоӣ мавқеи махсуси худро ишғол мекунад.

Аммо, зимнан бояд қайд намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарики иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ” номгӯйи тахминии масъалаҳоро дар бар мегирад. Он бештар хусусияти меъёрӣ дошта, ҳамчун як навъ дастурамал ҳангоми бастани щартномаҳо хизмат мекунад. Бинобар ин, мазмуни шартномаҳои коллективиро аслан тарафҳои иштироккунанда муайян мекунанд. Амалан, таҳия ва бастани шартномаҳои коллективӣ бо ташаббуси кумитаҳои иттифоқҳои касаба ва баъзан корфармоён сурат мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити заиф будани фаъолияти иттифоқҳои касаба аслан дар ихтиёри худи корфармоён қарор дорад, ки бештар манфиати онҳо авлавият пайдо менамояд. Ин ҳолат хусусан, дар корхонаҳои хурд, ки дар онҳо таъсири иттифоқҳои касаба умуман дида намешавад, ғайриқаноатбахш аст.

Монеаҳо дар самти рушди мазмуну сифати шартномаҳои коллективиро механизми суст роҳандозӣ гардидани ислоҳоти зарурии иқтисодиву ҳуқуқӣ, вазъи ноустувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт пайдо намудаанд. Дар чунин шароит, роҳбарияти корхонаҳо ба дӯши худ гирифтани уҳдадориҳоро дар назди коллективи меҳнатӣ намехоҳанд.

Азбаски шартномаҳои коллективӣ ҳамчун василаи коҳиш додани шиддати иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ва ҳамин тариқ омили баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мебошад, бинобар ин, сатҳу сифати иҷрои шартномаи мазкур меъёри асосии арзёбии рушди соҳибкорӣ ва дастгирии давлатии он мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023.–Душанбе [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/missives/36370.

2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 1997, бо тағйироту иловаҳо 2006, моддаи 2.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарики иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ».

4. Мирсаидов А., Хусейнзода А. Общие тенденции и факторы развития основные параметры экономики знаний в Таджикистане

//Таджикистан и современный мир//. –2024. –№2 (86). –С. 96-110.

5. Муртазозода О. Технологияҳои “сабз” ҳамчун омили калидии ташаккули экосистемаҳои инноватсионӣ [Матн] / О.Муртазозода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – № 2 (90). – С.132-144.

6. Неронова, Е. Социальное партнерство как перспективный инструмент развития системы мотивации / Е. Неронова.–Текст: непосредственный // Молодой ученый. –2023.– № 26 (473).–С. 90-92. – URL: https://moluch.ru/archive/473/104624/.

7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2024. –С. 58.

8. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”. –С. 50.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМОВ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА В НЕГОСУДАРСТВЕННОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ШОХИЁН АБДУРАХИМ МАХМАДУЛЛО,**
докторант кафедры менеджмента и маркетинга
Таджикского государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел.: (+992) 907-50–00–44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*В статье подчеркивается основополагающая роль института социального партнерства в обеспечении развития человеческого капитала, являющегося основным фактором долгосрочного развития хозяйствующих субъектов, особенно субъектов негосударственного сектора экономики. Автор утверждает, что не только государство, но и каждый отдельный хозяйствующий субъект, особенно негосударственный сектор экономики, должен способствовать развитию человека и человеческого капитала, что достигается путем обеспечения развития института социального партнерства. В статье подчеркивается, что реализовать институт социального партнерства «сверху» только законодательным путем невозможно, и именно создание материальных и моральных основ будет способствовать его практической реализации в частном секторе экономики. Автор считает необходимым развивать на этой материальной и духовной основе активный и современный слой отечественных предпринимателей, поскольку именно они могут обеспечить преимущества участия трудящихся в управлении предприятиями и организациями. В этой связи обоснован ряд предложений и рекомендаций, направленных на обеспечение механизмов развития активного и социально ответственного*

*предпринимательства.*

***Ключевые слова:*** *социальная политика, развитие человеческого капитала, институт социального партнерства, негосударственный сектор экономики, предпринимательство, социальная ответственность, трудовой договор, производительность труда.*

## SOME ISSUES OF IMPROVING THE MECHANISMS OF DEVELOPMENT OF SOCIAL PARTNERSHIP IN THE NON-STATE SECTOR OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SHOHIYON ABDURAHIM MAHMADULLO,**
doctoral of the Department of Management and Marketing
of the Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti str. ½;
tel.: (+992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*The article emphasizes the fundamental role of the institution of social partnership in ensuring the development of human capital, which is the main factor in the long-term development of economic entities, especially entities in the non-state sector of the economy. The author argues that not only the state, but also each individual economic entity, especially the non-state sector of the economy, should promote the development of people and human capital, which is achieved by ensuring the development of the institution of social partnership. The article emphasizes that it is impossible to implement the institution of social partnership "from above" only through legislative means, and it is precisely the creation of material and moral foundations that will facilitate its practical implementation in the private sector of the economy. The author believes it is necessary to develop an active and modern layer of domestic entrepreneurs on this material and spiritual basis, since it is they who can ensure the benefits of workers' participation in the management of enterprises and organizations. In this regard, a number of proposals and recommendations aimed at providing mechanisms for the development of active and socially responsible entrepreneurship are substantiated.*

***Keywords:*** *social policy, human capital development, social partnership institution, non-state sector of the economy, entrepreneurship, social responsibility, employment contract, labor productivity.*

УДК 339.543(575.3)

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА ТАМОЖЕННОГО СЕРВИСА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

**АЛИЕВ МАХМАДЖОН БАХРОНОВИЧ,**
к.э.н., исполняющий обязанности доцента кафедры таможенного дела Таджикского государственного коммерческого университета
Тел. (+992) 935-38-80-42; e-mail:alizoda.m13@gmail.com

*В статье рассмотрены современные подходы к повышению качества таможенного сервиса Республики Таджикистан в условиях глобализации и цифровизации мировой экономики. Также выделены основные мировые тенденции, свидетельствующие о процессе внедрения цифровых технологий в таможенную сферу. Даётся оценка основных направлений совершенствование таможенного сервиса, такие как цифровизация процессов таможенного контроля и оформление товаров, использование блокчейна, искусственного интеллекта (ИИ). Особое внимание уделено реализации ЕАИС таможенных органов, системы «Единое окно» и внедрение глобальная система АСИКУДА (включая модуль пассажирских деклараций). Приведены преимущества цифровых операций в повышении эффективности, оперативности, прозрачности, безопасности таможенных процедур и прослеживаемой транспортировки грузов. Определены проблемы институциональной координации и недостаточного уровня автоматизации отдельных процессов. Предложен комплекс рекомендации по цифровизации и оптимизации таможенного сервиса, направленный на повышение его эффективности, прозрачности и ориентированности на потребности участников ВЭД.*

***Ключевые слова:*** *таможенный сервис, цифровая трансформация, цифровое пространство, Единое окно, глобальная система АСИКУДА, Система управления риска, цифровая платформа; электронное декларирование, автоматический выпуск.*

Рост международной торговли в Республике Таджикистан и интеграционные процессы в нашем регионе побуждают к совершенству и эффективности проведения таможенных процедур, а также, высокой скорости обработки грузов при сохранении качества таможенного контроля, что в этих условиях значительно возрастает роль таможенной службы как ключевого регулятора внешнеэкономической деятельности (ВЭД).

«…В эпоху глобальной цифровой трансформации таможенные службы по всему миру активно внедряют инновационные технологии, чтобы сделать процессы более эффективными, прозрачными и удобными для участников внешнеэкономической деятельности. Цифровизация таможенных операций —

это не просто переход от бумажных документов к электронным, а глубокая трансформация всей системы, направленная на ускорение товарооборота, снижение административных барьеров и повышение уровня безопасности» [1].

«…В условиях активной цифровизации таможенное регулирование также претерпевает значительные изменения, что находит свое отражение в переходе к новым формам администрирования и контроля. Одной из ключевых инноваций в этой сфере стала концепция электронной таможни, которая воплощает в себе современные подходы к упрощению, ускорению и автоматизации таможенных процедур. Электронная таможня явилась ответом на вызовы времени, интегрировав в себя современные цифровые технологии и создав основу для нового подхода к таможенному регулированию» [5].

Процесс совершенствования требует изучения, разработку и внедрение путей повышения эффективности таможенной службы. В этих условиях, одним из ключевых направлений реформирования является совершенствование организационно-экономического механизма таможенного сервиса с учетом возможности поэтапного цифровизации таможенной деятельности в Республики Таджикистан.

Необходимо отметить, что эффективный таможенный сервис должен сочетать следующими необходимыми параметрами: высокую скорость обработки информации, прозрачность таможенных процедур, минимизации административных ограничений параллельно сохраняя качественный таможенный контроль и сохранения экономической безопасности страны. С учетом вышеперечисленных параметров цифровизация деятельности таможенной службы становится не только инструментом упрощения процедур для бизнес-сообществ, но и средством усиления государственного контроля и повышения собираемости доходов в бюджет государства.

«Одной из ключевых задач в условиях цифровой трансформации является создание комплексной и систематизированной нормативно-правовой базы, регулирующей деятельность электронной таможни. Необходимо законодательно закрепить ключевые понятия, такие как «электронная таможня», «цифровая таможня» и «интеллектуальная таможня», что позволит унифицировать профессиональную терминологию, устранить разночтения и обеспечить предсказуемость правоприменения. Введение таких дефиниций должно сопровождаться разработкой стандартов и процедур для внедрения передовых технологий, включая искусственный интеллект, технологии блокчейн и интернет вещей» [6].

Теоретическая основа, регулирующая совершенствование организационно-экономического механизма улучшения и цифровизация таможенного сервиса, базируется на нормативно-правовой базе, предполагающую переход от бумажных к автоматизированным и проактивным цифровым сервисам, которые приведены в таблице №1.

**Таблица №1.**

**Теоретические основы регулирующие совершенствования цифровизация таможенного сервиса в Республике Таджикистан**

| № | **Наименование нормативно - правовых актов** | **Дата подписания** |
|---|---|---|
| 1 | Конституции Республики Таджикистан | Конституционный референдум от 6 ноября 1994 года |
| 2 | Таможенный кодекс Республики Таджикистан (измен.) | Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 августа 2018 года №1545 |
| 3 | Концепция развития таможенных органов Республики Таджикистан | Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 октября 2008 года №525 |
| 4 | Концепции развитии электронного Правительства Республики Таджикистан | Постановление Правительство Республики Таджикистан от 30 декабря 2011 года, №643 |
Чи тавре аз ҷадвал бармеояд, дар соҳаи саноати коркард аз рӯйи нишондоди истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои баррасишаванда ҳиссаи вилояти Суғд дар ҷумҳурӣ аз 42–61%-ро ташкил дод ва ба ҳисоби миёна ба 53% баробар аст. Дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об бошад, аз 1–20% баробар шудааст, ки ба ҳисоби миёна ба 13% рост меояд. Инчунин, ба соҳаи истихроҷи маъдан назар андӯзем, аз 66–90%-ро дар бар мегирад, ки ба ҳисоби миёна ба 80 дарсад баробар аст. Дар асоси муайян намудани ҳиссаи аҳолии вилояти Суғд дар теъдоди аҳолии ҷумҳурӣ, метавонем бузургии коэффитсиентҳои истеҳсолот ба ҳар сари аҳолиро муайян намоем. Бояд тазаккур дод, ки ҳиссаи аҳолии вилояти Суғд бо дарназардошти аҳолии умумии ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 29%-ро ташкил медиҳад, бо ибораи дигар иброз намоем, 29%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави вилояти Суғд умр ба сар мебарад.

Чи тавре аз ҷадвал бармеояд, дар соҳаи саноати коркард коэффитсиенти истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ солҳои баррасишаванда аз 1,65 (соли аз ҳама камтарин) то 2,12 (соли аз ҳама зиёд) ташкил кардааст. Ба ҳисоби миёна ба қимати 1,84 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки ташаккули кластерикунонии соҳа, яъне саноати коркард тибқи муқаррароти назариявӣ соҳаи ояндадор аст, яъне метавонем дар ин соҳа кластерҳои интизорӣ барпо карда шавад.

**Ҷадвали 3.**

**Коэффитсиенти истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ**

| **Номгӯй** | **2015** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **ба ҳисоби миёна** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вазни хоси вилояти Суғд дар соҳаи коркарди Тоҷикистон | 0,42 | 0,52 | 0,61 | 0,60 | 0,59 | 0,59 | 0,53 |
| Вазни хосси вилояти Суғд дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об дар ҷумҳурӣ | 0,09 | 0,01 | 0,15 | 0,16 | 0,20 | 0,22 | 0,13 |
| Вазни хосси вилотяи Суғд дар соҳаи истихроҷи маъдан ҷумҳурӣ | 0,78 | 0,76 | 0,66 | 0,77 | 0,81 | 0,80 | 0,80 |
| Аҳолии вилояти Суғд, ҳазор нафар | 2511,10 | 2707,30 | 2783,00 | 2823,90 | 2870,00 | 2917,30 | 2715,59 |
| Аҳолии Тоҷикистон, ҳазор нафар | 8551,20 | 9313,80 | 9716,80 | 9886,80 | 10078,40 | 10288,30 | 9403,99 |
| Вазни хосси ҳамаи аҳолии вилотяи Суғд дар аҳолии Тоҷикистон | 0,29 | 0,29 | 0,29 | 0,29 | 0,28 | 0,28 | 0,29 |
| Коэффитсиенти истеҳсолоти соҳаи коркард ба ҳар сари аҳолӣ | 1,44 | 1,80 | 2,12 | 2,09 | 2,07 | 2,07 | 1,84 |
| Коэффитсиенти истеҳсолоти истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об ба ҳар сари аҳолӣ | 0,31 | 0,05 | 0,52 | 0,55 | 0,71 | 0,76 | 0,45 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Коэффитсиенти истеҳсолоти истихроҷи маъдан ба ҳар сари аҳолӣ | 2,67 | 2,61 | 2,32 | 2,71 | 2,83 | 2,82 | 2,75 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд.–Хуҷанд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С. 9.*

Вале нисбат ба кластерикунонӣ дар вилояти Суғд боз ҳам шароити беҳтар соҳаи саноати истихроҷи маъдан доро мебошад. Тавре мушоҳида карда мешавад, коэффитсиенти мазкур дар ин соҳа аз 2,32 то 2,83 баробар аст, ба ҳисоби миёна 2,75-ро ташкил медиҳад. Яъне аз меъёри муқарраротӣ (аз коэффитсиенти 1) нишондоди соҳаи мазкур ба таври назаррас зиёд аст. Аз ин рӯ, соҳаи саноати истеҳсол ва тақсими неруи барк, газ ва об барои кластерикунонӣ дар вилояти Суғд шароити номуносиб дорад, зеро коэффитсиентҳои ҳисоб кардашуда аз воҳиди 1 бузургии хурд дорад.

Дар ин радиф, боиси таъкид аст, ки се навъи гуногуни коэффитсиентҳое, ки дар боло зикр намудем, соҳа дар ҳамон вакт барои кластерикунонӣ муносиб ҳисоб мешавад, дар ҳолате ки ҳар се коэффитсиенти зикргардида, агар аз коэффитсиенти 1 баланд бошад. Дар ин ҳол соҳа ояндадор, имконпазир ва барои кластерикунонӣ шароити муносибдошта ҳисоб мешавад. Дар ҳолате, ки агар ягонтои коэффитсиентҳои дар боло зикргардида аз воҳиди 1 кам бошад, чунин соҳа барои кластерикунонӣ ғайриояндадор ҳисобида мешавад. Бинобар ин, дар ин ҷо зарур аст, ки барои ҳар як соҳаи саноате, ки мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, қимати коэффитсиентҳоро ба ҳисоби миёна муқоиса менамоем.

1. Натиҷаҳои асосии ҳисобу китоби коэффитсиентҳои таҳқиқшаванда доир ба соҳаи саноати коркард:

А) Бояд Кмаҳаллисозӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 1,10 ≥ 1;

Б) Бояд Кмахсусгардонӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 1,77 ≥ 1;

В) Бояд Кистеҳсол ба ҳар сари аҳолӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 1,84 ≥ 1.

2. Натиҷаҳои асосии ҳисобу китоби коэффитсиентҳои таҳқиқшаванда оид ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан:

А) Бояд Кмаҳаллисозӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 1,44 ≥ 1;

Б) Бояд Кмахсусгардонӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 2,69 ≥ 1;

В) Бояд Кистесолот ба ҳар сари аҳолӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 2,75 ≥ 1.

3. Натиҷаҳои асосии ҳисобу китоби коэффитсиентҳои таҳқиқшаванда доир ба соҳаи саноати тақсимот ва истеҳсоли неруи барқ, газ ва об:

А) Бояд Кмаҳаллисозӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 0,30 ≤ 1;

Б) Бояд Кмахсусгардонӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 0,40 ≤ 1;

В) Бояд Кистеҳсол ба ҳар сари аҳолӣ ≥ 1 дар иқтисодиёти вилояти Суғд 0,45 ≤ 1.

Дар асоси муқоисаҳои дар боло зикргардида боиси таъкид аст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд барои кластерикунонӣ, ҳам соҳаи саноати коркард ва ҳам соҳаи саноати истихроҷи маъдан, ба муқаррароти назаривӣ мутобиқ аст.

Аз ин лиҳоз, ташкил кардани кластерҳо дар ин соҳаҳо ояндадор ҳисобида мешавад, вале нисбат ба соҳаи саноати коркард соҳаи саноати маъдан боз ҳам зарфиятҳои хуб дорад. Бинобар ин, дар сиёсати иқтисодии давалатӣ нисбат ба минтақаҳо, ҳамчунин, сиёсати иқтисодии минтақавӣ бояд масъалаҳои ташаккули кластерҳоро дар соҳаҳои мазкур ба инобат гирифтан мувофиқи мақсад аст. Боиси таъкид аст, ки дар қатори ҳисобу китобҳои коэффитсиентҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба тамоюлоти мусбат дар ин соҳаҳо низ дар вақти интихоби соҳаи кластерӣ мувофиқи мақсад аст. Зеро тамоюли мусбат рушд дар ин соҳаҳо маънои аз нав такмил ёфтани фондҳои асосӣ, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав, васеъ намудани номгӯй ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшавандаро инъикос менамояд. Бинобар ин, аз ин нуқтаи назар соҳаи баррасишаванда бо мақсади кластерикунонӣ ояндадор ҳисобида шавад. Чи тавре аз ҷадвал дида мешавад, коэффитсиентҳои ҳам маҳаллисозӣ, махсусгардонӣ ва истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ ҳам дар соҳаи истихроҷи маъдан ва ҳам коркард тамоюлоти ноустувор дорад. Дар соҳаҳои мазкур бузургии коэффитсиентҳо дар солҳои муаяйн афзоиш ёфта, солҳои дигар коҳиш ёфт ва боз афзоиш ёфтааст, вале дар умум, тамоюли мусбати рушдро дорад. Аз ин лиҳоз, боиси таъкид аст, ки барои солҳои минбаъда ҳам дар соҳаи саноати коркард ва ҳам дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан кластерикунонӣ ояндадор ва самараи хуб бояд диҳад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барномаи махсуси кластерикунии соҳаҳои мазкур коркард карда шуда, марҳала ба марҳала дар амал татбиқ карда шавад.

Чунончи пажуҳишгар В. Конорев иброз намудааст: “Дар замони ҳозира дар назди минтақаҳо ва давлат як масъалаи аввалиндараҷа гузошта шудааст, фаҳмидани оне, ки ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди интернатсионалӣ ва минтақавӣ бо ҳисоби ҷанбаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бо кадом тарз амалӣ гашта истодааст” [3, 37].

Хулоса, ташаккули кластерҳои байнисоҳавӣ ин муамморо ҳал менамоянд, ки ин ҳам бошад, барои рушди устувори иқтисодиёт мусоидат хоҳад кард. Инчунин, ташаккули кластерҳо дар асоси навъҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ва самаранок амал намудани онҳо ба баландшавии рақбатпазирии минтақа ва мақсаднок истифодабарии захираҳои минтақа оварда мерасонад.

## АДАБИЁТ

1. Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С. 182.

2. Абдыров Т., Токтогулов А.К. Проблемы формирования инновационных кластеров в Кыргызской Республике // Инженерно-строительный вестник Прикаспия: научно-технический журнал / Астраханский государственный архитектурно-строительный университет. Астрахань: ГАОУ АО ВО “АГАСУ”, 2017. № 2(20). С. 58-63.

3. Конорев В. Практические аспекты кластеризации как фактора

повышения конкурентоспособности региональной экономики // Вестник Удмуртского университета. Серия «Экономика и право». 2012. №3. С. 35-40.

4. Федина Е. Развитие региона на основе формирования отраслевых кластеров (на примере Челябинской области) Диссертация на соискание ученой степени кандитата экономических наук / ЮУГУ на правах рукописи // Челябинск. –2010. –С.68.

## ОЦЕНКА ОТРАСЛЕВЫХ ПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ В УСТОЙЧИВОМ ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

**ЗИЁЕВА ШАХНОЗАХОН ЗАРИФДЖОНОВНА,**
докторант PhD кафедры «Управления экономикой и маркетинга» ГОУ «Худжанский Государсвенный Университет имени академика Б. Гафурова»
735700, Таджикистан, г. Худжанд, п. Мавлонбекова 1;

*Как известно, формирование отраслевых кластеров играет важную роль в устойчивом экономическом развитии региона. В данной статье оцениваются потенциальные области для формирования кластеров с использованием различных методов, таких как коэффициент локализации, специализации и производства на душу населения.*

***Ключевые слова:*** *кластер, тенденции, эффективность, развитие, отраслевые кластеры, промышленные комплексы, кластерное развитие, коэффициент локализации, коэффициент специализации, коэффициенты производства на душу населения.*

## EVALUATION OF SECTORAL INDUSTRIAL CLUSTERS IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF SUGHD REGION

**ZIYOEVA SHAHNOZAKHON ZARIFJONOVNA,**
Doctoral PhD, Department of Economic Management and Marketing State Education Institution «KhSU named after academician B. Gafurov»
735700, Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov p. 1;
e-mail: ziyaeva.1997@gmail.com

*As is well known, the formation of industry clusters plays an important role in the sustainable economic development of a region. This article assesses potential areas for cluster formation using various methods, such as the localisation coefficient, specialisation coefficient, and per capita production.*

***Keywords:*** *cluster, trends, efficiency, development, industry clusters, industrial complexes, cluster development, localisation coefficient, specialisation coefficient, per capita production coefficients.*

УДК: 316.34:39

# ИҚТИДОРИ ФАРҲАНГӢ ВА МАЪНАВИИ ОИЛА ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**АБИЛЗОДА ГУЛАНДОМ САРДОР,**
номзади илмҳои фалсафа, мудири Шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: (+992) 918-79-08-87, abilova.78@mail.ru

**НАЗАР МУЪМИН АБДУҶАЛОЛ,**
доктори илмҳои фалсафа, дотсент, сарходими илмии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 918-99-12-71; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

*Дар мақола муаллифон доир ба падидаҳои иҷтимоие, ки дар ҷомеаи муосири тоҷик арзи ҳастӣ доранд ва таъсири ин падидаҳо ба оилаи муосири тоҷик беш аз беш ба мушоҳида мерасад, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Муаллифон мақоми иқтидори фарҳангӣ ва маънавии оиларо дар пешгирии ин падидаҳои номатлуби аср ва дар таҳкими ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа муассир арзёбӣ намудаанд. Иҷрои рисолати оила ҳамчун манбаи сармояи иҷтимоӣ на танҳо дар рушди ҷомеаи муосир балки ширкат доштани ин ниҳод дар густураши иқтидори он хеле муҳим дониста мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *оила, фарҳанг, маънавиёт, арзишҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, волидон, фарзандон.*

*“Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд”.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асри XXI дар таърихи оила ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Ҳангоми пажуҳиши масъалаҳои рушди оилаи муосир, бояд таъсири таҳаввулоти иҷтимоӣ, падидаҳои номатлуби давр ва дигар ҳодисаҳои фоиҷиаборе, ки дар таърих ба амал омада, тақдири инсониятро дигаргун кардаанд, ба назар гирифта шаванд. Дар хотираи таърихии инсоният нақш бастааст, ки ниҳоди оила борҳо ба ҳуҷумҳои густурдаи тарафдорони волюнтаризми иҷтимоӣ, инчунин, ба ҳамлаҳои беруна ва ислоҳоти куллӣ

дучор шудааст. Бо дарназардошти таъсири ин падидаҳо ва ҳамлаҳои таърихие, ки то замони имрӯз идома дорад, зарурати беш аз пеш баланд бардоштани иқтидори фарҳангӣ ва маънавии оила пеш меояд. Чун вазифаи фарҳанг интиқол додани меъёрҳои ахлоқӣ, урфу одат, расму оинҳоест, ки ба суннати ниёгонамон мансуб аст, дар мувофиқа бо замони муосир онро ташаккул дода, аз ин арзишҳо, ки пуштибони маънавиёт мебошанд, ҳифозат намоем. Мавқеи махсуси оила дар низоми такрористеҳсоли табиӣ ва иҷтимоии аҳолӣ дар он зоҳир мегардад, ки маҳз оила арзишҳо, урфу одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳои рафтор ва меъёрҳои ахлоқиро аз насл ба насл интиқол дода, пайвастагии наслҳоро таъмин менамояд. Ҳамзамон, оила мавқеи миёнаравиро миёни ниҳодҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин, миёни шаклҳо ва роҳҳои гуногуни фаъолияту зиндагии инсон ва шароити зиндагии ӯ дар фазои муайяни иҷтимоӣ ишғол мекунад.

Давлат барои ҳалли ин масъала борҳо кӯшиш кардааст, ки бисёр вазифаҳои анъанавии оиларо ба уҳда гирад ва онро танзим намояд. Чунин кӯшишҳо аксаран боиси бархӯрдҳои мураккаби инкишофи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва тағйирпазирии ҷиддии муносибатҳои оила ва шахс бо давлат гардид. Дар ин росто, метавон якчанд қонун ва фармонҳои аз ҷониби давлати Тоҷикистон ба тасвибрасидаро доир ба танзими ниҳоди оила ва муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа қайд намуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ” аз 8 июни соли 2007, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, аз 2 августи соли 2011; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», №954, аз 19 марти соли 2013; «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023» ва ғайра ҳаёту фаъолияти муътадили оиларо таъмин мекунанд.

Оила ҳамчун як гурӯҳи хурд ба вазъи иҷтимоӣ ҳассосона муносибат мекунад, зеро ба сохтори рафтор ва натиҷаҳои фаъолияти оила таъсир мерасонад. Оила ҳам системаи макро ва ҳам микрои ҷомеа буда, бо мушкилоти ҳифз ва таҳкими он ҳамчун ниҳод (институ)т ва гурӯҳи хурд мувоҷеҳ мешавад. Мустаҳкам намудани оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза «дахолат»-и дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ ба вазифаҳои оиларо бартараф кардан имконпазир мегардад. Мустаҳкам намудани оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ба афзудани неруи иҷтимоии оила ва дараҷаи татбиқи ин неруҳо дар аксари навъҳои асосии оилаҳо вобаста аст. Бо дарназардошти ин, равишҳои илмӣ дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба оила метавонанд ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шаванд: эволютсионӣ, функсионалӣ, эмпирикӣ, этологӣ ва сиентистӣ (яъне илмгароёна).

- Эволютсионӣ–инкишофи оиларо хамчун ниҳоди (институти) иҷтимоӣ меомӯзад;

- Функсионалӣ – оиларо ҳамчун системаи дорои вазифаҳои мушаххас меомӯзад;
- Эмпирикӣ–таҳқиқоти таҷрибавӣ, ки бо мушоҳида ва ҷамъоварии маълумот дар бораи муносибатҳои оилавӣ асос ёфтааст;
- Этологӣ – муносибатҳои оилавиро аз нуқтаи назари рафторе, ки ба одамон ҳамчун як навъ хос аст, меомӯзад.
- Сиентистӣ–ҳамчун мафҳуми умумӣ муносибати мушаххасро ифода намекунад, балки ба таври умумӣ истифода бурдани усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои эмпирикиро ифода мекунад.

Имрӯзҳо, ки ҷомеаи муосир давраи тағйироти куллии ҷамъиятиро паси сар мекунад, ниҳоди оила бо озмоишҳои нав мувоҷеҳ гардида истодааст. Аз ҷумла, суст шудани назорати иҷтимоӣ, сатҳи пасти зиндагии мардум, сатҳи баланди талоқ, ҳамзамон тамоюли ҳамзистии пеш аз никоҳ ва берун аз никоҳ ва монанд ба ҳамин далелҳои зиёде мавҷуданд, ки аз бӯҳрони ҷиддӣ дар фаъолияти муосири оила шаҳодат медиҳанд. Дар бораи иҷро нашудани вазифаҳои (функсияҳои) асосии иҷтимоии оила, махсусан, аз он шаҳодат медиҳад, ки ду нафар падару модар наметавонанд зиндагии муносибро барои фарзандонашон таъмин намоянд. Афзоиши ҷинояткорӣ миёни ҷавонон ва наврасон, афзоиши зӯроварӣ дар оила ва паҳншавии каҷрафтории иҷтимоӣ аз пурра иҷро нашудани вазифаи иҷтимоикунонӣ ва беасар будани вазифаи репродуктивии оила шаҳодат медиҳанд.

Оила дар бунёд ва бинои шахсият нақши бузург ва мондагор дорад. Ягона ниҳоди иҷтимоие, ки инсон дар тули ҳаёт бо меъёрҳои он бузург мешавад, ба камол мерасад, аммо онро наметавонад иваз намояд, оила аст. Рисолати аввалиндараҷаи ин ниҳод дар он мебошад, ки ҳар як узви он дар ченакҳои иҷтимоие, ки фард ба дунё меояд, мутобиқ гашта, тадриҷан ба меъёрҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ ворид мегардад. Сатҳи маърифату дониш, ҷаҳонбинию тафаккури аъзоёни оила, махсусан, рушду нумуи ояндаи фарзанд аз падару модарон сахт вобаста аст. Оила аввалин ниҳоди иҷтимоишавии фард ба шумор меравад, ки дар он меъёрҳо, арзишҳо, фарҳангу тамаддун, қоида, рафтор ва стереотипҳо (муқаррарот), ки дар фазои хонавода ҳукмрон аст, аз худ карда мешавад, фарзанд ба шахси худшиносу худогоҳ мубаддал мегардад. Фазои ҳукмфармои хонаводагӣ аз муносибату эҳтироми зану шавҳар ва дигар аъзои оила вобастагии калон дорад. Дар ин зимн мутафаккири бу0зург Шайх Саъдии Шерозӣ чунин фармудааст:

*Фарзанд ҳамон кунад ба ҳар ҳол,*
*К-аз модари хеш в-аз падар дид.*

Воқеан, бояд эътироф кард, ки оила маконест, ки фарзандони болиғ аксаран нақшҳои калонсолонро меомӯзанд ва метавонанд онҳоро то андозае

такрор ё дар бораи онҳо андеша кунанд. Тибқи натиҷаи таҳқиқот муайян гардидааст, ки тақрибан 89,3 дарсади (фоизи) фарзандони ноболиғ дар ҳама кор аз падару модари худ намуна мегиранд. Бо вуҷуди ин, баъзан нисбат ба чунин «рафтори тақлидӣ»-и фарзандон беэътиноии падару модарон мушоҳида мегардад. Дар ҳамин замина, арзёбии муносибатҳои байни падару модар ва муносибати онҳо бо дигар аъзои оила низ қаноатбахш нест [3, 69].

Оила падидаи иҷтимоию фарҳангӣ буда, нишонаҳои мавҷудияти он дар тамоми тамаддунҳо дида мешаванд. Ҳеч як тамаддун ҷузъ аз оила дигар воҳиди иҷтимоиро намешиносад, ки дар он инсон тавонад бо ниёзҳои биологии худ бо чунин муносибати «инсонӣ» бархӯрд намояд.

Маънавиёти оила–маҷмуи арзишҳои умумӣ, анъанаву суннатҳо, эътиқод ва меъёрҳои рафтор, ки аъзоёни оиларо муттаҳид месозанд ва ҷаҳонбиниву муносибати онҳоро нисбат ба ҳамдигар ташаккул медиҳанд. Албатта, ин аз ҷаҳони маънавии ҳар як узви оила (хонавода) иборат буда, дар муҳаббат, эҳтиром, ростқавлӣ, масъулият, ғамхорӣ, кумакрасонӣ, инчунин, дар риояи расму оинҳои оилавӣ зоҳир мегардад.

Дар марҳалаи тағйирёбии ҷомеаи муосир оила (хонавода) дар саргаҳи падидаҳои номатлуби аср қарор дорад, ки ҳар кадом он вобаста ба зарурат ва ногузирии худ ба ченакҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа, бахусус оила, таъсири амиқи худро мерасонад. Муҳаққиқ Э.Дюркгейм коҳиши ҳамбастагии оиларо дар замони худ ҳамчун манбаи муҳимми муносибатҳои байнишахсӣ, натиҷаи коҳиши андозаи оила (хонавода) қайд кардааст. Ӯ мафҳуми “аномия”-ро ворид намуда, маънои онро чунин шарҳ медиҳад: «Аномия ҳолати ҷомеаро ифода мекунад, ки дар он танзими қатъии ахлоқии рафтори фард вуҷуд надорад ва арзишҳои пештара амал намекунанд ва арзишҳои нав ҳанӯз пойдор нашудаанд» [1, 239].

Пажуҳишгар Ф.Тумусов бухрони оиларо омили асосии бухрони тамаддунӣ мешуморад, ки бо шикасти марҳалаи тамаддунии шуравӣ ва душвориҳои бунёди марҳалаи нав алоқаманд аст. Ин раванд боиси аз даст рафтани маънои зиндагӣ ва фурӯпошии низоми арзишҳо гардид, ки самтҳои рушди шахсиятро муайян мекард. Ин ҳолат бештар ба насли ҷавон таъсир расонид. Бенизомии арзишӣ, ки дар шуури ҷавонон ҳукмфармост, сабаби равшани падидаҳои маъмули имрӯз–надоштани ахлоқи меҳнатӣ, рафтори зиддиҷамъиятӣ, бераҳмӣ, хашмгинӣ ва таъсирпазирӣ аз омилҳои беруна мебошад [4, 156].

Масъалаҳои оила ва арзишҳои оилавӣ дар ҷомеаи муосир нақши муҳим доранд, ки ин ҳамзамон бо бухрони сустшавии ниҳоди оила вобаста мебошад. Барои инсон оила арзиши асосии зиндагӣ ба шумор меравад. Афзалият ва арзишҳои оилавӣ дар солҳои охир хеле тағйир ёфтаанд. Баъзе олимон ин равандро бухрони арзишҳои оилавӣ меноманд, дигарон бар он

назаранд, ки оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар ҳоли тағйирёбист, аммо дар асл оила ба шароити нав мутобиқ мешавад. Марзҳо байни арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои ғайриоилавӣ тадриҷан аз байн мераванд. Хусусан, дар раванди ҷаҳонишавӣ муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва технологияи иртиботии муосир ба сохтори оила, анъанаҳои оилавӣ ва ҳувияти миллӣ бетаъсир намондаанд ва батадриҷ фарҳанги бегонаро низ паҳн мекунанд. Таъсири ҷаҳонишавӣ, асосан, тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ, паҳншавии фарҳанги бегона, тағйирёбии амсилаҳои истеъмолӣ ва кам шудани нуфузи анъанаҳо эҳсос мешавад. Ҷавонон, ки аз тариқи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо ҷаҳон шинос мешаванд, ба амсилаҳои гуногуни оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, тарбияи кӯдак ва ҳатто арзишҳои ахлоқии дигар кишварҳо майл пайдо мекунанд [2, 285].

Қувваи фарҳангӣ ва маънавии оила дар нақши он ҳамчун нигоҳдорандаи анъана, арзиш ва принсипҳои ахлоқӣ ифода меёбад, ки аз насл ба насл гузашта, шахсиятро ташаккул дода ва пояҳои ҷомеаро мустаҳкам месозанд. Оила иҷтимоишавии фард, тарбияи фарзандон, дастгирии эҳсосӣ ва амнияти иқтисодиро таъмин менамояд, ки ин ҳама ба устуворӣ ва рушди ҳам шахс ва ҳам ҷомеа мусоидат мекунад. Оила дар раванди иҷтимоикунонии миллӣ низ ҳамчун шарти муҳим ва омили фаъол амал мекунад. Яъне маҳз оила тавассути тарбияи ҳаррӯза ва меросгузории арзишҳои миллӣ замина мегузорад, ки шахс эҳсоси узвияти худро ба миллат пайдо кунад [5].

Иқтидори фарҳанги оиладорӣ ва моҳияти асоси он, ки урфу одатҳо ва манфиатҳо аъзои оиларо муттаҳид намуда, онҳоро на танҳо бо пайванди хунӣ, балки аз ҷиҳати руҳонӣ ҳам наздик месозад. Ва якҷоя гузаронидани вақти фароғат ба онҳо кумак мекунад, ки бо ҳамдигар забони умумӣ пайдо кунанд, муоширát намоянд ва бовар ҳосил кунанд, ки онҳо ба ҳамдигар ниёз доранд. Ин иқтидори фарҳангие мебошад, ки оиларо муттаҳид месозад.

Муҳаққиқ О.Шаваева классификатсияи арзишҳои оилавиро бар асоси таърифи оила чунин анҷом додааст. Арзишҳои оилавиро метавон вобаста ба унсурҳои робита дар дохили оила ҷудо кард. Дар ин замина се гурӯҳи асосии арзишҳои оилавӣ фарқ карда мешаванд:

1) арзишҳое, ки бо муносибатҳои ҳамсарӣ вобастаанд;

2) арзишҳое, ки бо падару модарӣ ва тарбияи фарзандон алоқаманданд;

3) арзишҳое, ки ба робитаҳои хешутаборӣ таалluқ доранд [6].

Дар шароити гуногуни сохторҳои иҷтимоӣ, оила ҳамчун манбаи ғанисозанда ва нигаҳдорандаи асосии арзишҳои байнинаслӣ амал мекунад. Вобаста ба навъи сохтори иҷтимоӣ, оила дорои мақом, сохтор, навъҳои муносибат ва вазифаҳои хосси худ мебошад. Бо вуҷуди ин, ба он мустақилияти нисбӣ низ хос аст, ки имкон медиҳад, дар ҳар давра ва зери ҳар гуна низоми иҷтимоӣ арзиш, меъёр ва анъанаҳои хосси худро ҳифз ва

интиқол диҳад [3, 21].

Хулоса, дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи арзишҳо ва анъанаҳои оилавӣ яке аз масъалаҳои стратегии рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ба шумор меравад. Арзиш ва анъанаҳои суннатии оилавӣ дар замони муосир заминаи таҳкими устувории иҷтимоӣ, ҳувияти миллӣ ва ягонагии наслҳоро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди таҳдидҳои беруна ва таҳаввулоти дохилӣ, оилаҳои Тоҷикистон имкони нигоҳ доштани арзишҳо ва анъанаҳои миллиро доранд. Дар шароити рушди иқтисодӣ ва бархӯрди фарҳангҳо оилаҳо на танҳо анъанаҳо ва арзишҳои мусбати суннатиро нигоҳ медоранд, балки иқтидори фарҳангӣ ва маънавии онҳоро мутобиқ ба шароити ҷомеаи муосир ташаккул медиҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Дюркгейм Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение. М.: Канон, 1995.– 396 с.
2. Механизмҳои иҷтимоии ташаккули ҳувияти аҳолӣ ва рушди сармояи иҷтимоӣ //Маводи Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 23 майи соли 2025). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 326с.
3. Назархудоева Л. Современная семья в Таджикистане: состояние, проблемы функционирования и развития (Социально-философский анализ)”: дис. … канд. филос. наук. –Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН Тоҷикистон.–Душанбе, 2016.–148 с.
4. Тумусов Ф. Семья и постиндустриальная цивилизация // Вопросы философии. 2001. №12. 153-162.
5. Шодмон К. Роль семьи в формировании национальной идентичности: дис. … канд. филос. наук. – Душанбе: Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН Тоҷикистон, 2014. – 149 с.
6. https://cyberleninka.ru.


# КУЛЬТУРНАЯ И ДУХОВНАЯ ПОТЕНЦИАЛ СЕМЬИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ


**АБИЛЗОДА ГУЛАНДОМ САРДОР,**

кандидат философских наук, заведующая Отделом
социальной философии Института философии, политологии
и права им. А. Баховаддинова НАНТ
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел : (+992) 918-79-08-87, abilova.78@mail.ru

**НАЗАР МУЪМИН АБДУДЖАЛОЛ**,

доктор философских наук, доцент, главный научный сотрудник
Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова
Национальной академии наук Таджикистана

734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел.:(+992)918-99-12-71; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

*В статье авторы анализируют и изучают социальные явления, существующие в современном таджикском обществе, и всё более заметное влияние этих явлений на современную таджикскую семью. Авторы оценивают роль культурного и духовного потенциала семьи в предотвращении этих нежелательных явлений века и в укреплении социально-политической и экономической жизни общества. Реализация миссии семьи как источника социального капитала считается весьма важной не только для развития современного общества, но и для расширения его потенциала.*

***Ключевые слова:*** *семья, культура, духовность, ценности, социальные нормы, социализация, родители, дети.*

## CULTURAL AND SPIRITUAL POTENTIAL OF THE FAMILY IN MODERN SOCIETY

**ABILZODA GULANDOM SARDOR**
Candidate of philosophical sciences, Head of the Department of Social Philosophy, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov, NAST
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 918-79-08-87, abilova.78@mail.ru

**NAZAR MU'MIN ABDUJALOL,**
Doctor of philosophical sciences, associate professor, Chief Researcher at the Institute of philosophy, political science and law named after A.Bahovaddinov of the NAST
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 918-99-12-71; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

*In this article, the authors analyze and examine social phenomena existing in contemporary Tajik society and their increasingly noticeable impact on the modern Tajik family. They assess the role of the family's cultural and spiritual potential in preventing these undesirable phenomena of the century and in strengthening the socio-political and economic life of society. Fulfilling the family's mission as a source of social capital is considered crucial not only for the development of modern society but also for expanding its potential.*

***Keywords:*** *family, culture, spirituality, values, social norms, socialization, parents, children.*

УДК: 130. 3 (575.3) – (575.1)

# АХЛОҚ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР АФКОРИ МУОСИРИ ФАЛСАФӢ

**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025,Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

**ҚУРБОНОВ АБДУРАҲИМ МАҲМАДЮНУСОВИЧ,**
н.и.п., дотсент, мудири кафедраи воситаҳои энергетикӣ ва бехатарии меҳнати факултети механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146;
e-mail: kam8184@mail.ru

*Дар мақола тағйири дидгоҳҳои арзишии ахлоқӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаҳо, махсусан, дар ҷомеаҳои ғарбӣ, мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Қайд мешавад, ки чунин тағйирдиҳӣ дар мавқеъгирии кишварҳои ғарбӣ дар қиболи Ҳукумати кунунии ИМА мусоидат намуд, чун он дар сиёсати имрӯзаи худ арзишҳои демократӣ ва ахлоқии анъанавиро ташвиқ мекунад ва кӯшиш менамояд, ки онҳоро дар саҳнаи байналмилалӣ татбиқ намояд. Мавқеи Ҳукумати имрӯзаи ИМА дар масъалаҳои арзишӣ аз тарафи Ҳукумат ва нухбагони бузурги ғарбӣ аслан дастгирӣ карда намешавад, аммо чун онҳо мустақилияти сиёсӣ ва мавқеи устуворро соҳиб нестанд, дар бисёр мавридҳо ба онҳо муқобилат карда наметавонанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки дар меҳвари мавқеъгирии кишвари Амрико дар масъалаҳои арзишӣ, пеш аз ҳама, манфиатҳои миллии ИМА қарор дорад, чун на ҳамаи баҳогузориҳои онҳоро нисбат ба бисёр масъалаҳо, аз ҷумла, ба масъалаҳои сиёсию интихоботӣ ва ғайра дуруст ва объективӣ баҳогузорӣ намудан, дуруст аст.*

*Дар масъалаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад, ки як қатор омилҳое вуҷуд доранд, ки барои пешрафти тафаккури имрӯза монеаҳо эҷод мекунанд ва сабаб мешаванд, ки дар давлат тамоюлҳои манфӣ ва радикалӣ пайдо шаванд. Барои ташаккули ҷомеаи муосир муаллифон такя ба илм ва таҳкими тафаккури илмиро аввалиндараҷа ҳисобида, тафаккури ғайриилмиро мавриди танқиди шадид қарор медиҳад. Тафаккури ғайриилмӣ ба оқибмонии ҷомеа, махсусан, насли ҷавон оварда, сабаби пайдошавии ҳаракатҳои гуногуни тундгарою террористӣ мегардад.*

*Муаллифони мақола хулосабарорӣ мекунанд, ки ҳар тағйироту*

*дигаргунӣ барои Тоҷикистон бояд дар пояи арзишҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва зеҳнияти миллӣ татбиқ карда шавад ва маҳз дар ин ҳолат метавонанд самараи мусбатро ба бор оваранд.*

***Калидвожаҳо:*** *ахлоқ, Олами Ҷануби глобалӣ, демократия, либерализм ва неолиберализм, арзишҳои демократӣ, давлат, Иттиҳоди Аврупо, интихоботҳои шубҳанок ва намоишӣ, адолати иҷтимоӣ, илм, масъулият, гурӯҳҳои террористӣ.*

Дар фалсафаи сиёсӣ вобаста ба баҳсҳои илмӣ доир ба муносибати меъёрҳои алоқӣ ва сиёсӣ дар заминаи назарияи «реалистони сиёсӣ» ду мавқеъгирӣ вуҷуд дорад. Дар мавқеи аввал, ки чун назари «ғайриахлоқӣ» шинохта мешавад, меъёрияти сиёсӣ ҳамчун падидаи мустақил ва бетафовут нисбат ба меъёри ахлоқӣ фаҳмида мешавад. Дар мавқеи дуюм, ки «назарияи полоиш» ном дорад, меъёр ва дастурҳои ахлоқӣ метавонанд «аз полоиши сиёсат» гузаранд, то ки бо хусусиятҳои асосии сиёсат мутобиқ гарданд. Гарчанде назари аввал дар бисёр ҳолатҳо мавриди интиқод қарор гирифтааст, ҷанбаҳои аслии мавқеи дувумӣ то ҳол норавшан боқӣ монда, пурра рушд накардааст. Барои пешбурди баҳс пиромуни ҷанбаи меъёри ахлоқии сиёсӣ, ба масъалаи чи гуна тавассути сиёсат полоиш ёфтани меъёрҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ кардан муҳим аст. То имрӯз, ба истисноӣ кӯшишҳои Ч.Лармор ва ин ҳам бошад, барои фарқ кардани фалсафаи сиёсӣ аз фалсафаи ахлоқӣ, таҳлили систематикӣ дар ин мавзуъ кам анҷом ёфтааст.

Мо ба таври интиқодӣ даъвои пажуҳишгар Ч.Ларморро рад мекунем, ки фалсафаи сиёсӣ бояд машруият (легитимият)-ро бар меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла, адолат бартарӣ диҳад. Ба андешаи мо, ҳеч яке аз хусусиятҳои сиёсӣ чунин талаб намекунад ва баръакс, ҳодисаҳои сиёсии бисёр кишварҳо дар солҳои охир нишон медиҳанд, ки сатҳи риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба яке аз омилҳои муҳимми устуворӣ ва ҳамчунин, ноустувории низомҳои сиёсӣ табдил ёфта истодааст. Масалан, пошхӯрии низоми сиёсии Сурия тавассути шӯришиён қазовати қаблиро ба хубӣ исбот менамояд, ки риоя нашудани меъёрҳои ахлоқӣ дар амалҳои сиёсӣ боиси таназзули машруияти онҳо мегардад.

Бо такя аз таҳлили равандҳои сиёсӣ метавон гуфт, ки таркиби ҳар як назарияи асосноки сиёсӣ ҳатман аз усулҳои бунёдии ахлоқӣ низ иборат аст. Азбаски усулҳои сиёсӣ ба танзими ниҳодҳои асосӣ ва тартиботи ҳуқуқию сиёсӣ равона шудаанд, онҳо наметавонанд ҳамчун принсипҳои бунёдӣ хизмат кунанд. Усулҳои бунёдӣ аз ҷомеа ё низоми сиёсӣ мустақил буда, меъёрҳои асосии сиёсатро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо ҳар як назарияи асосноки сиёсӣ бояд дар мавриди муайян ба пешфарзҳои ахлоқӣ низ такя кунад, зеро аз баҳсҳои ҷорӣ дар бораи меъёрияти сиёсӣ чунин бармеояд, ки фаҳмидани он ҳамчун як навъи меъёрии ғайриахлоқӣ (ё

ихтиёран ахлоқӣ) як шакли бунбаст аст. Яъне мақолҳои маъмул дар бораи он ки барои сиёсат риояи меъёрҳои ахлоқӣ муҳим нест, на ҳамеша дурустии худро исбот карда метавонанд. Аммо дар баробари қазоватҳои боло ин масъала низ муҳим аст, ки чӣ гуна меъёрҳои ахлоқӣ дар меъёрҳои сиёсӣ нақш мебозанд? Реалистоне, ки пурра меъёрҳои ахлоқиро рад намекунанд, чунин даъво доранд, ки меъёрҳои ахлоқӣ тавассути сиёсат «полоиш» мешаванд, «бо ин маъно, ки вазн, самт ва аҳаммияти омилҳои гуногун ба таври системавӣ тавассути хусусиятҳои конститутсионии сиёсат тағйир меёбанд». Ин фикр аз бисёр ҷиҳат мантиқӣ ба назар мерасад, аммо дар баробари ин, исботи маънои мушаххаси он низ муҳим ба назар мерасад ва то имрӯз ба яке аз саволҳои таҳлилӣ боқӣ мемонад.

Дар робита бо ин, яке аз роҳҳои хуби ҷавоб додан ба ин савол таҳлили он аст, ки кадом чиз таҳқиқи меъёрҳои ахлоқиро дар фалсафаи сиёсӣ мубрам сохтааст? Имрӯз кам касон фалсафаи сиёсиро як зеркатегорияи фалсафаи ахлоқӣ ё танҳо «фалсафаи амалӣ»-и ахлоқӣ медонанд. Аммо миёни муҳаққиқон пайваста ин масъала мавриди баҳс аст, ки чӣ фарқ байни таҳқиқоте, ки дар фалсафаи сиёсӣ анҷом дода мешавад, бо фалсафаи ахлоқӣ вуҷуд дорад? Таърихан, фалсафаи сиёсӣ аксар вақт ҳамчун як қисми васеътарини фалсафаи ахлоқӣ дониста мешуд, аммо, тавре ки пажуҳишгар Ч.Лармор таъкид мекунад, фаҳмиши дурусти фалсафаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки он аз фалсафаи ахлоқӣ хеле амиқтар фарқ мекунад.

Тибқи як назар, хусусияти фарқкунандаи фалсафаи сиёсӣ дар он аст, ки он рафтори дастаҷамъиро танзим мекунад, масалан, қабули қарорҳои коллективӣ ё ҳалли мушкилоти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар ҳоле ки фалсафаи ахлоқӣ рафтори инфиродиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар сатҳҳои гуногун танзим менамояд. Бо вуҷуди ин, гарчанде ин аксар вақтҳо дуруст аст, як назарияи ахлоқӣ метавонад инчунин, ба рафтори коллективӣ тамаркуз кунад (масалан, амалҳои ахлоқии як субъекти коллективӣ). Масъалаҳои марбут ба агентии коллективӣ дар фалсафаи ахлоқӣ аксар вақт бо баҳсҳо дар бораи масъулият, амал ва одоб рабт доранд. Ин баҳсҳо ба гурӯҳҳо ё субъектҳои коллективӣ (ба монанди ширкатҳо, миллатҳо ва гурӯҳҳои ташкилшуда) ва қобилияти онҳо дар амалҳои ахлоқӣ ё ғайриахлоқӣ, бо ирода ё беирода ва инчунин масъулияти ахлоқии онҳо марбутанд.

Равиши дигари беҳтар муайян кардани аломатҳои фарқкунандаи масъалаҳои дар фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ баррасишаванда – муқоисаи ин масъалаҳо аст, ки чӣ гуна онҳо ба мавзуъҳои хос тааллуқ доранд. Тибқи ин назар, фалсафаи сиёсӣ ҳамеша бо масъалаҳои марбут ба идоракунии низоми сиёсӣ, ба монанди давлат ё ниҳодҳои асосии ҷомеа, машғул аст. Ин ҷанбаи фарқкунандаи фалсафаи сиёсӣ аст, зеро фалсафаи ахлоқӣ аслан бевосита бо ин масъалаҳо сарукор надорад ва танҳо ба сатҳи афзалиятдиҳии

меъёрҳои ахлоқӣ дар ин равандҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Саволу масъалаҳои маъмуле, ки аз ин нигоҳ дар фалсафаи сиёсӣ баррасӣ мешаванд, аз ин иборатанд:

–беҳтарин шакли ҳукумат кадом аст? Адолат дар низоми ҷамъиятии ин ва ё он кишвар чӣ гуна татбиқ мешавад? Ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандон кадомҳоянд? Озодии сиёсӣ чист? Манбаи қудрати сиёсӣ дар чист?

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба идоракунӣ ва ниҳодҳои асосии ҷомеа аз нигоҳи фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ, як хусусияти дигари муҳим он аст, ки дар бораи дурустию нодурустӣ ва некию бадӣ ихтилофи амиқ вуҷуд дорад, инчунин, дар бораи худи табиати неку бад низ ихтилофоти амиқ дида мешавад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои марказии фалсафаи сиёсӣ муайян кардани он аст, ки чӣ гуна метавон тартиби сиёсиро ба таври асоснок ташкил ва ташаккул дод, бо дарназардошти он ки на танҳо дар бораи адолат, балки дар бораи худи табиати ахлоқ низ ихтилофи назарҳои асоснок вуҷуд дорад. Дарвоқеъ, қабл аз даврони муосир, ин мушкилот тамоман эътироф намешуд, зеро ихтилофи назарҳо дар бораи масъалаҳои ахлоқии дар ҳаёти сиёсии ҷомеаҳо ҷойдошта кам ё тамоман ба назар гирифта намешуд. Ба ҷойи ин, ақидаи ҳукмрон он буд, ки риоя ва истифодаи ҳатмии неруи ақлии инсон, аз ҷумла элитаи сиёсӣ дар ниҳоят ба ваҳдат ва иттифоқи ҷомеа ва назарҳо хоҳад овард.

Ҳамин тавр, дар баҳси мавзуи фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ таносуби ду масъалаи хеле муҳим барои таъмини ҳастии низомҳои сиёсӣ, яъне сатҳи афзалиятёбии қонуният ва адолат дар равандҳои ташкил ва идоракунии ҳаёти ҷомеаҳо аҳаммияти хос пайдо мекунад. Бо дарназардошти он ки ин мавзуъ дар ҳаёти ҷамъиятии давлатҳои муосир ба яке аз масъалаҳои мубрам баҳри таъмини суботи онҳо табдил ёфтааст, аммо таҳлили васеътари он муҳим мебошад, зеро баъзан дар умум, андешае роиҷ аст, ки бо таъмини формалии масъалаи машруиятнокӣ пояҳои суботи сиёсии ҷомеа таъмин мегарданд. Вале таҳлили ҳаёти сиёсии аксари ҷомеаҳои ба мушкилот дучоршуда дар замони ҳозира гувоҳи он аст, ки дар воқеият масъала мураккаб буда, ба инобат нагирифтани таъмини асосҳои ахлоқии ташкил ва идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ таъсири номатлуб ба суботи ҷомеа мерасонад.

Масалан, муҳаққиқ Чарлз Лармор ба ин бовар аст, ки қонуният бояд «объекти асосии фалсафаи сиёсӣ» бошад, зеро он ба «шароите дахл дорад, ки тибқи онҳо қоидаҳои иҷрошаванда метавонанд бо асосмандӣ ба аъзои ҷомеа таҳмил карда шаванд». Аз ин рӯ, қонуният бояд дар мадди аввал қарор гирад ва адолат танҳо нақши дуюмдараҷа дошта бошад. Ӯ ин мавқеи худро боз ҳам амиқтар баён мекунад ва далел меорад, ки бояд аввал масъалаи қонуниятро ҳал кард, пеш аз он ки ба саволҳои адолат рӯ биёрем: «Танҳо дар

сурате, ки низоми сиёсии муайян каму беш қонунист, метавон пурсид, ки он бояд кадом принсипҳои адолатро татбиқ кунад».

Сабаби тамаркуз ба қонуният, ба гуфтаи Ч.Лармор, дар он аст, ки вазифаи аслиаш муайянкунии он аст, ки кадом низоми сиёсӣ метавонад ба таври асоснок қоидаҳои ҳатмии идоракуниро барои ҳалли низоъҳо байни одамон таҳмил кунад, аз ҷумла, низоъҳое, ки аз ихтилофи ақидаҳои асоснок дар бораи адолат бармеоянд. Ҳамчунин, қонуният ба давлат ҳақ медиҳад, ки қудрати маҷбуран иҷрокунии худро татбиқ намояд, дар ҳоле ки на танҳо барои он ки қонунҳо одилонаанд, ё на танҳо аз тарси ҷазо–шаҳрвандон уҳдадоранд итоат кунанд, балки барои он ки давлат ҳақ дорад қонунҳоро барои танзими рафтори шаҳрвандон таҳия намояд.

Ҳамин тавр, масъалагузории мазкур ба он ишора мекунад, ки ахлоқи сиёсӣ танҳо бо баррасии фаҳмишҳои шахсӣ дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла, адолат дар ҳаёти ҷомеа маҳдуд намешавад, балки нақши онҳоро васеътар дар ташкил ва идоракунии сиёсии ҷомеа баррасӣ менамояд. Аз ин рӯ, дар дараҷаи дуюм қарор доштани баҳси ин масъала тибқи андешаи Ч.Лармор, ки ҳарчанд ба равиши реалистии фалсафаи сиёсӣ марбут аст, на ҳамеша ба воқеият дуруст меояд.

Барои пайравони равиши реалистӣ дар фалсафаи сиёсӣ ҳадафи асосии низоми сиёсӣ таъмини тартибот ва субот мебошад, ки танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар дар ҷомеа як ҳокимияти қонунии эътирофшуда вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, қонуният таҳкурсии зарурӣ барои расидан ба ҳама гуна ҳадафҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ, аз ҷумла адолат, шуморида мешавад.

Мунаққидони ин равиши таҳлилии масъала ба он таъкид менамоянд, ки яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсат–риояи дастрасии боадолатонаи мардум ба сарчашмаҳои ҳаёти шоиставу сармояи рушд дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ташкили риояи боадалотонаи ин манбаъҳо аз афрод ва ниҳодҳои нисбат ба ин масъалаҳо тасмимгиранда аз он иборат аст, ки онҳо бояд, пеш аз ҳама, маҳаки фаъолияти худашонро рӯйи меъёрҳои ахлоқӣ устувор созанд. Аз ин ҷиҳат, агар мо чунин дар назар дошта бошем, ки танҳо қонуният бояд аввал қарор гирад, пас ин метавонад асоси тасмимгириҳои васеътарро дар бораи адолат ва баробарии сиёсии шаҳрвандонро нодида гирад. Пеш аз он ки мо ба масъалаи тақсимоти одилонаи неъмат ва уҳдадориҳо бирасем, бояд муайян созем, ки дар кадом шароит чунин тартиби тақсимот бо истифодаи иқдоми давлатӣ қонунист.

Бо дарназардошти ҷанбаи усулӣ доштани масъалаи дар боло зикршуда танқиди мафкураи сиёсии холӣ аз меъёрҳои ахлоқӣ меафзояд ва олимони ин самт омили калидии ба мушкилот дучор шудани низомҳои муосири сиёсиро аз ҳамин иборат медонанд. Вокуниши аввалин ба ин назарияи «афзалияти қонуниятнокӣ» он аст, ки на қонуниятро «пеш» аз адолат баррасӣ намоем, балки баръакс, маҳз адолатро барои таҳлили шароити қонуният истифода

барем. Мумкин аст гуфта шавад, ки «принсипҳое, ки ҳуқуқи давлатро барои татбиқи қудрати маҷбурӣ нисбат ба гурӯҳи муайяни одамон муайян мекунанд, усулҳои адолат мебошанд.

Яке аз намояндагони маъруфи ин равия Райнер Форст ба шумор меравад. Ба гуфтаи Райнер Форст, мо наметавонем молҳоро ҳамчун захираҳои пешакӣ мавҷудбуда ё «неъматҳои аз осмон афтода» баррасӣ кунем, зеро онҳо қабл аз амалияҳои иҷтимоӣ, ки онҳоро эҷод мекунанд, вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, Райнер Форст баҳси адолатро аз ҳудуди тақсимоти захираҳо фаротар бурда, ба таҳлили амиқи шароити иҷтимоӣ, ки барои ҷомеаи одилона заруранд, мегузаронад. Аз ин рӯ, мувофиқи ин назар, принсипҳои қонуният ва адолати тақсимотӣ дар як сатҳ қарор доранд ва ҳарду ба принсипҳои ахлоқии бунёдӣ вобастаанд.

Ҳамин тавр, асоси бунёдии ин равиши фикрӣ аз он иборат аст, ки усулҳои қонуният ва адолати тақсимотӣ ба принсипҳои ахлоқии амиқтар вобастаанд. Райнер Форст чунин мешуморад, ки мо наметавонем молу неъматҳоеро, ки тақсим мешаванд, ҳамчун як чизи пешакӣ мавҷудбуда ё як навъ «неъмати осмонӣ» шуморем, зеро онҳо пеш аз он ки тақсим карда шаванд, бояд тавассути амалиёти иҷтимоӣ тавлид гарданд. Агар мо сохторҳои иҷтимоиро, ки нобаробариро эҷод мекунанд, таҳлил накунем, пас баҳси адолати тақсимотиро дуруст дарк намекунем. Аз ин рӯ, Форст хулоса мекунад, ки усулҳои қонуният ва адолати тақсимотӣ ҳар ду ба принсипҳои ахлоқии амиқтар вобастаанд ва афзалияти қонуният аз рӯйи ин далел заиф мешавад. Ба андешаи мо, бо вуҷуди саҳеҳияти андешаҳои Райнер Форст, инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки тақсимот на танҳо ба неъматҳои моддӣ, балки ба масъалаҳое, амсоли таъсири баробар дар сиёсат, қабули баробари ҳокимият ва ҳуқуқи баробар барои асосноккунии қонунҳо низ дахл дорад. Бинобар ин, қонуният ва адолат набояд дар ихтилоф бо ҳам гузошта шаванд, балки бояд ҳамчун ду ҷузъи ҳамбастаи фалсафаи сиёсӣ дида шаванд. Агар мо қонуниятро ҳамчун як шарт барои амалӣ кардани адолати тақсимотӣ қабул кунем, пас адолати тақсимотӣ низ метавонад ҳамчун асосе барои ҳалли ихтилофи назарҳо дар бораи қонуният хидмат кунад. Ба ин маъно, фалсафаи сиёсӣ набояд танҳо ба як тарафи баҳс тамаркуз кунад, балки бояд ба ҳамгироии ҳарду унсур кӯшиш намояд.

Дар амалияи ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мо маҳз бештар ба ҳамгироии ҳар ду унсур, яъне таносуби мутавозини адолат ва қонуният дар мавриди тасмимгириҳои сиёсӣ мувоҷеҳ мегардем. Чунин таносуби мутавозини адолат ва қонуният дар мавриди тасмимгириҳои сиёсӣ тайи солҳои таҷлили Истиқлоли давлатӣ тавонист суботи ҷомеа ва рушди онро заминасозӣ намояд.

Дар маҷмуъ, дарки муҳтавои мунозираи мазкури дар боло баёншуда ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи воқеии нақши мулоҳизаҳои ахлоқиро дар сиёсат

дарк кунем, инчунин, мафҳуми «полоиш аз тариқи сиёсат»-ро фаҳмем. То ҳол, мо аз як даъвои нисбатан маъмулӣ ҳимоят кардем, ки мулоҳизаҳои меъёрии хусусияти ахлоқидошта дар фалсафаи сиёсӣ муҳимманд. Дақиқтараш, ду навъи меъёрҳое, ки дар ин ҷо мавриди таваҷҷуҳанд, меъёрҳои сиёсӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ мебошанд. Ҳоло, масъалаи нақши меъёрҳои ахлоқӣ дар назарияи сиёсат ба таври табиӣ вобаста ба он аст, ки чӣ гуна мо хатти фарқиятро байни меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ вобаста ба сатҳи татбиқи сиёсатгузориҳои дохилию хориҷии кишварҳо мекашем.

Аз як ҷиҳат мо метавонем ҳамаи меъёрҳои танзимкунандаро, ки ба хосиятҳои зарурӣ барои бақои ҷомеаи сиёсӣ, масалан, сатҳи ҳадди ақалли тартибот ва субот ё дигар «ҳадафҳои сиёсат» дахл доранд, ҳамчун ахлоқӣ ҳисоб кунем. Бо вуҷуди ин, дар чунин ҳисоб, қариб ҳамаи арзишҳо ва меъёрҳое, ки дар садсолаи охир дар назарияи сиёсӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд, ҳамчун меъёрҳои ахлоқӣ донista мешаванд ва қариб ҳамаи принсипҳое, ки дар фалсафаи сиёсӣ пешниҳод шудаанд, бояд ҳамчун принсипҳои ахлоқӣ номбар шаванд, на сиёсӣ. Дар ин сурат, принсипҳои адолати Ролз принсипҳои сиёсӣ не, балки принсипҳои ахлоқӣ мегарданд. Ҳарчанд чунин истифода метавонад бенуқсон бошад, он инчунин баҳсро маҳдуд ва нодуруст нишон медиҳад.

Тавре ки қаблан ишора шуд, мо марзбандии ҷолибтарини байни фалсафаи ахлоқӣ ва сиёсиро чунин дарк мекунем, ки охирин ба масъалаҳои марбут ба идоракунии сохтори сиёсӣ, ба монанди давлат ё ниҳодҳои асосии ҷомеа, тамаркуз мекунад. Принсипҳои марбут ба ин хосиятҳо, пас бояд ҳамчун принсипҳои сиёсии дар робита бо меъёрҳои ахлоқӣ қарордошта номбар шаванд. Ҳар як принсипи сиёсие, ки эътибор дорад, ҳадди ақалл аз як фарзияи ахлоқии асосӣ дастгирии асосноккунанда мегирад. Ба ибораи дигар, меъёрҳо ё принсипҳои ахлоқӣ дар асосноккунии ҳар як меъёри сиёсӣ нақши бунёдӣ мебозанд. Мо ду роҳро барои исботи ин даъво пайравӣ мекунем: яке диалектикӣ ва дигаре техникӣ.

Роҳи аввал, «диалектикӣ», иборат аз таҳлили он аст, ки назарияҳои илмҳои сиёсӣ воқеан дар асосноккунии принсипҳои сиёсӣ аз кадом далелҳо истифода кардаанд. Ҳатто фалсафаи сиёсие, ки сахт зидди ахлоқисозии назарияи сиёсӣ аст, асосноккунии худро дар арзишҳои ахлоқӣ пайдо мекунад. Ба таври маъмулӣ, мутахассисони асосии фалсафаи сиёсӣ, ки барои принсипҳои адолат ва қонунмандӣ бо тамаркуз ба арзишҳои баробарӣ ва озодӣ баҳс мекунанд, дастгирии худро аз фарзияҳои ахлоқӣ мегиранд.

Роҳи дуюм, «техникӣ», баҳсест, ки аз нуқтаи назари Ҷ.Коген бармеояд ва даъво мекунад, ки фактҳо наметавонанд дар ниҳояти кор усулҳоро асоснок созанд, балки барои ҳар як факт бояд принсипи дигаре мавҷуд бошад, ки шарҳ диҳад, чаро он факт асосноккунанда аст. Дар натиҷа, мо ҳамеша бояд ба принсипҳое такя кунем, ки аз фактҳо мустақиланд. Аз ин

бармеояд, ки принсипҳои сиёсӣ танҳо бо такя ба принсипҳои ахлоқии аслӣ асоснок мешаванд. Ҳатто агар далели он, ки ин принсипҳо ахлоқӣ ҳастанд, мавриди баҳс қарор гирад, он чизе, ки мо далел овардем, боқӣ мемонад: принсипҳои сиёсӣ барои асоснокшавӣ аз принсипҳои аслии ахлоқӣ вобастаанд.

Ҳамин тавр, мо хулоса мебарорем, ки дар назарияи сиёсӣ меъёрҳои ахлоқӣ ҳамеша нақши асосноккунандаи бунёдиро мебозанд. Дар баробари ин, чунин мубоҳис ҳам вуҷуд дорад, ки дар сиёсати хориҷии давлатҳо, бахусус давлатҳои абарқудрат амалҳою иқдомҳо на ҳамеша дар доираи барномаи ахлоқии тарҳрезишуда сурат мегирад. Дар ин ҷо ҳамеша манфиат ва қудрат даст ба дасти ҳам ҳаракат мекунанд. Баҳсҳо атрофи ин масъала бо сари қудрат омадани Доналд Трамп, фош шудани тарҳҳои маблағгузории лоиаҳои "инқилобҳои ранга" аз ҷониби ЮСАИД, паҳлуҳои ҷонибдорӣ аз гурӯҳҳои даргир дар Ховари Миёна ва ғайра бештар гардид. Дар ин маврид, 26 феврали соли 2025 сухани вазири дифои ИМА расонаӣ шуд, ки мегӯяд: «Ӯ ба ҳеч ҳуқуқшиносе, ки дар мавриди дӯстию нодурустии тасмимгирии ҳарбиён доварӣ намояд, ниёз надорад» [14].

Дар баҳсҳои имрӯзаи илмӣ инчунин, масъалаи тафовутгузорӣ миёни поквиҷдонии сиёсӣ ва фиреби сиёсӣ ҳамчун ҷанбаҳои муҳимми ахлоқи сиёсӣ аз ҷониби олимон ба миён гузошта мешавад. Онҳое ки поквиҷдонии сиёсиро ҳамчун гарави ба манфиати ҳамагон хизмат намудани низоми сиёсӣ мешуморанд, бештар ба андешаҳои Арасту такя менамоянд. Ин ба он алоқаманд аст, ки Арасту сиёсату ахлоқро аз як маншаъ мешуморад ва ҳар дуро барои навъи саодати башар воҷиб медонад. Дар китоби «Сиёсат» Арасту қайд мекунад, ки сабаби асосии ташкили ҷомеаи сиёсӣ эҷоди шароите мебошад, ки барои рушди ҳама аъзои он мусоидат кунад. Рушди инсон вақте имконпазир мешавад, ки дар ҷомеа шароити мусоид барои зиндагии шоиста ва некӯаҳволии ҳама таъмин карда шавад.

Ин шароитро баъзе мутафаккирон ҳамчун манфиати умумӣ таъриф мекунанд. Аз ин рӯ, тамомияти ахлоқӣ нақши муҳимме дар расидан ба ҳадафи баландтар, яъне беҳбуд бахшидани зиндагии инсон тавассути таҳкими манфиати умумӣ, мебозад. Аз ин рӯ, тамомияти ахлоқӣ сифати рафторест, ки яклухт ва пайваста арзишҳо ва принсипҳои ахлоқии баландро бо ҳадафи таҳкими манфиати умумӣ риоя мекунад. Бар асоси ахлоқи фазилати Арасту, гарчанде тамомияти ахлоқӣ метавонад худ як арзиш бошад, он бояд бо як ҳадафи муайян парвариш карда шавад. Арасту дар асапраш–«Ахлоқи Никомах» таъкид мекунад, ки дар маркази ҳама фазилатҳо эвдеймония – рушду камоли инсон қарор дорад. Аз ин рӯ, шахсе, ки тамомияти ахлоқӣ дорад, одатан, аз хусусияти худ қаноатмандӣ эҳсос мекунад, ки ин ба худпазир будани он ишора мекунад. Аммо он ҳамчунин, ба некуаҳволии инсон мусоидат мекунад, ки онро арзиши асбобӣ низ

месозад.

Тибқи назари таҳлилгарони муосир Арасту ба андешаҳои мазкур аз он ҷиҳат мерасад, ки ба андешаи ӯ сиёсат ба идоракунии корҳои ҷамъиятӣ рабт дорад. Одатан, шахсе, ки чунин корҳоро идора мекунад, захираҳои ҷамъиятиро истифода мебарад, ки аз тарафи аҳолӣ якҷоя ҷамъ оварда мешаванд ё бевосита аз табиат гирифта мешаванд ва бинобар ин, бояд аз тарафи ҳама баробар истифода гарданд. Ин захираҳо шомили қобилиятҳои инсонӣ, молия, неруҳои амниятӣ, маъданҳо ва об мебошанд.

Аз ин рӯ, шахсе, ки идоракунии ин захираҳоро ба уҳда дорад, аз ҷиҳати ахлоқӣ вазифадор аст, ки онҳоро барои манфиати умумӣ истифода барад. Ин манфиати умумӣ он вақт таъмин карда мешавад, ки роҳбарон сиёсати умумиро пеш баранд, ки ҳадафи онҳо пешрафти некуаҳволии мардум аст.

Арасту бовар дорад, ки ҳадафи ҷомеаи сиёсӣ таъмин намудани он неъматҳое мебошад, ки барои шукуфоии ҳамаи аъзои он заруранд, ки онро маъмулан, «некуаҳволии инсонӣ» меноманд: «Возеҳ аст, ки ҳамаи иттиҳодҳо ба сӯйи як неъмат равона шудаанд ва иттиҳоди сиёсӣ, ки аз ҳама муҳимтар аст ва ҳамаи дигаронро дар бар мегирад, махсусан, ҳамон ки барои расидан ба беҳтарин неъматҳои ҳама равона шудааст. Ин иттиҳод шаҳр ё ҷомеаи сиёсӣ номида мешавад».

Мафҳуми манфиати умумӣ ба Афлотун, Арасту, Ситсерон ва Аквинат марбут аст. Дар замони муосир, он асосан бо Ҷон Ролз алоқаманд аст. Ин мафҳум маҷмуи шароити заруриро дар бар мегирад, ки барои аъзои ҷомеа баҳри расидан ба некуаҳволӣ ва зиндагии пурмаъно лозиманд. Ролз манфиати умумиро ҳамчун «шароити умумие муайян мекунад, ки ба маънои мувофиқ барои ҳама манфиатнок мебошанд». Ин мафҳум асосан шомили ниҳодҳо, низомҳои иҷтимоӣ ва муҳити зист мебошад, ки ҳамаи инсонҳо ба онҳо такя мекунанд.

Барои фаҳмидани амиқтари мафҳуми манфиати умумӣ, се хусусияти асосии он бояд баррасӣ шавад:

а) Манфиати умумӣ барои ҳама аъзои ҷомеа, новобаста аз мақоми иҷтимоии онҳо, нигаронида шудааст. Ин некуаҳволӣ на танҳо моддӣ аст, балки инсонро аз ҷиҳати ахлоқӣ, зеҳнӣ ва руҳонӣ рушд медиҳад. Ҳадафи он инкишофи хислатҳои хосси инсонӣ ва таъмин намудани зиндагии пурмазмун ва пурбаракат аст.

б) Манфиати умумӣ танҳо маҷмуи некуаҳволии инфиродӣ нест, балки он барои тамоми ҷомеа муштарак аст. Аз ин рӯ, барои баҳраманд шудан аз манфиати умумӣ, иштироки фаъолонаи аъзои ҷомеа зарур аст.

в) Манфиати умумӣ бо ваколати сиёсӣ зич алоқаманд аст. Гарчанде ҳамаи аъзои ҷомеа дар манфиати умумӣ саҳм мегузоранд, ваколати сиёсӣ нақши асосӣ дорад, зеро ба он захираҳои ҷамъиятӣ супорида шудаанд. Аз ин рӯ, ҳокимияти сиёсӣ бояд захираҳоро ба барномаҳои равонашуда ба

